**ТАНАЗЗУЛИ ИҚТИСОДИ ЭРОН**. Консорсиуми байналхалқӣ аз фурӯши нафти Эрон даромади афсонавӣ ба даст медаровард. Истеҳсоли солонаи нафт аз ҷониби ин консорсиум аз 32 миллион тоннаи соли 1950 дар соли 1961 то ба 57 миллион тонна расид. Дар ин давра чандин ширкати нафти Италия, Амрико ва Канада низ истеҳсоли нафти Эронро ба ичора гирифтанд.

Аз истеҳсоли нафт худи Эрон даромади ниҳоят кам мегирифт. Аз ин рӯ, бучаи давлатӣ доимо камомад дошт. Ба замми ин соли 1955 Эрон ба муоҳидаи Бағдод дохил шуд. Баҳори соли 1957 бошад, ҳукумати Эрон "Барномаи Эйзенхауэр" ном санади амрикоиро дастгирӣ намуда, бо ИМА созишнома баст. Ин созишнома вобастагии ҳарбӣ ва сиёсии Эронро бо Амрико боз ҳам пурзӯртар кард. Ба СЕНТО (аз соли 1959 Муоҳидаи Бағдод) дохилшавӣ Эронро аз ҳад зиёд ҳарбӣ кунонид. Харочоти ҳарбӣ дар бучети ҳарсолаи мамлакат наздики 40 фоизро ташкил мекард. Яке аз сабабҳои асосии бӯҳрони молиявии Эрон харочоти калони ҳарбии он буд. Дар ин шароит ҳукумат ба муомилот пули коғазии зиёд баровард, ки ин ба пастшавии қурби асъори миллӣ сабаб шуд.

1. Дар нимаи дуюми солҳои 50-ум бо кадом сабабҳо аҳволи иқтисодии Эрон вазнин шуд?
2. Гуноҳи ИМА ва Англияро дар заифшавии иқтисоди Эрон исбот кунед.

**ИСЛОҲОТИ ДАВЛАТӢ, Ё ХУД "ИНҚИЛОБИ САФЕД"**. Чӣ тавре ки пай бурдед, аҳволи молиявию иқтисодӣ ва ичтимоии Эрон ниҳоят вазнин буд. Барои ҳамин ҳукумат тасмим гирифт, ки ислоҳоти давлатӣ ба амал мебарорад. Мутахассисони Эрон аввал 6 лоиҳаи қонунҳоро таҳия намуданд, ки онҳо 23 январи соли 1963 аз тариқи райъпурсии умумихалқӣ қабул карда шуданд: 1) Ислоҳоти замин; 2) Милликунонии ҷангалҳо; 3) Фурӯхтани фабрика ва заводҳои давлатӣ барои маблағгузории ислоҳоти замин; 4) Иштироки коргарон дар даромади корхонаҳо; 5) Тағйири қонуни интихобот ба парлумон; 6) Таъсиси "ҳайати маориф" бо мақсади мубориза бар зидди бесаводӣ.

Баъдтар ба ин 6 қонун боз 6 қонуни дигар илова шуд, ки муҳимтарини онҳо таъсиси "Ҳайати тандурустӣ барои хизматрасонии тиббӣ ба деҳқонон" ва "Милликунонии манбаҳои об" буданд. Махсус қайд мекунем, ки ҳамаи ин қонунҳо ва амалӣ намудани онҳо дар Эрон номи "Инқилоби Сафед"-ро гирифтаанд.

Дар байни ҳамаи 12 қонун ҷузъи таркибии муҳимтарини ислоҳоти давлатӣ ислоҳоти замин буд. Он дар тӯли 10 сол амалӣ карда шуд.

Ислоҳоти сиёсию иқтисодии солҳои 60-ум Эронро аз бӯҳрони умумӣ баровард ва мустақилияти иқтисодию сиёсии мамлакат амри воқеӣ гардид. Масъалаҳои зиёди ичтимоии ҷомеа ҳалли худро ёфтанд.

1. Ислоҳоти иқтисодии солҳои 60-ум чӣ мақсад дошт?
2. Қисмҳои таркибии ислоҳоти давлатиро маълумот кунед.
3. Ба гурӯҳҳои хурд тақсим шуда, сабабҳои "Инқилоби Сафед" ном гирифтани ислоҳоти давлатиро дар Эрон исбот намоед.

## § 26. МУШКИЛОТИ РУШДИ МИЛЛИИ ТУРКИЯ

**ТУРКИЯ БАЪД АЗ ҶАНГИ ДУЮМИ ҶАҲОНӢ.** Туркия дар ин давра аз ҷиҳати иқтисодӣ ақибмонда буд. Аз ин рӯ, ҳукумати он роҳи ислоҳотро пеш гирифт. Соли 1945 қонуни замин қабул карда шуд. Он муносибатҳои истеҳсолиро дар деҳоти Туркия то як дараҷа танзим намуда бошад ҳам, то пешравии соҳаи кишоварзӣ мӯҳлати зиёд лозим буд.

Низоми сиёсии Туркия аз нав эҳё шуд. Дар фазои сиёсии ҷомеа Ҳизби Халқӣ - Ҷумҳурияхоҳӣ, Ҳизби Демократӣ, Ҳизби Корғарию Деҳқонии Сотсиалистӣ ва баъзе ҳизбҳои дигари хурдтари сиёсӣ фаъолият оғоз намуданд. Тобистони соли 1946 интихобот ба парлумони Туркия баргузор гардид, ки дар он ХХҶ ғолиб баромад. Қонун дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ қабул карда шуд, ки он таъсиси ҳизбҳои сиёсиро осон гардонид.

Дар баробари ин навгониҳои пешқадам зуҳуроти зиддидемократӣ низ арзи вуҷуд карданд. Қонуне қабул карда шуд, ки он ба сиёсат машғул шудани иттифоқҳои касабаро манъ кард. Соли 1948 ашхоси иртиҷопеша нависанда Сабоҳиддин Алиро парронданд. Гурӯҳи донишҷӯёну устодони Донишгоҳи Анқара барои таблиғоти коммунистӣ ҳабс карда шуданд.

**ЁРИИ ИМА БА ТУРКИЯ.** Бо шумо дар мавзӯи 6-ум "Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар солҳои 1945-1952" низ дар бораи муносибатҳои Амрико бо Туркия нақл карда будем. Акнун дар бораи муносибатҳои онлавраинаи ин давлатҳо васеътар маълумот медиҳем.

Тобеияти ба империализми Амрико аҳволи сиёсию иқтисодии Туркияро боз ҳам вазнинтар кард. Амрико ният дошт, ки Туркияро ба иммустамликаи худ табдил диҳад. Бояд гуфт, ки сиёсати хориҷии Амрико ба доираҳои ҳукмрон ва роҳбарони аксар аҳзоби сиёсии Туркия маъқул буд. "Ҷанги сард", ки онро ИМА оғоз кард, аз он ҷиҳат ба ҳукуматдорони Туркия маъқул буд, ки пеш аз ҳама, бар зидди Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба нафъи таблиғоти туркпарастӣ нигаронида шуда буд.

Президенти ИМА Гарри Трумэн ба Конгресс муроҷиат кард, ки барои ёрӣ ба Туркияю Юнон маблағи махсус ҷудо намуда, инчунин ба ин давлатҳо мушовирони ҳарбӣ равон карда шаванд. Аз ин вақт сар карда барои Туркия "Барномаи Трумэн" ба кор даромад. Аз рӯи қарордоди якҷоя Туркия ба қабули ёрии ИМА оғоз кард. Амрико ба Туркия лавозимоти ҳарбӣ ва мутахассисони сершумор фиристонид. Мутахассисон дар Туркия ба сохтмони фурудгоҳҳои ҳавоӣ, пойгоҳҳои ҳарбии баҳрӣ ва шоҳроҳҳои стратегӣ шурӯъ намуданд. Дар баробари ин ИМА бо Туркия тиҷоратро вусъат дод. Ба Туркия маҳсулоти истеъмолӣ оварда, аз он ҷо ашёи хом, аз он ҷумла, хром содир мекард. Ҳукумати Туркия бо ИМА дар доираи "Нақшаи Маршалл" созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расонид.

Дар асоси қарордодҳои якҷоя бо ИМА ва "Нақшаи Маршалл" Туркия дар тӯли 10 сол қариб 800 миллион доллар ёрӣ гирифт. Ғайр аз ин, Туркия аз Бонки байналхалқии азнавбарқароркунӣ ва рушд, ки дар зери назорати ИМА буд, 6 маротиба вомбарги арзиши умумиашон баробари 65 миллион доллар қарз гирифт. Дар баробари ин, ба Туркия Ҷумҳурии Федеративии Олмон низ ёрии молиявӣ расонид.

Қисми зиёди ин маблағ ба зарурати ҳарбӣ ва танҳо қисми ками он барои соҳаҳои асоситаи иқтисоди Туркия сарф карда шуд.

ИМА бар нерӯҳои ҳарбии Туркия назорат муқаррар намуда, ба корҳои дохилӣ ва хориҷии он беш аз пеш дахолат мекардагӣ шуд. Америко дар муносибат бо Туркия аввал ба Ҳизби Халқии Ҷумҳурияхоҳ такя мекард. Вале баъд дар ин ҳизб муқобилони ҳамкорӣ бо ИМА зиёдтар шуданд. Қисмати ҷонибдорон аз ҲХҶ ба Ҳизби Демократӣ пайвастанд. Чӣ тавре ки пай бурдед, Ҳизби Демократӣ ба хизматгори ИМА мубаддал гардид.

1. "Барномаи Трумэн"-ро дар муносибатҳои ИМА бо Туркия шарҳ диҳед.
2. Дар бораи ёрии молиявию ҳарбии Америко ва истифодаи он дар Туркия маълумот диҳед.
3. Чаро доираҳои ҳукмрони ИМА ба ин ва ё нерӯи сиёсии Туркия такя мекарданд?

**ИНТИХОБОТИ СОЛИ 1950.** Оғози соли 1950 маъракаи интихоботӣ ба Маҷлиси Бузурги Миллии Туркия оғоз ёфт. Нерӯҳои дигаргунсози катъӣ (радикалӣ), ки фаъолияташон маҳдуд карда шуда буд, дар интихоботи мазкур иштирок накарданд. Дар зери фишори нерӯҳои оппозитсионӣ ба намояндагони оппозитсия иҷозат дода шуд, ки ҳангоми ҳисоби овозҳои интихобкунандагон ҳузур дошта бошанд. Дар рафти маъракаи интихоботӣ дар байни ҷонибдорон ва муқобилони ин ҳизбҳои сиёсӣ бархӯрдҳо ба амал омаданд. Дар интихоботи соли 1950 ҲХҶ шикаст хӯрда, ҲД дастболо шуд. Ба ғалабаи Ҳизби Демократӣ дар интихоботи мазкур ҷонибдории ИМА ба он таъсир расонид.

Парлумони нав дар маҷлиси аввалини худ, ки моҳи маи соли 1950 баргузор гардид, роҳбари Ҳизби Демократӣ Баярро президенти Ҷумҳурии Туркия интихоб намуд. Ба раиси кабинети вазирон намояндаи Ҳизби Демократӣ - Мендерес таъйин гардид.

Ҳамин тариқ, дар Ҷумҳурии Туркия муассисаҳои демократӣ аз нав эҳё шуданд.

1. Натиҷаҳои интихоботи парлумонии соли 1950-и Туркияро таҳлил карда, аз он хулоса бароред.
2. Дар интихоботи соли 1950 бо кадом сабаб Ҳизби Демократии Туркия ғолиб баромад?

**ТУРКИЯ ДАР СОЛҲОИ 50-УМ.** Ҳукумати Мендерес самтҳои асосии сиёсати давлатиро тағйир надод. Вазни қиёсии сектори сармоядорию хусусиро афзун гардонид. Дар баъзе соҳаҳо ин сектор аз сектори давлатӣ ҳам зиёдтар шуд. Дар баробари ин ҳукумати Мендерес сармояи хориҷиро ба маблағгузории дохилӣ ҷалб кард. Ин чора барои дар иқтисоди Туркия пурқувват шудани сектори хусусӣ шароити хуб муҳайё намуд. Дар соҳаи кишоварзӣ заминдорон оҳиста-оҳиста ба усулҳои сармоядории ташкили меҳнат мегузаштанд. Акнун дар кишоварзӣ ҷоряккорӣ кам истифода бурда мешуд.

Ширкатҳои хориҷӣ дар Туркия баъзе имтиёзҳо ба даст даровардaнд. Аз ҳамин сабаб сармояи хориҷӣ ба сармоядорони дохилӣ зарари калон меовард. Тиҷорати номутаносиб бо давлатҳои хориҷӣ низ ба соҳибкорони дохилӣ ва сектори давлатӣ таъсири манфӣ ва зарар мерасонид. Гап дар сари он аст, ки Туркия ба хориҷи кишвар асосан ашёи хом мебаровард ва арзиши умумии он аз моли воридоти хориҷӣ маблағи камро ташкил менамуд. Вале мушкилоти сангин дар иқтисоди

мамлакат харочоти аз ҳад зиёд ба соҳаи ҳарбӣ буд. Дар натиҷаи ин карзи дохилӣ ва хориҷии давлат бемайлон зиёд мешуд. Соли 1955 бо сабаби он ки ҳукумат барои пӯшонидани пардохти дохилӣ маблағ надошт, маҷбур шуд, ки барои ин кор қариб тамоми захираи тиллои Туркияро сарф намояд.

Ҳукумат кишти ғалларо бо мақсади содир кардани он зиёд кард. Вале ин тадбир натиҷаи дилхоҳ надод. Бештари ғаллароТуркия мисли пештара аз хориҷа мехарид.

Ин ҳама нобасомониҳои иқтисодӣ аҳволи мардуми оддиро табоҳ кард. Бо ҳамин сабаб дар мамлакат ҳаракати иҷтимоӣ вусъат ёфта, дар баъзе минтақаҳо ҳатто ба берхӯрдҳои хунин табдил ёфт.



*Расми 60. Яке аз маҳаллаҳои шаҳри Истамбул.*

Моҳи июли соли 1950 дар Туркия Ҷамъияти ҷонибдорони сулҳ таъсис ёфт. Он ба мӯқобили иштироки лашкари Туркия дар ҷанги истилогаронаи империализми Амрико дар Корея мубориза бурда, намоиш ва гирдиҳамоиҳо ташкил карда, варақаю эъломияҳо паҳн менамуд. Фаъолияти ҷамъият аз тарафи мардуми Туркия дастгирӣ карда шуд. Қисми артиши Туркия низ муқобили ин сиёсати Ҳукумати Мендерес буд. Моҳи январи соли 1952 ҳангоми ба Кореяи Ҷанубӣ равон кардани артиши Туркия гурӯҳи калони аскару афсарҳо дар бандари Искандария шӯриш бардоштанд. Ин шӯришро ҳукумати Мендерес пахш кард.

Кабинети Мендерес дар сиёсати хориҷии худ мавкеи рӯ ба Амрикоро пеш гирифта, бо ҳамин нуфузи иқтисодию сиёсии ин мамлакатро дар Туркия пурзӯр гардонид. Дар ин бора чанд нуктаро ба таваҷҷӯҳи шумо пешкаш менамоем.

**САНАҲО, ВОҚЕАҲО, ДАЛЕЛҲО**

- **Охири соли 1951 Туркия ба паймони ҳарбии НАТО дохил шуд.**
- **Моҳи феврали соли 1955 Туркия бо Ироқ паймони ҳарбӣ баст, ки баъд ба онҳо Британияи Кабир, Покистон ва Эрон низ ҳамроҳ шуданд. Ҳамин тариқ, муоҳидаи Бағдод таъсис ёфт.**
- **Инқилоби моҳи июли соли 1958 дар Ироқ ба Паймони Бағдод зарбаи сахт зад.**
- **Бо мақсади дар Шарқи Наздик мустаҳкам кардани мавкеи худ баҳори соли 1959 ИМА бо Туркия, Эрон ва Покистон созишнома ба имзо расонид.**

Ҳамин тариқ ба ҷои муоҳидаи Бағдод паймони нави ҳарбӣ - СЕНТО бо марказаш дар ш. Анқара ба вуҷуд омад.

• Соли 1959 Туркия ба ИМА иҷозат дод, ки дар қаламрави он пойгоҳҳои ҳарбӣ созад.

• Аз соли 1954 дар сиёсати хориҷии Туркия масъалаи Кипр ҷои намоёнро ишғол намуд. Туркия ҷидду ҷаҳд ба харҷ дод, ки ҷазираи Кипр дар байни ду ҷамоаи миллӣ - туркҳо ва юнониҳо тақсим карда шавад.

Бо сабаби сиёсати гузашткунӣ ба хориҷиён ва хароҷоти калони ҳарбӣ дар Туркия бӯҳрони тезу тунди сиёсӣ ба амал омад. Аз моҳи августи соли 1958 сар карда Туркия дар ҳолати муфлисӣ қарор гирифта, то охири ҳамон сол ҳама гуна пардохтҳоро қатъ кард. Ҳукумати Мендерес барои ёрӣ ба ҳукуматҳои ИМА ва ҶФО муроҷиат кард. Вале ёрии ин давлатҳо бесарусомонии иқтисодиро дар Туркия барҳам зада натавонист. Норозигии нерӯҳои сиёсӣ ва халқ торафт пурзӯр мешуд. Мендерес даст ба зӯроварӣ зад. Ӯ ин корро пештар ҳам карда буд. Ҳанӯз моҳи октябри соли 1953 дар шаҳри Истамбул паси дарҳои баста "мурофиаи 167" баргузор гардида буд. Дар он арбобони пешқадами миллатҳои гуногун - туркҳо, курдҳо, лазҳо, юнониҳо ва арманҳоро бо баҳонаи ташкил кардани созмони коммунистӣ ба суд кашида буд. Дар натиҷаи шиканҷаи сахт аз 167 нафар 15 нафарашон девона шуданд. 151 нафари онҳоро ба мӯҳлатҳои гуногун хабс карданд. Агар соли 1953 таъқиби мардум аз рӯи ақидаи коммунистӣ бошад, пас баъди ин ба таъқиботи нав даст задани Мендерес бар зидди нерӯҳои сиёсие, ки қисми таркибии низоми сиёсии Туркияро ташкил менамуданд, равона карда шуда буд. Дар амал ин иқдоми Мендерес маънои рӯйоварӣ ба диктатураро дошт.

1. ИМА ба Туркия ёрии ҳарбӣ расонида, чӣ мақсад дошт?
2. Сиёсати хориҷии ҳукумати Мендерес ба иҷрои кадом мақсадҳо равона карда шуда буд?
3. "Санаҳо, воқеаҳо, далелҳо"-ро омӯхта, ба сиёсати хориҷии ҳукумати Мендерес баҳо диҳед.
4. Сабабҳои соли 1958 рӯй ба иртиҷоъ овардани нахуствазири Туркия - Мендересро баён кунед.

**ТАБАДДУЛОТИ СОЛИ 1960.** Бӯҳрони шадиди иқтисодӣ дар Туркия беасар намонд. Он бӯҳрони сиёсиро ҳам ба вуҷуд овард. То баҳори соли 1960 бӯҳрони сиёсӣ ба шиддати баландтарини худ расид. Дар зери шиори "Мендерес ба истеъфо равад!" намоишҳои оммавии донишҷӯён доир гардиданд. Пулис ба муқобили намоишчиён аз силоҳ истифода бурд. Дар натиҷа як қисми намоишчиён ҷони худро аз даст доданд.

Куштори намоишчиён қаҳру ғазаби мардумро ба вуҷуд овард. Бо нишони эътироз ба амалҳои ноҷавонмардонаи Мендерес сарфармондеҳи нерӯҳои мусаллаҳи пиёдагизом генерал Гюрсал ба истеъфо рафт.

Моҳи май шогирдони омӯзишгоҳҳои ҳарбӣ ва Академияи ҳарбӣ бо ҳамроҳии устодони худ ба кӯчаҳои Анқара баромада, бар зидди Мендерес эътироз баён намуданд. Мардум онҳоро бо хитобаҳои "Зинда бод артиш!", "Мо ба Отатурк содиқем!", "Нест бод Мендерес!" пешвоз гирифтанд. Гурӯҳи афсарон бо сардории

генерал Гюрсал ба артиш такя карда, 27 маи соли 1960 табаддулоти давлатӣ ба амал баровард. Мендерес ва роҳбарони дигари Ҳизби Демократӣ ҳабс карда шуданд, Ҳукумат ва Шӯрои Бузурги Миллии Туркия пароканда ва ҳизбҳои сиёсӣ манъ карда шуданд. Моҳи сентябри соли 1961 бо ҳукми Суди Олӣ Мендерес ва ду вазири ӯ қатл ва садҳо арбобони режими қаблӣ маҳкум карда шуданд. Ҳокимият дар мамлакат ба дасти Кумитаи Ягонагии Миллӣ (КЯМ) гузашт, ки ба он Гюрсал роҳбарӣ мекард. Ӯ эълон дошт, ки мувофиқи манфиатҳои миллии Туркия амал мекунад ва ба васиятҳои Отатурк содиқ аст. Ҳамин тариқ, режими Ҳизби Демократӣ бо сардории Мендерес мавҷудияти худро гум кард. Ин режим дар Туркия 10 сол ҳукмронӣ карда, мувофиқи табъи сиёсати ИМА амал намуда, мамлакатро то фалокати иқтисодӣ ва аз даст додани истиқлолияти давлатӣ оварда расонид.

Барои Туркия давраи дигар фаро расид. Ба ҳокимияти нав зарур буд, ки иқтисоди Туркияро ба манфиатҳои миллӣ рушду нумӯъ дода ва истиқлолияти иқтисодию сиёсии Туркияро таъмин намояд.

1. Кадом кирдорҳои Мендерес қаҳру ғазаби мардуми Туркияро ба вуҷуд оварданд?
2. Ба табаддулоти давлатии генерал Гюрсал баҳо диҳед. Оё роҳи дигаре вуҷуд дошт, ки ҷомеаи Туркия аз фалокати иқтисодӣ эмин нигоҳ дошта шавад?
3. Оё манъи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ аз тарафи Гюрсал дуруст буд?

**ТУРКИЯ ДАР СОЛҲОИ 60-УМ.** Дар солҳои 60-ум дар иқтисоди Туркия мавқеи саноат афзуд. Иттиҳодияҳои калони давлатии сармоядорӣ ва сармояи хусусӣ ба вуҷуд омаданд, аз он ҷумла дар саноати қанд, кир, дорусозӣ ва баъзе соҳаҳои дигар.

Дар кишоварзӣ муносибатҳои сармоядорӣ боз ҳам вусъат ёфтанд, шумораи хоҷагиҳои механиконидашудаи фермерии калон афзуд. Сарфи назар аз ин муваффақиятҳо дар соҳаи кишоварзӣ ҳанӯз ҳам истифодаи мошин кам ба назар мерасид. Танҳо 14 фоизи майдони кишт бо трактор, 20 фоизи заминҳо аз тариқи чоряккорӣ ва шаклҳои дигари тосармоядорӣ киштукор карда мешуд.

Рушди Туркия бо роҳи сармоядорӣ дар соҳаи иҷтимоӣ тағйиротҳои сифатӣ ба вуҷуд овард. Табақаҳои нав - буржуазияи саноатӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ ва деҳотӣ ба вуҷуд омаданд. Шумораи коргарон ҳам зиёд шуд. Коргарони шаҳрӣ то соли 1960 тақрибан 2 миллион нафарро ташкил мекард, ки наздики нисфи он дар фабрикаю заводҳо кор мекарданд. Дар соҳаи кишоварзӣ коргарон кам бошанд ҳам, пайдо шуданд.

Баъд аз табаддулот Конститутсияи Муваққатии Туркия қабул карда шуд. Дар он Кумитаи Ягонагии Миллӣ (КЯМ) мақоми олии қонунгузори мамлакат эълон карда шуд. Раиси он Гюрсал ба Ҳукумати Муваққатӣ сарварӣ кард. Ҳукумати Гюрсал барномаи нави худро оид ба беҳбуди вазъи иқтисодӣ ва демократикунонии мамлакат эълон кард. Ҳангоми баррасии мушкилоти сиёсию иқтисодии Туркия КЯМ ба ду гурӯҳ тақсим шуд: мӯътадилон, ки ҷонибдорони генерал Гюрсал, ки бо Ҳизби Халқӣ-Радикалӣ робита доштанд ва радикалӣ - миллӣ, ки аз афсарони ҷавон иборат буданд. Гурӯҳи аввал доир гардонидани интихоботро муҳим мешуморид. Гурӯҳи дуюм бошад, ҷонибдори харҷи тезтар ба амал омадани ислоҳоти радикалӣ буд, аз он ҷумла оид ба замин, андоз ва маориф. Дар байни ин гурӯҳҳо дар масъалаи сиёсати хориҷии Туркия низ ягонагӣ

вуҷуд надошт. Генералҳо ҷонибдори иттифоқи зич бо ИМА, иштироки Туркия дар НАТО ва СЕНТО буданд; афсарони ҷавон бошанд, ҷонибдори сиёсати мустақилонаи хориҷии Туркия будани худро иброз доштанд. Дар ниҳояти кор, гурӯҳи мӯътадилон дар ин мубориза дастболо шуда, радикалҳоро аз ҳайати КЯМ бароварданд.

Моҳи маи соли 1961 интихобот ба Маҷлиси муассисон доир гардид. Он Конститутсияи нави Туркияро қабул кард. Дар он озодиҳои демократӣ таҷассум ёфта буданд.

Баъди бекор карда шудани манъи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ арбобони дар озодимондаи Ҳизби Демократӣ ду ҳизби нав таъсис доданд - Ҳизби Адолат ва Ҳизби Туркияи Нав. Дар интихобот ба Маҷлиси Туркия охирҳои соли 1961 ин ҳизбҳо ба гирифтани аксарияти овозҳои интихобкунандагон ноил шуда натавонистанд. Гюрсал, ки президенти Ҷумҳурии Туркия интихоб шуда буд, таъсиси Кабинети вазиронро ба роҳбари КЯМ Инёню супорид. Моҳи ноябри соли 1961 бори аввал дар таърихи навини Туркия ҳукумати эътилофӣ ташкил ёфт. Ба ин ҳукумат намояндагони КЯМ ва Ҳизби Адолат дохил шуданд. Кабинети эътилофии Инёню ба баррасии ягон масъалаи муҳими мамлакат шурӯъ карда натавонист, чунки намояндагони Ҳизби Демократӣ ба он монеъ мешуданд.

Муборизаи сиёсӣ дар атрофи масъалаи афви зиёда аз 600 нафар ҷонибдорони Мендерес, ки барои вайрон кардани Конститутсияи Туркия ва ҷиноятҳои мансабӣ ба ҳабс маҳкум карда шуда буданд, тезу тунд шуд. Ин баҳс нишон дод, ки дар Туркия масъалаҳои рӯзмарра ҳанӯз ҳал нагардидаанд. Вазъи мамлакат аз нав мураккаб гардид. Якчанд маротиба ҷидду ҷаҳди табаддулоти давлатӣ ҳам ба миён омад. Ба ин кор афсарҳои рӯҳияи радикалидошта даст заданд. Вале ин кӯшишҳоро артиш пахш кард. Бо сабаби муқовимати байниҳамдигарии ҳизбҳо ҳукумат борҳо ба бӯҳрон дучор шуд. Ин буд, ки солҳои 1961-1965 дар Туркия ҳукумат чор маротиба иваз шуд. Ба се кабинети аввал Инёню ва ба кабинети чорум сенатори бетараф Ургюплю сардорӣ мекард.

Сарфи назар аз мушкилиҳо мақомоти давлатӣ ҳаёти сиёсии мамлакатро ба роҳи демократӣ ворид месохтанд. Моҳи октябри соли 1965 ба Маҷлис интихоботи навбатӣ баргузор гардид. Дар он Ҳизби Адолат аксарияти ваколатномаҳо - аз 450 ҷой 240-тоашро ба даст даровард. Ҳизби Халқии Радикалӣ бошад, ҳамагӣ 134 ваколатнома гирифт. Ин муваффақият имконият дод, ки ҳукумати якҳизбии Ҳизби Адолат ташкил карда шавад. Ба ҳукумати нав роҳбари ин ҳизб Демирел роҳбарӣ кард.

Ҳукумати Демирел ҷонибдори дар Туркия маблағгузории хусусию хориҷӣ, маҳдуд кардани этатизм (ба ин принсипи Камол Отатурк шумо дар синфи 9-ум шинос шуда будед) - яъне дар иқтисоди мамлакат зиёд кардани сектори давлатӣ мебошад.

Сиёсати иқтисодии ҳукумати Демирел ва ҳукуматҳои минбаъда имконият доданд, ки Туркия дар тӯли солҳои 70-ум ва 90-ум ба муваффақиятҳои калони иқтисодию иҷтимоӣ ноил шавад.

1. То соли 1960 иқтисоди Туркия дар кадом ҳолат буд? Бо далелҳо исбот кунед.
2. То соли 1960 дар соҳаҳои иҷтимоии Туркия кадом тағйиротҳо ба амал омаданд?
3. Дар бораи ҷараёни навгониҳои сиёсию иқтисодии Туркия дар солҳои 60-ум маълумот диҳед.
4. Аз мавзӯъ хулоса бароред.

# § 27. МАМЛАКАТҲОИ АРАБ: ШАРҲИ УМУМӢ

**БА СӮИ ИСТИҚЛОЛИЯТ.** Ба шумо маълум аст, ки аксар мамлакатҳои Араб мустамликаҳои империяи Туркияи Усмонӣ буданд. Баъд аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ин империя барҳам хӯрд. Вале аксарияти мустамликаҳои Туркияро давлатҳои аъзои паймони Антанта аз тарики низоми ваколати Лигаи Миллатҳо дар байни худ ва баъзе давлатҳои дигар тақсим карданд. Аз ин рӯ, мулкҳои Араб дар тӯли зиёда аз чоряк аср бар зидди мустамликадорони нав мубориза мебурданд. Баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҳаракати миллию озодихоҳии мамлакатҳои Араб аз нав вусъат ёфт. Шарқи Араб яке аз минтақаҳои асосии мубориза бар зидди империализм гардид. Режимҳои асримиёнагии тарафдори давлатҳои империалистӣ дар Миср, Ироқ, Яман ва Либия барҳам зада шуданд. Халқҳои Алҷазоир, Марокаш, Тунис, Адан (қисми Яман) ва Судон истиқлолият ба даст оварданд. Ширкатҳои инҳисории хориҷиён миллӣ кунонида шуданд, аз он ҷумла, ширкати "Канали Суэтс" ва "Ирак петролиум" ҳам. Пойгоҳҳои ҳарбии давлатҳои империалистӣ дар Миср, Ироқ, Либия, Алҷазоир ва мамлакатҳои дигари Араб барҳам дода шуданд. Сиёсати истилогаронаи паймонҳои ҳарбии давлатҳои империалистӣ ба муқовимати шадиди мамлакатҳои арабӣ озодшуда дучор шуданд. Дар баробари ин дар як қатор мамлакатҳои араб таҳаввулоти самараноки иҷтимоию иқтисодӣ ба амал омаданд.

Баъди истиқлолият дар мамлакатҳои Араб масъалаи рушди иқтисодӣ ба миён омад. Зарур шуд, ки иқтисоди миллӣ ташкил ва рушду нумӯъ дода, оқибатҳои ғуломии мустамликадории империалистӣ барҳам дода шаванд.

Дар сохти сиёсии мамлакатҳои араб тағйиротҳои куллӣ ба амал омаданд. Дар шароити нав рисолати аҳзоби сиёсӣ тағйир ёфт. Баъзе ҳизбҳо барҳам хӯрда, ҳизбҳои нав ба вуҷуд омаданд, ки онҳо дар пояи манфиатҳои миллӣ фаъолият мекарданд. Пешвоёни нави сиёсӣ ба камол расиданд.

Баъд аз истиқлолият барои давлатдорӣ аз се сохти сиёсӣ якеро интихоб кардан лозим буд. Роҳи аввал, мондан дар ҳолати азалии феодалии асримиёнагӣ, ки иқтисоди он ба мулкдорӣ-заминдорӣ асос ёфта, идораи он мутлақияти истибдодӣ буд. Роҳи дуюм, ҷомеаи демократӣ аст, ки идораи давлатӣ демократӣ буда, иқтисоди он аз тариқи бозоргонӣ ва соҳибкории озод рушду нумӯъ меёбад. Роҳи сеюм сохти сотсиалистӣ мебошад, ки иқтисоди он ба моликияти умумихалқӣ (давлатӣ) ва планӣ асос ёфтааст.

1. Вазъи умумии сиёсии мамлакатҳои Араб дар кадом зина қарор дошт?
2. Аз харитаи сиёсии ҷаҳон мамлакатҳои арабро нишон диҳед.
3. Роҳҳои эҳтимолии рушди ояндаи мамлакатҳои арабро номбар кунед.

**МУШКИЛОТИ ИҚТИСОДӢ.** Иқтисоди давлатҳои араб дар замони мустамликавӣ ва ваколат низоми устувори миллӣ надошт. Аз ин рӯ, сарфи назар аз роҳҳои интихобкардаи худ ин ва ё он мамлакати араб дар иқтисод, пеш аз ҳама, бояд соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, савдо, молияро тавассути ислоҳот ба манфиатҳои умумимиллӣ ба роҳ медароварданд. Барои иҷрои ин кор воситаҳои дохилӣ истифода бурда мешуданд.

Қариб дар ҳамаи мамлакатҳои араб заминҳои киштбоб кам буданд. Аз ин рӯ, озуқаворӣ намерасид. Ба замми ин истеҳсолоти кишоварзӣ дар сатҳи паст қарор

дошт. Ин сабабҳо ҳукуматҳои мамлакатҳои арабро водор кард, ки маблағи калонро маҳз ба ҳамин соҳа равона созанд. Миср, Сурия ва Ироқ дар бораи ислоҳоти замин қонунҳо қабул карда, кӯшиш ба харҷ доданд, ки мушкилоти дар соҳаи кишоварзӣ мавҷудбударо бартараф намуда, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро зиёд кунанд, доираи нуфузи кооперативи кишоварзиро васеъ намоянд ва зиддиятҳои иҷтимоиро дар деҳот мӯътадил гардонанд.

Баъд аз ба даст овардани истиқлолият мамлакатҳои араб дар иқтисод ба як қатор муваффақиятҳо ноил шуданд. Иншоотҳои калони обёрӣ сохта шуданд. Истифодаи техникаи кишоварзӣ, нуриҳои кимиёвӣ ва усулҳои навини пешбурди кишоварзиро васеъ карданд. Заминҳои бекорхобида аз нав ба кор андохта шуданд.

Сармоядорони калон дар солҳои аввали баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба саноат бо хоҳиши том маблағгузорӣ намекарданд. Онҳо сармояи худро бештар ба соҳаҳои хизматрасонӣ, тиҷорат ва сохтмони манзил сарф мекарданд. Аз ин рӯ, давлат маҷбур мешуд, ки маблағгузории худро ба саноат зиёд кунад. Лекин давлат аз ӯҳдаи ин кор танҳо баромада наметавонист, чунки буҷети давлатӣ барои ин соҳа маблағи калон надошт.

То солҳои 60-ум дар як қатор мамлакатҳои араб сектори давлатии иқтисод пеш рафта, дар таъмини мамлакат аз молҳои асосӣ саҳми калон мегузошт. Милликунонии корхонаҳои хориҷиён, корхонаҳои калони саноати миллӣ, ширкатҳои молиявӣ ва тиҷорати берунӣ дар иқтисоди як қатор мамлакатҳои араб мавқеи афзалиятнокро ишғол кард. Дар баробари ин давлат саноати хурду миёна ва тиҷорати дохилиро ҳавасманд мегардонид. Дар шароити нав ба ҳамаи мамлакатҳои араб саноати вазнин зарур буд. Ин кор ба манфиатҳои рӯзафзуни миллӣ мувофиқат мекард. Вале на ҳамаи минтақаҳои ин ва ё он давлати араб баробар пеш мерафтанд. Аз ин рӯ, ҳукуматҳои онҳо ҷидду ҷаҳл ба харҷ медоданд, ки ин ноҳамгуниро бартараф намоянд. Дар баъзе мамлакатҳои араб гузариш ба иқтисоди планӣ ба назар мерасид, лекин асосан - дар сектори давлатӣ.

Дар солҳои 60-ум ва нимаи аввали солҳои 70-ум дар баъзе мамлакатҳои араб аз сиёсати милликунонӣ даст кашиданд. Корхонаю муассисаҳои қаблан милликунонидашуда аз нав ба сектори хусусӣ дода шуданд. Аз ҳамин сабаб дар саноат ҳиссаи сектори хусусӣ афзуд.

Саноати истеҳсоли нафт бо сабаби нарасидани маблағ мушкилоти зиёдро аз сар мегузаронид. Дар чунин шароит вомбарги хориҷӣ барои иқтисоди ин мамлакатҳо дорои аҳамияти калон буд. Мушкилоти дигар дар он зоҳир меёфт, ки дар аксарияти мамлакатҳои араб кадрҳои муҳандисию техникӣ намерасиданд.

Дар иқтисоди Тунис ва Миср вомбаргҳои хориҷӣ ҷои намоёнро ишғол менамуданд. Дар ин мамлакатҳо тавассути вомбарг ба соҳаҳои алоҳидаи иқтисод маблағгузорӣ карда мешуд.

Иқтисоди баъзе мамлакатҳои араб яктарафа тараққӣ мекард. Дар Аарабистони Саудӣ, Кувейт, Қатар, Баҳрайн ва Либия даромад аз содироти нафт зиёда аз 90 фоиз ва дар Ироқ ва Алҷазоир бошад, 40-50 фоизи буҷаи давлатиро ташкил медод.

Дар соҳаи саноат ширкатҳои инҳисории хориҷӣ мавқеи ҳукмронро ишғол мекарданд. Онҳо ҷустуҷӯ, истехсол, содир кардан ва коркарди аввалияи нафтро дар зери назорати худ доштанд. Ширкатҳои нафти давлатӣ таъсис дода шуданд. Онҳо мустақилона ҷустӯҷӯ, истехсол ва содироти нафтро ба ӯҳда гирифтанд. Ғайр аз ин ширкатҳои омехта ташкил карда шуданд. Онҳо дар кори худ маблағгузории хориҷиро низ истифода мебурданд.

Истеҳсоли нафт ва аҳамияти нафти араб дар иқтисоди ҷаҳонӣ то ҷанг зиёдтар мешуд. Дар Британияи Кабир, Фаронса ва Италия нафти аз мамлакатҳои араб воридгардида аз се ду ҳиссаи нафти дар мамлакатҳои Ғарб коркардшударо ташкил медод. Нафти араб дар сиёсат низ ба кор бурда мешуд. Масалан, давлатҳои араби аъзои Созмони Содиркунандаи Нафт (ОПЭК) нафтро ба муқобили таҷовузкории Исроил ва давлатҳое, ки онро дастгирӣ мекарданд, истифода бурданд.

Давлатҳои араб ба он муваффақ шуданд, ки ҳиссаи онҳо дар тақсими даромад аз нафт то 55 фоиз расонида шавад.

Мамлакатҳои Содиркунандаи Нафт аз нафти арабҳо сармояи афсонавӣ ба даст медароварданд. Истифодаи ин маблағҳо аз режими сиёсӣ вобаста аст. Ҳукуматҳои Алҷазоир ва Ироқ ин маблағро кӯшиш мекарданд, ки барои дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар истифода баранд. Баъзе давлатҳои араб, масалан, Кувайт ва Арабистони Саудӣ маблағҳои аз фурӯши нафт бадастовардаро ба ширкатҳои хориҷӣ маблағгузорӣ мекарданд. Мамлакатҳои араб дар масъалаи истеҳсоли нафт ва фурӯши он дар шароити нав мавқеи устувортарро ишғол намуданд. Аз ҳамин сабаб ИМА ва мамлакатҳои дигари абарқудрати Ғарб маҷбур шуданд, ки ба арабҳо гузашт кунанд. Ба онҳо аз даромади фурӯши нафт маблағи зиёдтар пардозанд. Сарфи назар аз ин онҳо нисбат ба мамлакатҳои араб аз сиёсати мустамликадории нави худ даст накашиданд.

1. Баъд аз Ҷанги [illegible] мамлакатҳои араб кадом [illegible] аз сар [illegible]?
2. Вазъи соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди мамлакатҳои арабро шарҳ диҳед.
3. Ба гурӯҳҳои хурд тақсим шуда, дар бораи самтҳои асосии рушди иқтисодии мамлакатҳои араб табодули назар намоед.

**ВАЗЪИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ.** Рушди иқтисоди миллӣ ва махсусан дар саноати вазнин талаб кард, ки захираҳои зиёди меҳнатӣ истифода бурда шаванд. Дар натиҷа шумораи коргарони миллӣ, махсусан дар корхонаҳои сектори давлатӣ хеле афзуд.

Дар айни замон дар назди мамлакатҳои араб масъалаи шуғли меҳнат, бекорӣ, афзоиши аз ҳад зиёди аҳолии деҳот меистод. Дар Миср ҳукумат ҳафтаи кориро дар корхонаҳои сектори давлатӣ кам кард. Дар ду ҷой кор карданро маҳдуд сохт, то ки ҷойҳои нави корӣ пайдо шаванд. Вале бо ин роҳ мушкилоти бекориро ҳал кардан амри муҳол буд. Дар солҳои 1945-1970 аҳли меҳнат ба давлатҳои дигар барои кор кардан кӯч мебаст. Мушкилоти иқтисодии мамлакатҳои араб аз пештара дида вазнинтар шуд. Аз як тараф, нерӯи муҳандисию коргарии тахассуснок дар худи мамлакатҳои араб намерасид, аз тарафи дигар, мутахассисон аз он мамлакатҳо ба ИМА ва давлатҳои дигари аз ҷиҳати саноатӣ пешқадам кӯчида мерафтанд. Дар ин давра ҳиссаи калонтарини кӯчбандӣ аз мамлакатҳои истеҳсолкунандаи нафт аз Арабистони Саӯдӣ, Кувайт, Аморатҳои Муттаҳидаи Араб ва Либия буд. Дар баробари кормандони муҳандисию техникӣ ба мамлакатҳои Ғарб кормандони соҳаи хизматрасонӣ ҳам кӯчида мерафтанд. Як қисми зиёиён низ мамлакатҳои арабро тарк мекарданд.

Дар солҳои истиқлолият шумораи зиёиёни миллӣ афзуд. Дар таркиби табақаи зиёиён тағйирот ба амал омад. Дар давраи то истиқлолият мутахассисони

соҳаҳои гуманитарӣ бештар буда, баъд аз истиқлолият масъала гузошта шуд, ки бештар кадрҳои муҳандисию техникӣ тайёр карда шаванд. Ин талабот тағйири низоми маорифро тақозо кард. Ислоҳоти маориф дар аксар мамлакатҳои араб ба амал бароварда шуд. Дар тайёр кардани кадрҳои муҳандисию техникии баландихтисос барои мамлакатҳои араб Иттиҳоди Шӯравӣ ва баъзе мамлакатҳои дигари Ғарб саҳм мегузоштанд.

Дар сиёсати иҷтимоии аксар мамлакатҳои араб қабилаҳои кӯчманчӣ ва нимкӯчманчӣ аҳамияти калон касб карда буданд. Чунин қабилаҳо дар Сурия, Судон, Либия, мамлакатҳои араби Мағриб, Арабистони Саудӣ, Уммон, Ҷумҳурии Араби Яман ва Ироқ мавҷуд буданд. Онҳо дар ин мамлакатҳо нерӯи муҳими сиёсиро ташкил медоданд. Танҳо дар Уммон зиёда аз 200 қабила мавҷуд буд. Аз ин рӯ, дар мамлакатҳои араб сиёсати боздолати иҷтимоии давлатӣ лозим буд. Беҳуда нест, ки дар Арабистони Саудӣ барномаи "Рушди биёбон" қабул карда шуд, ки он обёрии заминҳоро дар минтақаҳои сукунати қабилаҳои кӯчманчӣ, ташкили фермаҳои давлатӣ, нигоҳубини чарогоҳҳо ва сохтани чоҳҳои оби ошомиданӣ пешниҳод кард, то ки ин қабилаҳо ба зиндагии муқимӣ гузаранд. Дар баробари ин, аз даромади фурӯши нафт ба чунин қабилаҳо ёрии молиявӣ ҳам расонида мешуд.

Дар мамлакатҳои араб мушкилоти ҳалношудаи иҷтимоию этникӣ бисёр буданд, аз он ҷумла, мушкилоти вобаста ба фарқияти динию мазҳабӣ ва забонӣ, масалан, дар Судон, Лубнон ва мамлакатҳои араби Мағриб.

Он вақт дар баъзе мамлакатҳои араб ҳанӯз ҳам ғуломдорӣ ва ғуломфурӯшӣ ҷой дошт. Ғуломонро дар Уммон, Арабистони Саудӣ ва Яман вохӯрдан мумкин буд. Дар солҳои 60-ум одамоне, ки дар натиҷаи қарздорӣ ба ғуломӣ табдил ёфта буданд, озодии худро тавассути кор дар конҳои нафти АРАМКО (аз фаъолияти ин ширкат шумо аллакай аз омӯзиши таърихи умумӣ дар синфи 9 бохабар хастед) мехариданд.

Моҳи декабри соли 1971 Маҷлиси Муассисони Ҷабҳаи Миллии Озодибахши Уммон ва Халиҷи Форс талаб кард, ки дар мамлакатҳои араб ғуломдорӣ барҳам дода шавад.

**1. Чаро мушкилоти иҷтимоӣ-этникӣ дар мамлакатҳои араб ин қадар зиёд буданд? Ҳукуматҳои мамлакатҳои араб онҳоро чӣ тавр бартараф мекарданд?**
**2. Тавассути баҳс дар гурӯҳҳои хурд муайян намоед, ки масъалаҳои иҷтимоӣ-этникиро дар мамлакатҳои араб боз ба кадом роҳҳои дигар ҳал кардан мумкин буд?**

**МАСЪАЛАИ ЯГОНАГИИ АРАБҲО.** Ягонагии мамлакатҳои араб дар таъсиси созмонҳои муштараки сиёсии минтақавӣ ва ташкили иттиҳодҳои давлатию федератсияҳо, наздикшавии давлатҳои араб дар асосҳои гуногун ифода ёфтааст. Масалан, дар як қатор давлатҳои араб Ҳизбҳои БААС ва созмонҳои дигари ҳамном таъсис ёфтаанд. Созмони Ҳаракати Миллатчиёни Араб яке аз ҳамин гуна созмонҳо мебошад.

Моҳи марти соли 1945 Лигаи Мамлакатҳои Араб таъсис дода шуд, ки маркази он дар Миср буд. Ин созмон дар назди худ вазифа гузошт, ки рушди сиёсӣ ва иқтисодии мамлакатҳои арабро танзим менамояд. Лигаи Мамлакатҳои Араб ҳаракати озодихоҳонаи мамлакатҳои арабро дастгирӣ менамуд.

Дар солҳои 60-ум ягонагии давлатҳои араб комилан тағйир ёфт. Аввал ягонагиро мамлакатҳои араб барои таъсиси паймонҳои ҳарбии минтақавӣ

истифода мебурданд. Вале чунин кӯшишҳо ба шикаст анҷом ёфтанд. Давлатҳои араб оҳиста-оҳиста аз ҳамаи паймонҳои ҳарбии таъсисдодаи давлатҳои империалистӣ баромаданд.

**1. Зарурати ягонагии мамлакатҳои арабро исбот кунед.**
**2. Лигаи Мамлакатҳои Араб кай ва барои чӣ таъсис ёфтааст?**

## § 28. НИЗОЪИ АРАБУ ИСРОИЛ

**ШАРҲИ УМУМӢ.** Ба вазъи сиёсӣ дар Шарқи Наздик сиёсати яҳудгароии Исроил таъсири бад мерасонад. Ин сиёсатро давлатҳои империалистии Ғарб, пеш аз ҳама, ИМА дастгирӣ менамуд. Ҷангҳои Арабу Исроили солҳои 1948-1949, 1956, 1967 ва 1973 талафоти калони ҷонӣ ва моддӣ ба бор оварда, барои аз ҷойҳои сукунаташон пеш кардани арабҳо сабаб шуд. Халқи араби Фаластин барои барқарор кардани ҳуқуқҳои қонунии худ мубориза мебурд. Ба ин мубориза Созмони Озодибахши Фаластин роҳбарӣ мекард. Онро аксар мамлакатҳои араб, давлатҳои сотсиалистӣ ва нерӯҳои тараққихоҳи ҷаҳон дастгирӣ менамуданд.

**МАСЪАЛАИ ФАЛАСТИН.** Англия дар вақташ аз Лигаи Миллатҳо барои идораи Фаластин ваколатнома гирифта буд. Вале дар шароити ҳаракати пурзӯри миллию озодихоҳии халқҳои араб Англия маҷбур шуд, ки аз ваколатномаи худ бар Фаластин даст кашад. Тақдири минбаъдаи Фаластин ба Созмони Милали Муттаҳид вогузор карда шуд.

Вале халқи араби Фаластин истиқлолияти давлатӣ гирифта натавонист. Мамлакатҳои Ғарб тавонистанд, ки нерӯи дигар - яҳудиҳоро дар муқобили халқи араби Фаластин гузоранд. Буржуазияи яҳудӣ дар зери ғояҳои сионгарой-яҳудгарой дар Шарқи Наздик ба сиёсати забткорӣ рӯй овард. Вале яҳудгароҳо ба муқовимати арабҳои Фаластин дучор шуданд. Бояд гуфт, ки қисмати зиёди аҳолии Фаластинро арабҳо ташкил менамоянд.

Тибқи Қарори Маҷлиси Кулли СММ, ки моҳи ноябри соли 1947 қабул карда шудааст, бояд дар ҳудудҳои муайяни қаламрави Фаластин ду давлат - давлати арабҳо ва давлати яҳудиҳо ташкил карда ва ба Байтулмуқаддас мақоми байналхалқӣ дода мешуд. Дар баробари ин дар қарор омада буд, ки ин ду давлат нисбати ҳамдигар бояд сиёсати сулҳҷӯёна бурда, ҳуқуқҳои ақалиятҳои миллии қаламрави худро риоя кунанд. Вале яҳудгароён ба қарори СММ итоат накарда, тасмим



*Расми 61. Намояндаи яҳудиҳо **Довуд Бен Гурион** дар қарордод оид ба таъсиси давлати Исроил имзо мегузорад.*

гирифтанд, ки то аз Фаластин баровардани кӯшунҳои Англия қаламрави давлатиояндаи Исроилро васеъ намоянд. Созмонҳои террористии яҳудӣ ба куштори аҳолии араби Фаластин даст зада, қисми қаламрави барои давлати Араби Фаластин муқарраргардидаро аз худ намуданд. Дар натиҷаи ин аксарияти арабҳои Фаластин маҷбур шуданд, ки тарки ватан карда, дар мамлакатҳои ҳамсоя гурезгоҳ ёбанд.

Ҳамин тариқ, дар Шарқи Наздик масъалаи мушкили Фаластин ба миён омад. Халқи араби Фаластин маҷбур буд, ки ватани таърихии худро аз истилои Исроил муҳофизат кунад. Мубо就ризаи арабҳои Фаластин барои ҳуқуқи истиқлолияти миллӣ аз рӯзҳои аввали худ адолатнок буд.

**1. Лигаи Миллатҳо барои идораи Фаластин ба кадом давлат ваколатнома дода буд?**

**2. Дар бораи таркиби аҳолии қаламрави Фаластин чиҳо медонед?**

**3. Сабабҳои дар Фаластин таъсис наёфтани давлати араби Фаластинро баён кунед.**

**4. Мавқеи шахсии худро доир ба низоъи Фаластин баён намоед.**

**ҶАНГИ ЯКУМИ АРАБУ ИСРОИЛ.** Ин ҷанг солҳои 1948-1949 ба амал омадааст. Дар натиҷаи ёрии васеъи сиёсӣ, дипломатӣ, молиявию иқтисодии ИМА ва давлатҳои дигари империалистӣ, инчунин дастгирии ҳаматарафаи яҳудгароёни байналхалқӣ Исроил тавонист қисмати зиёди Фаластинро, ки бо қарори Маҷлиси Кулли СММ бояд ба ҳайати давлати Араби Фаластин дохил мешуд, забт намуд. Аз тарафи сионгароёни яҳудӣ садҳо деҳаю гузарҳо ва шаҳрҳои Фаластин ба хок яксон карда, ҳазорон арабҳо аз ватани аҷдодиашон пеш карда шуданд. Аксарияти арабҳои Фаластин ба гуреза табдил ёфтанд. Моҳи декабри соли 1949 СММ маҷбур шуд, ки барои ёрӣ ба фаластиниҳои гуреза махсус агентӣ таъсис намояд.



*Расми 62. Фаластиниҳои дар ғурбатбуда.*

Ҳанӯз то эълони давлати Исроил яҳудиҳои сионистӣ ба ишголи Фаластин даст зада, баъди эълони ин давлат ба сиёсати ишголгароии худ доман заданд. Онҳо дар кирдори зиддиарабии худ ба давлатҳои империалистӣ такя мекарданд.

**1. Ба Исроил дар Ҷанги аввали Арабу Исроил кадом давлатҳо ёрӣ мерасониданд?**
**2. Дар бораи аҳволи вазнини арабҳои Фаластин, ки дар натиҷаи зӯроварии яҳудиҳо ба миён омада буд, нақл кунед.**

**ҶАНГИ ДУЮМИ АРАБУ ИСРОИЛ.** Баъди Ҷанги якуми Арабу Исроил, ки дар он Исроил голиб баромад, доираҳои ҳукмрони Ғарб ҷонибдории худро бо Исроил пинҳон намекарданд. Ин дафъа дар таҷовузи зидди Миср Англия ва Фаронса бо Исроил ҳамроҳ буданд. Сарфи назар аз ин, халқи Миср ба ҳифзи истиқлолияти худ бархост.



*Расми 63. Овони кӯдакии арабҳои Фаластин дар қаламрави ишголшуда*

Ҷанги дуюми Арабу Исроил моҳи октябри соли 1956 огоз ёфт. Дар аввали ҷанг нерӯҳои Миср ба нокомӣ дучор шуда, огози моҳи ноябр маҷбур шуданд, ки нимҷазираи Синоро тарк кунанд. Десанти англисию фаронсавӣ ба Порт-Саид ва Прот-Фуад фуромада, ният дошт, ки ба Қоҳира ҳамла кунад.

Дар шароити барои халқи араби Миср хатарнок овози пурзӯри Иттиҳоди Шӯравӣ баланд гардид. Он Мисрро, ки гирифтори таҷовузи Англия, Фаронса ва Исроил гардида буд, дастгирӣ кард. 5 ноябр Иттиҳоди Шӯравӣ ба номи ҳукуматҳои Англия, Фаронса ва Исроил нома фиристонид. Дар он бо оҳанги қатъӣ гуфта мешуд, ки Ҳукумати Шӯравӣ тайёр аст "нерӯ истифода бурда, таҷовузкоронро торумор намуда, сулҳу амниятро дар Шарқи Наздик барқарор намояд".

7 ноябр таҷовузкорон амалиётҳои ҳарбиро қатъ карданд. Худи ҳамон рӯз Маҷлиси Кулли СММ қарор қабул кард, ки қӯшунҳои тарафҳо аз ҳамдигар дур карда шаванд.



*Расми 64. Лашкари Исроил машғули истилогарӣ дар нимҷазираи Сино.*

Баъди Ҷанги дуюми Арабу Исроил дар Шарқи Наздик вазъи сиёсӣ то як дараҷа тағйир ёфт. Ҳаракати озодихоҳонаи зиддиимпериалистии халқҳои араб муваффақияти калон ба даст овард. Дар Ироқ ва Яман режимҳои рӯй ба ҷониби мамлакатҳои империалистӣ бархам дода шуда, арбобони миллии ватанпарвар ба сари қудрат омаданд. Вале баъди соли 1956 ҳам силоҳи асосии давлатҳои империалистӣ дар муқобили арабҳо Исроил мондан гирифт. Идеологҳои сионгаро даъво доштанд, ки қаламрави "Исроили Бузург аз Нил то Фурот" аст. Бо ҳамин мақсад сиёсати истилогаронаи Исроил ва пуштибонҳои он дар ҳамин самт идома дошт. То миёнаи солҳои 60-ум ба Исроил ИМА, Англия, Фаронса ва ҶФО аслиҳаи зиёд дода, қӯшунҳояшро ҳаматарафа мусаллаҳ карданд. Мақомоти ҷосусии давлатҳои империалистӣ ва НАТО ба ситоди кулли артиши Исроил ахбороти ҳарбии ҷамъкардаи худро медоданд. Киштиҳои флоти 6-уми Амрико бо тайёрии пурраи ҳарбӣ ба қисмати шарқии баҳри Миёназамин омаданд. Англия ба ин минтақа ду киштии бузурги ҳавопаймобар фиристод. Маълум буд, ки иттифоқчиён дар самти нимҷазираи Сино ба ҳуҷум гузаштаниаанд. Дар сарҳади Миср игвоҳо ҳам ташкил карда шуданд. Барои ҳамин Миср артиши худро зиёдтар кард, то ки ҳуҷуми Исроилро зада гардонда тавонад. Ҳамин тариқ, Исроил ба ҷанги сеюми зидди арабҳо омодагии пурра гирифт.

**1. Ҷанги дуюми Арабу Исроил кай оғоз ёфт?**
**2. Нақши Иттиҳоди Шӯравиро дар қатъ гардидани таҷовузи Исроил бар зидди арабҳоро муайян намоед.**
**3. Ба Исроил кадом давлатҳои Ғарб ёрӣ мерасониданд?**

**ҶАНГИ СЕЮМИ АРАБУ ИСРОИЛ.** Ин ҷанг аз тарафи Исроил 5 июни соли 1967 оғоз карда шуд. Нерӯҳои ҳарбии ҳавоии Исроил арабҳоро дар ғафлат гузошта, 16 фурудгоҳи ҳавоии Мисрро дар як вақт бомбаборон кард. Дар фурудгоҳҳо ҳавопаймоҳои ҳарбии Миср қариб пурра нест карда шуданд. Баъди гулӯлаборонкунии фурудгоҳҳо амалиётҳои ҳарбӣ дар замин ҳам оғоз ёфтанд. Фармондеҳии Исроил ният дошт, ки артиши Мисрро дар шимоли нимҷазираи Сино несту нобуд намояд. Ҷузъу томҳои артиши Исроил, ки дар ин самт амал мекарданд, дар ихтиёри худ 300 танк ва техникаи худгарди ҳарбӣ доштанд. Нерӯҳои дар ин ҷо будаи Миср ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузаштанд, вале ҳар бор ба шикаст дучор мешуданд. Дар шароите, ки артиши Миср аз ҳаво ҳимоят намешуд, аз лавозимоти зарурии ҷангӣ таъмин набуд ва дар байни ҷузъу томҳои алоҳида алоқа канда

мешуд, аз он амалиётҳои ғалабаовар интизор шудан мушкил буд. Аз ҳамин сабаб артиши Исроил муқовимати бояду шояди аскарони Мисрро вонаҳӯрда, ба даруntари нимҷазираи Сино даромада, ба канали Суэтс наздик шуд.

7 июни соли 1967 Шӯрои Амнияти СММ дар бораи қатъи фаврии ҷанг қарор қабул кард, вале Исроил ба ин санад итоат накард. Баъди ин худи ҳамон рӯз Шӯрои Амнияти СММ дар бораи оташбас қарори нав қабул кард. Сарфи назар аз қарори нав ҳам Исроил ҷангро давом дода, тарафи қаламрави бештари Мисрро ишғол мекард.

Гузашта аз ин, Исроил доманаи таҷовузи худро бар зидди арабҳо васеъ намуд. 8 июн ба муқобили Урдун ҷанг оғоз кард. Рӯзи дигар ба қаламрави Сурия зада даромад. Дар чунин шароити хатарноки Шарқи Наздик ва тақдири халқҳои араб боз ҳам садои Иттиҳоди Шӯравӣ баланд гардид. Иттиҳоди Шӯравӣ муносибатҳои дипломатии худро бо Исроил канд. Дар баробари ин ба мамлакатҳои Ғарби пуштибони Исроил хушдор дод, ки оқибатҳои ҷанги Исроил бар зидди арабҳо ба зиммаи онҳо гузошта мешавад. Дар натиҷаи ин 10 июни соли 1967 амалиётҳои ҷангӣ қатъ карда шуданд.

Дар натиҷаи Ҷанги сеюми зидди арабҳо Исроил 68,8 ҳазор км2 заминҳои арабро ишғол кард, ки дар он қариб 1 миллион нафар одам зиндагӣ мекард. Дар Маҷлиси Фавқулоддаи СММ сардори ҳукумати Шӯравӣ А.Н. Косигин баромад карда, изҳор дошт, ки намоиши ҳарбии флоти 6-уми Америко моҳи июни соли 1967 дар соҳилҳои мамлакатҳои араб Исроилро ба таҷовузи ҳарбӣ ҳидоят намуд. Дар зери фишори ИҶШС ва нерӯҳои пешқадами ҷаҳон Шӯрои Амният дар зери № 242 аз 22 ноябри соли 1967 қарор қабул кард. Он аз Исроил қатъиян талаб намуд, ки артиши худро аз қаламрави мамлакатҳои араб барорад, ҳуқуқи соҳибистиқлолии давлатҳои минтақаро эътироф намояд. Дар қарор инчунин гуфта мешуд, ки бояд мушкилоти марбут ба гурезаҳои фаластинӣ боадолатона ҳаллу фасл карда шаванд.

Вале ғайр аз оташбас нишондодҳои дигари Қарори Маҷлиси Кулли Фавқулоддаи СММ аз 22 ноябри соли 1967 дар болои коғаз монд. Исроил ғайриқонунӣ заминҳои арабҳоро кашида гирифта, дар онҳо маҳаллаҳои яҳудӣ бунёд карда, аҳолии арабро ба террор гирифтор намуд.

Исроил бешармона аз дасти арабҳо қисмати аз они арабҳобудаи Байтулмуқаддасро кашида гирифт. Баъди ин ҳам Исроил аз сиёсати забткоронаи худ даст накашид. Ин сиёсат ба ҳалли низоъи Шарқи Наздик монеа эҷод намуд. Баъди Ҷанги сеюми Арабу Исроил ҳам дар сарзамини Фаластин ва ҳудудҳои дигари ишғолии Исроил бархӯрдҳои хунин қатъ нагардиданд.

**1. Масъалаи Фаластинро чӣ тавр дарк намудед?**
**2. Нақши Шӯрои Амнияти СММ ва Иттиҳоди Шӯравиро дар қатъ гардидани Ҷанги сеюми Арабу Исроил муайян кунед.**
**3. Аз ҷараёни Ҷанги сеюми Арабу Исроил маълумот диҳед.**

**ҲАРАКАТИ ОЗОДИХОҲОНАИ ХАЛҚИ ФАЛАСТИН.** Дар солҳои 1948-1970 масъалаи низоъи Шарқи Наздик ва тақдири халқи 3-миллионнафараи Фаластин ҳал нашуд. Халқи араби Фаластин дар ин солҳо барои озодии миллии худ пайваста мубориза мебурд. Вале қувваҳо баробар набуданд. Ба Исроил давлатҳои абарқудрати Ғарб ёрии ҳаматарафа мерасониданд. Халқи араби Фаластин



*Расми 65. Раиси Ташкилоти Озодибахши Фаластин* ***Ёсир Арафот.***

мехост, ки давлати соҳибистиклоли худро ташкил бидиҳад. СММ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ бо сабабҳои пуштибон доштани Исроил масъалаи Шарқи Наздикро ба таври ҷиддӣ ва қатъӣ мавриди ҳал қарор надод. Арабҳои Фаластин бошанд, хотирҷамъ нанишаста, бар зидди истилогарони яҳудӣ мубориза бурданд. Ҳар қадоми ин дастаҳоро ягон давлати араб дастгирӣ мекард. Дар аввал онҳо амалиёти худро бар зидди Исроил ба таври муштарак ба амал намебаровbooарданд. Ба ин мухолифатҳон дохилии онҳо халал мерасониданд. Аввали солҳои 60-ум дастаҳои парокандаи фаластиниҳо мухолифатҳои байни худро бартараф карда, муттаҳид шудан гирифтанд.

Соли 1964 сарварони давлатҳои араб дар шаҳри Қоҳира ҷамъ омада, масъалаи тақдири халқи араби Фаластинро баррасӣ карданд. Онҳо ба хулоса омаданд, ки ба халқи Фаластини араб имконият додан лозим аст, то ки "масъулияти истиқлолияти миллии Фаластинро ба зиммаи худ бигирад". Дар худи ҳамин маҷлиси машваратӣ қарор қабул карда шуд, ки Созмони Озодибахши Фаластин (СОФ) ташкил карда шавад. Дере нагузашта дар минтақаи арабии Байтулмуқаддас Конгресси Аввали Шӯрои Миллии Фаластин ҷамъ омад. Он Эъломияи Миллиро қабул кард, ки он ҳуҷҷати барномавии СОФ гардид.

Соли 1965 гурезаҳои Фаластин дар Миср, Сурия ва Ироқ Артиши Озодихоҳи Фаластинро ташкил намуданд. Таъсиси Созмони Озодибахши Фаластин дар роҳи ваҳдати нерӯҳои халқи араби Фаластин марҳалаи муҳим буд. Он вақт СОФ ба як қатор камбудиҳо роҳ дод. Дар қаламрави зери истилои Исроилбуда дастаҳои гуногуни озодихоҳи мусаллаҳи миллӣ ҳам ташкил ёфтанд, ки онҳо ба СОФ дохил набуданд. Сарфи назар аз ин, баъд аз ҷанги Арабу Исроили соли 1967 ҳаракати муқовимати халқи Фаластин ба нерӯи пешқадами ҳаракати миллию озодихоҳии халқи араб мубаддал гардид. Он ният дошт, ки дар Фаластин давлати соҳибистиқлоли худро ташкил бидиҳад.

**1. Созмони Озодибахши Фаластин кай ва барои чи таъсис дода шуд?**
**2. Фикри худро дар бораи сабабҳои асосии тӯл кашидани низоъи Шарқи Наздик баён созед.**
**3. Дар ҷангҳои Арабу Исроил кадоме аз тарафҳо муборизаи адолатнок мебурд?**

## § 29. АРАБИСТОНИ САУДӢ ВА ЯМАН ДАР МАРҲАЛАИ НАВИ РУШД

### АРАБИСТОНИ САУДӢ

**АРАБИСТОНИ САУДИИ ТОБЕИ АРАМКО.** Баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар Арабистони Саудӣ истеҳсоли нафт аз тарафи амрикоиҳо бо суръати тез меафзуд. Вале бозорҳои аврупоии фурӯш, восита ва роҳҳои интиқоли он дар дасти Англия буданд. Амрико бо мақсади шикастани инҳисори Англия дар

истехсоли нафти Арабистони Саудӣ онро маҷбур кард, ки дар бораи додани "имкониятҳои баробар" дар ҷустуҷӯӣ ва истехсоли нафти мамлакатҳои дигар ба ширкатҳои инҳисории ИМА ва Англия созишнома бандад. Бо ҳамин ИМА барои хӯҷаинӣ дар Арабистони Саудӣ дасту пои худро кушод. Ҳамин тариқ, ширкати АРАМКО ба сохтмони лӯлаи бузурги интиқоли нафти Арабистон шурӯъ кард. Барои ин кор АРАМКО ширкати хурди худ - "Трасарабен пейтлайн" ("Таплайн")-ро таъсис намуд. Вале барои ин кор маблағи АРАМКО нарасид. Аз ин холат ширкатҳои дигари амрикоӣ истифода бурда, моҳи декабри соли 1946 аз АРАМКО 40 фоизи саҳмияҳояшро харида гирифтанд.

Ҳукумати ИМА бо Арабистони Саудӣ ва мамлакатҳои дигари араб, ки хати лӯлаи интиқоли нафт аз хоки онҳо мегузарид, оид ба сохтмони лӯлаи интиқоли нафт созишнома баст. Соли 1947 сохтмони он оғоз ёфт. Лекин Англия ба таври махфӣ ба сохтмони ин лӯлаи интиқоли нафт монеаҳо эҷод карда, имконият намедод, ки нафтро тавассути киштиҳо ба канали Суэтс кашонда барад. Аз тарафи дигар, дар шароити нав Англия маҷбур мешуд, ки дар бозорҳои ҷаҳонии нафтфурӯшӣ бо ширкатҳои амрикоӣ рақобат кунад.




*Расми 66. Харитаи нимҷазираи Арабистон.*

Англия бошад, ба истеҳсоли нафти Ироқ соҳибӣ мекард. Дар амал "нафт доллар"-и Арабистони Саудӣ бо "нафт стерлинг"-и Ироқ рӯ ба рӯ шуд. Барои манъи интиқоли нафти ширкатҳои амрикоӣ ба бозорҳои Аврупо дар зери фишори Англия ҳукумати Миср ба нафти Арабистон Саудӣ андози гумрукии вазнин бор кард. Барои ҳамин ИМА маҷбур шуд, ки аз нияти то шаҳри Искандария сохтани лӯлаи интиқоли нафт даст кашад. Чунин монеаро англисҳо дар Урдун, Сурия ва Лубнон низ ба вуҷуд оварданд. Сарфи назар аз ин, амрикоиҳо сохтмони лӯлаи интиқоли нафтро соли 1951 ба охир расониданд. Он аз конҳои нафти Абкайки Арабистони Саудӣ ба воситаи биёбони Арабистон, Урдун, Сурия ва Лубнон то шаҳри Саиди соҳили баҳри Миёназамин тӯл мекашид. Дарозии лӯла 1720 км ва иқтидори интиқолии он дар 1 сол то 15-20 милион тонна буд.

Ду лӯлаи дигари интиқоли нафтро АРАМКО аз конҳои нафт то бандари Дас-Танур ва ба воситаи Даммами то заводи нафткоркунии Баҳрайн рафта мерасид. Лӯлаи чоруми интиқол конҳои нафтро ба пойгоҳҳои ҳарбии ИМА-и дар Даҳранбуда мепайваст.

Ғайр аз АРАМКО дар Арабистони Саудӣ "Гетти ойл компани" ва ширкатҳои дигари хориҷӣ, аз он ҷумла, ширкатҳои ҷопонию италиягӣ низ ба истеҳсоли нафт машғул буданд. Вале ҳиссаи онҳо хеле кам буд. Хориҷиён дар Арабистони Саудӣ истеҳсоли нафтро сол то сол зиёд мекарданд. Соли 1966 дар Арабистони Саудӣ 119,4 милион тонна нафт истеҳсол карда шуд.

АРАМКО ва ширкатҳои дигари Амрико боигариҳои миллии Арабистони Саудиро ваҳшиёна ғорат мекарданд. Аз рӯи санадҳои иҷоравии аввала барои ҳар як тоннаи нафт АРАМКО ба ҳукумати Арабистони Саудӣ ҳамагӣ 1,65 доллар мепардохт, яъне аз 6 як ҳиссаи фоидаи ба даст овардаи ширкатро. Аз рӯи созишномаи соли 1950 АРАМКО ӯҳдадор шуд, ки ба Арабистони Саудӣ 50% фоидаашро медиҳад, лекин танҳо аз фоидаи ҳамон нефте, ки аз чуқурии аз ҳад зиёд истеҳсол карда шудааст. Дар амал бошад, ба Арабистони Саудӣ аз маблағи ваъдакардагӣ танҳо 30 фоиз дода мешуду бас.

Ширкати "Тайплайн" дар зарфи 15 сол аз пардохти андоз барои интиқоли нафт озод буд. То соли 1963 ин ширкат ба Арабистони Саудӣ барои иҷораи замине, ки аз болои он лӯлаи бузурги интиқоли нафти Арабистон мегузашт, маблағи ночиз мепардохт. Худи "Тайплайн" дар тӯли солҳои 1951-1958 аз нафти Арабистони Саудӣ аз 284 милион доллар фоидаи соф ба даст овардааст.

Ширкати амрикоии "Сауди Арабиен майнинг синдикейт" барои истеҳсоли тилло ба Арабистони Саудӣ маблағи таҳқиромез медод. Ин ширкат соли 1950 ӯҳдадор шуд, ки 20% аз даромади соф андоз хоҳад пардохт.

**?**

**1. Дар бораи рафти тобеи Амрико шудани Арабистони Саудӣ маълумот диҳед.**
**2. Кадом чорабиниҳои Амрико ва ширкатҳои он дар Арабистони Саудӣ ба шумо маъқул нашуданд?**

**ҲАРАКАТИ ИҶТИМОӢ ВА МИЛЛИЮ ОЗОДИХОҲӢ.** Дар натиҷаи рушди муносибатҳои пулию молӣ, болоравии саноат ва дар истеҳсолот татбиқ намудани нақлиёти ҳозиразамон ҷараёни муфлисшавии чорводорони кӯчманчӣ, зироаткорон ва косибон суръат гирифт. Кӯчманчиён мавзеъҳои худро тарк карда, ба шаҳрҳо мерафтанд. Дар корхонаҳои АРАМКО рӯзи корӣ то 10-11 соат давом мекард. Корфармоён барои кори зиёда аз меъёр ба кормандон музди меҳнати иловагӣ намепардохтанд. Аксарияти коргарони араб дар шароити

вазнини ғайрисанитарӣ зиндагӣ мекарданд. Ин ҳолат сабабгори ба касалиҳои табларза, сил ва чашмдард гирифторшавии онҳо мешуд.

Ин нобасомониҳо аҳли заҳматро водор месохт, ки барои ҳифзи ҳуқуқҳои инсонии худ бархезанд. Дар шароити баъдиҷангии болоравии ҳаракати миллию озодихоҳӣ дар мамлакатҳои араб заҳматкашони Арабистони Саудӣ низ бар зидди зӯроварӣ ба майдони мубориза баромаданд.

1. Барои чӣ дар Арабистони Саудӣ ҳаракати иҷтимоӣ вусъат ёфт?
2. Дар бораи [illegible] озодихоҳӣ дар Арабистони Саудӣ далелҳо биёред.

**ҲАЁТИ СИЁСӢ.** Баъди вафоти Ибни Сауд оилаи шоҳ ба 3 гурӯҳи мухолифи ҳамдигар тақсим шуд. Ҳар кадом мероси худро талаб мекард. Сауд ба тахти подшоҳӣ соҳиб шуда, мансабҳои муҳимтарини давлатиро ба писарони худ тақсим кард. Дар байни аъзои хонадони шоҳ ҷонибдорони шоҳзода Файсал бисёр буданд. Файсал дар байни бародарони Ибни Сауд аз ҳама бомаърифаттару донотар ва арбоби пуртаҷрибаи сиёсӣ буд. Барои соҳибшавӣ ба тахти подшоҳӣ дар дарбор ҷонибдорони сершумор пайдо намуд. Ба ӯ муяссар шуд, ки шоҳ Саудро барои ба амал бароварданиислоҳоти конститутсионӣ розӣ кунонад.

Ҳамин тариқ, соли 1953 дар зери роҳбарии шоҳ Шӯрои Вазирон таъсис дода шуд. Ноиби ноҳуствазир ва вазири корҳои хориҷӣ Файсал таъйин гардид.

Соли 1958 дар мамлакат муборизаи нави зиддиимпериалистӣ оғоз ёфт, ки ба он Ҷабҳаи Ислоҳоти Миллӣ роҳбарӣ мекард. Ватандӯстон демократикунонии ҷомеаи Арабистони Саудӣ, бархам додани пойгоҳи ҳарбии Амрикоро дар Даҳран, беэътибор эълон кардани созишномаҳои ҳарбӣ бо ИМА, манъи ба корҳои дохилии Арабистони Саудӣ даҳолат кардани АРАМКО ва истифодаи боигариҳои табииро ба нафъи халқ талаб карданд. Ҳамин вақт дар натиҷаи фош шудани иштироки шоҳ Сауд дар сӯиқасди зидди Ҷумҳурии Муттаҳидаи Араб ва президент Ҷамол Абдулносир низоъи калон сар зад. Ин хабар дар Арабистони Саудӣ қаҳру ғазаби калонро ба вуҷуд овард, чунки дар он ҷо Ҷамол Абдулносир соҳиби обрӯи калон буд. Аз ин истифода бурда, бародарони Сауд аз ӯ талаб карданд, ки ҳокимиятро пурра ба Файсал бидиҳад, мушовири шоҳ Юсуф Ясин ва Ҷамол Ҳусейнро, ки дар сӯиқасд иштирок доштанд, аз ҳамаи мансабҳо сабукдӯш кунад, аз мамлакат илҳомбахши табаддулот-сафири ИМА-ро пеш кунад, ҳуқуқҳои бародарони шоҳро бо шоҳзодагон баробар эълон намояд ва хазинаи давлатиро аз дуздон наҷот диҳад. Вале Сауд ин талабҳоро рад карда, барои ёрӣ ба сафири Амрико мурочиат намуд. Сафир ба Сауд маслиҳат дод, ки ҳокимиятро ба Файсал супорад. Сауд маҷбур шуд, ки ин маслиҳатро қабул кунад.



*Расми 67. Шоҳи Арабистони **Саудӣ Файсал ибни Абдулазиз ас-Сабоҳ** (1906-1975).*

Аз тарихи қонун аз 28 марти соли 1958 дар Арабистони Саудӣ ба шоҳзода Файсал гузаштани ҳокимияти иҷроия танзим карда шуд. Ҳокимияти сиёсӣ дар дасти шоҳ боқӣ монд. Ҳамин тариқ, вазифаи Раиси Шӯрои Вазирон ба Файсал гузашт.

Файсал эълон дошт, ки Арабистони Саудӣ сиёсати бетарафии мусолиҳатомезро пеш мегирад. Масалан, он вақт ҳукумати Файсал ҷанги Фаронсаро дар Алҷазоир, мавзеи Бураймиро ишғол кардани Англия ва аз ҷониби Иёлоти Муттаҳидаи Америко дастгирӣ карда шудани Англияро маҳкум намуд.

Ҳукумати Файсал бандари Ҷиддаро миллӣ кунонид.

Қонуни соли 1960 тиҷорати хориҷиёнро дар Арабистони Саудӣ танзим кард, ки аз он тоҷирони дохилӣ фоида диданд. Дар асоси ин қонун тоҷирони хориҷӣ ба Арабистони Саудӣ бояд на камтар аз 100 ҳазор риёл ворид месохтанд. Ба ин талаб тоб оварда натавониста, аксарияти тоҷирони хориҷӣ мамлакатро тарк карданд.

Норозигии умумиро дар мамлакат истифода бурда, шоҳ Сауд Файсалро аз ҳокимият дур карда, ҳукумати нав ташкил намуда, онро ба ӯҳдаи худ гирифт. Бори аввал 6 нафар аъзои кабинети вазирон аз хонадони шоҳ набуданд. Сауд ваъда дод, ки ислоҳот хоҳад гузаронид. Лоиҳаи Конститутсияи нав, ки онро "амирҳои озод" тартиб дода буданд, мутлақияти комил гардидани Арабистони Саудиро дар назар дошт. Вале ин конститутсия қабул карда нашуд. Мухолифатҳои дохилисулолавии саудҳо дар солҳои 60-ум низ давом карданд. Дар баробари ин, низоъҳои байни мамлакатҳои араб гоҳ дар заминаи дини ислом, гоҳ дар заминаи мубориза бар зидди сотсиализм ва гоҳ дар заминаи муносибати шоҳ Сауд бо ИМА ва ширкатҳои инҳисории он дар Арабистони Саудӣ ба амал меомаданд. Хулласи калом, ҳаёти сиёсии Арабистони Саудӣ ноором буд. Ин ноороми аз мавҷуд набудани самтҳои дурусти сиёсати миллии дохилӣ ва хориҷии ҳукумати шоҳ бармеомад.

30 марти соли 1964 изҳороти ҳукумат интишор гардид. Дар он гуфта мешуд, ки ҳокимияти иҷроия, ташкилӣ, маъмурӣ ва судӣ, ки қаблан аз ҷониби шоҳ ба амал бароварда мешуд, ба нахуствазир ва муовини шоҳ Файсал дода мешавад. Радиои Макка чунин ахборот пахш кард: "Шоҳи Арабистони Саудӣ аз ҳокимият маҳрум карда ва шоҳи нави мамлакат бародари ӯ Файсал тоҷгузорӣ шуд". Шоҳи Собиқ дар пайғомаш ба номи бародари худ иброз дошт, ки Файсалро шоҳи қонунӣ эътироф намуда, ба Қуръони Шариф савганд ёд мекунад, ки ба ӯ содиқ мемонад.

1. Сохти сиёсии Арабистони Саудиро муайян намоед.
2. Чаро дар Арабистони Саудӣ ҳаёти сиёсӣ ором набуд?

## ЯМАН

**ЯМАН ДАР СОЛҲОИ 1918-1934.** Яман ба истиқлолияти пурра баъди пароканда шудани империяи Туркия соҳиб шуд. Вале ба давлати ҷавони Яман лозим омад, ки фавран ба ҳифзи истиқлолияти худ шурӯъ намояд. Ба ҳукмрон шудан дар Яман давлатҳои зиёд, аз он ҷумла Британияи Кабир ва Италия даъвогар буданд. Моҳи декабри соли 1918 лашкари Англия ба забти пасиҳами навоҳии қаламрави Яман шурӯъ намуд. Бо ҳамин Яман аз нав дар ҳолати парокандагӣ қарор гирифт.

Аз соли 1925 муборизаи халқи Ямани Араб бахри муттаҳид кардани мамлакат ба муқобили истилогарони Англия ва Италия оғоз ёфт.

Аввали соли 1934 аз вазъи ногувори Яман истифода бурда, ба губернатори Адан полковник Рейли муяссар шуд, ки аз номи Англия бо Яман созишнома бандад. Мувофиқи ин созишнома истиқлолияти Яман эътироф карда мешуд. Дар баробари ин як қисми қаламрави гӯё бахсталаби он ба зери ҳокимияти Англия дароварда шуд. Баъди ин вазъият дар Арабистони Саудӣ ва Яман боз ҳам тезу тундтар гардид. Моҳи феврал ҷанги Арабистони Саудӣ ва Яман оғоз шуд. Аз мухолифатҳои байниҳамдигарии ҳокимони Яман истифода бурда, лашкари Арабистон дар зарфи якуним моҳ аз Тиҳам то Худойдаро забт кард. 20 маи соли 1934 байни Арабистони Саудӣ ва Яман дар Тоиф созишномаи сулҳ ба имзо расид. Яман аз даъвои Асир даст кашид. Вилояти бахсталаби Наҷран дар байни Арабистони Саудӣ ва Яман тақсим карда шуд. Бо ҳамин ин ҷанг ба анҷом расид.

**1. Баъди соли 1918 аз зери зулми мустамликавии империяи Туркҳои Усмонӣ озод шудан ба Яман кадом давлатҳо дастдарозӣ мекарданд?**
**2. Сабаби тезу тундшавии муносибатҳои байни Арабистони Саудӣ ва Яманро баён намоед.**
**3. Мазмуни созишномаи Арабистони Саудӣ ва Яманро шарх диҳед.**

**ЯМАН ДАР СОЛҲОИ 1945-1960.** Баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҳукумати Яман бо роҳи наздикшавӣ бо мамлакатҳои араб пеш рафт. Соли 1944 Яман дар конфронси 7 мамлакати арабӣ дар Искандария баргузоргардида ширкат варзида, дар таъсиси Лигаи Мамлакатҳои Араб саҳм гузошт. Оғози моҳи маи соли 1945 Яман ба Лигаи Мамлакатҳои Араб дохил шуд. Аз ҳамон вақт сар карда Яман дар кори ин созмон фаъолона иштирок мекунад.

Соли 1945 ҳукумати Яман бо Миср дар бораи густариши робитаҳои тиҷоратию сиёсӣ ва соли оянда бо Ироқ дар бораи тиҷорат қарордод ба имзо расонид. Соли 1947 Яман ба Созмони Милали Муттаҳид дохил шуд.

Баъд аз ҷанг Яман объекти истилои ИМА гардид. Сиёсати хориҷии Амрико дар Яман, пеш аз ҳама, ба манфиатҳои ширкатҳои нафти ИМА нигаронида шуда буд. Амрико истиқлолияти Яманро эътироф карда, 4 маи соли 1946 қарордоди аввалини ин давлат бо Яман ба имзо расид, ки дар натиҷаи он Амрико дар ин давлат дар соҳаҳои тиҷорат ва бахрнавардӣ имтиёз ба даст овард. Дар байни онҳо муносибатҳои дипломатию консулӣ таъсис дода шуданд. Яман бо ИМА қарордоди нав ба имзо расонид. Мувофиқи он Амрико ба Яман ба маблағи 1 милион доллар вомбарг қарз дод. Баъд шоҳ Яхё ибни Муҳаммад бо намояндагони Амрико дар бораи гирифтани вомбарги амрикоӣ ва ба ширкатҳои амрикоӣ додани иҷораи истехсоли нафт созишнома ба имзо расонид. Ҳамин тариқ, Англия муттасил мавқеи худро дар Яман аз даст дод ва мавқеи Амрико мустаҳкамтар шудан гирифт.

17 феврали соли 1948 дар натиҷаи табаддулоти давлатӣ Яхё парронда шуд. Сардори сӯиқасдчиён домоди шоҳ Абдуллоҳ ибни Ахмад-ал-Вазир буд. Ӯ ҳукумати нав таъсис дод ва дере нагузашта худро шоҳ ва имоми Яман эълон карда, изҳор дошт, ки дар мамлакат конститутсия ҷорӣ хоҳад кард.

Ҳанӯз соли 1944 созмони "Ямaниҳои озод" таъсис дода шуда буд. Баъди он "Иттиҳоди Бузурги Яман" ҳам ташкил ёфт. Сонӣ, ин ду созмон бо ҳам муттаҳид

шуданд. Шиори асосии онҳо иваз намудани мутлакияти динӣ бо мутлакияти конститутсионӣ буд.

Созмони муттаҳидаи зидди шоҳ умед дошт, ки шоҳи нав дар мамлакат дигаргуниҳои демократӣ ҷорӣ мекунад, вале хаёли онҳо хом баромад. Барои ҳамин онҳо шоҳи нав Абдуллоҳ ибни Аҳмад-ал-Вазирро дастгирӣ накарданд. Писари Яҳё аксарияти қабилаҳои зайдиро ба тарафи худ кашида, бо ёрии онҳо шаҳри Санаро ба даст даровард. 15 марти соли 1948 Аҳмад ибни Яҳё шоҳ ва имоми Яман эълон карда шуд. Шоҳ Абдуллоҳ ибни Аҳмад-ал-Вазир ва ҷонибдорони зиёди ӯ қатл карда шуданд.

Аҳмад ибни Яҳё дар аввал худро ҷонибдори ислоҳоти либералӣ вонамуд карда бошад ҳам, дар ин самт ягон коре накард. Ӯ дар амал бо роҳи падараш рафт.



*Расми 68. Дар фабрикаи ресмонресии шаҳри Аден.*

Баъди ин табаддулот муносибатҳои байни Яман ва Англия бехтар шуданд. Соли 1949 дар байни мулкҳои Англия ва Яман ва мулкҳои Англия дар Арабистони Ҷанубӣ хати марз (демаркатсионӣ) кашида шуд. 10 марти соли 1951 бошад, дар Лондон карордоди Англия ва Яман дар бораи ҳамкории дипломатӣ ба имзо расид. Дар нимаи дуюми солҳои 50-ум мавкеи байналхалкии Яман беҳтар шуд.

Яман бо давлатҳои дигари соҳибистиклоли Осиё ва Африко дар Конфронси байналхалкии Бандунг фаъолона иштирок кард. Дар давраи таҷовузи сегонаи зидди Миср ҳукумати Яман якдилии пурраи худро бо халқи Миср изҳор дошт.

Муборизаи минбаъдаи зиддиимпериалистии халқҳои Миср, Сурия ва Яман ба ҳамкории боз ҳам зичтари байни онҳо мусоидат кард.

Муваффакиятҳои Яман дар сиёсати хориҷӣ ҳукуматҳои Англия ва ИМА-ро ба ташвиш оварданд. Бинобар ҳамин сабаб онҳо баҳри аз нав ба худ тобеъ кардани Яман аз воситаи анъанавии худ - нерӯи ҳарбӣ истифода burданд.

### САНАҲО ВОҚЕАҲО, ДАЛЕЛҲО

• 25 декабри соли 1956 артиши Англия мавзеи паздисарҳадии Яманро гулӯлаборон кард.

• Дар тӯли зимистони солҳои 1956-1958 дар байни артиши Яман ва Англия гоҳ-гоҳ бархӯрдҳо ба амал меомаданд. Англисҳо маҳаллаҳои Эл-Гейда ва Катабро аз тӯп ваҳшиёна гулӯлаборон карданд.

• Муборизаи халқи араби Яман дар Лигаи Мамлакатҳои Араб дастгирӣ ёфт.

• Дар тӯли солҳои 1957-1959 Яман на як бору ду бор аз болои Британияи Кабир ба СММ шикоят кард, вале аз онҳо нафъе ба даст наомад.

• Ҳукумати ИМА чиддӣ чаҳди зиёд ба харҷ дод, то ки ба Яман "Доктринаи Эйзенхауэр"-ро бор кунад. Вале баҳори соли 1957 шоҳ Аҳмад ибни Яҳёхон харгуна музокиротро бо Амрико дар асоси ин доктрина рад кард. Амрикоиҳо дар муносибатҳои сиёсӣ бо Яман шикаст хӯрда, ба он фишори иқтисодиро пурзӯр карданд.

• Соли 1961 ширкатҳои Амрико соҳилҳои баҳрии Яманро барои истеҳсоли нафт ичора гирифтанд. Инчунин бо ёрии Амрико сохтмони шоҳроҳи Моха - Таиз огоз ёфт.

• Сарфи назар аз ҳамкорӣ бо мамлакатҳои сотсиалистӣ ва мамлакатҳои араб дарҳои Яман барои мамлакатҳои дигар пӯшида буданд. Аксар созишномаҳои байналхалқӣ, ки имомҳои Яман оид ба ҳамкорӣ ба имзо расонида буданд, дар болои коғаз монданд.

1. Дар бораи муносибатҳои Англия ва Амрико бо Яман маълумот диҳед.
2. Дар бораи чараёни ҳаёти сиёсии Яман мисолҳо биёред.
3. Чаро дар байни Англия ва Яман бархӯрдҳои ҳарбӣ ба амал омаданд?
4. ИМА дар Яман ба кадом мақом ноил гардид? Англия чӣ?

**ЯМАН ДАР СОЛҲОИ 60-УМ.** Дар солҳои 60-ум дар ҳаёти халқи араби Яман воқеаҳои муҳиму тақдирсози инқилобӣ ба амал омаданд, ки аз онҳо чанд воқеаю далелҳо ба шумо пешкаш мешаванд.

### САНАҲО, ВОҚЕАҲО, ДАЛЕЛҲО

• 26 марти соли 1961 аъзои созмони "Афсарони ҷавон" Муҳаммад ал-Улуфӣ, Абдулло ал-Лакийя ва Мӯҳсин Ҳиндувон ба ҷони шоҳ Аҳмад ибни Яҳё сӯиқасд карда, ӯро дар беморхонаи шаҳри Ҳудойда парронданд.

• 19 сентябри соли 1962 шоҳ аз захмҳои тир вафот кард.

• 20 сентябри соли 1962 Муҳаммад ал-Бадр Абдуллоҳ ал-Салал сарфармондеҳи артиши Яман ва сарвари Горди шоҳ таъйин шуд.

• 25 сентябри соли 1962 Абдуллоҳ ас-Салал бо полковник Ҳаал Ҷайфӣ забон як карда, ба Сана техникаи зиреҳпӯш равон кард, то ки шӯриши дар он ҷо баамаломадаро дастгирӣ намояд. Сарбозони вафодор ба шоҳ бар зидди танкҳо муқобилият нишон дода натавониста, шикаст хӯрданд. Қасри шоҳ валангор карда шуд. Шоҳ Муҳаммад ал-Бадр дар зери он монда, ҷони худро аз даст дод.

• 25 сентябри соли 1962 радиои Сана эълон кард, ки барои таърихи Яман давраи нав оғоз ёфт. Дар изҳороти рақами 1-и артиши Яман гуфта мешуд, ки "режими ваҳшии мутлақаи имомҳоро барҳам зада, мамлакатро аз душманон наҷот дод".

• 26 сентябри соли 1962 Ҷумҳурии Араби Яман эълон карда шуд. Вале воқеаҳои фоҷиабор дар Яман бо ғалабаи инқилоб ба охир нарасиданд. Дере нагузашта Британияи Кабир ва ИМА ба Яман таҷовузи ҳарбӣ ташкил карданд. Шоҳҳои Арабистони Саудӣ ва Урдун иброз доштанд, ки дар Яман мутлақиятро аз нав эҳё кардан лозим аст. Дар наҷоти Яман онҳо ба Муҳаммад ал-Бадр ва амаки ӯ шоҳзода Ҳасан ибни Яҳё умед мебастанд. Вале орзӯи онҳо ҷомаи амал напӯшид. Гузашта аз ин, дар Яман ҷанги шаҳрвандӣ сар шуд. Давлатҳои араб ба он муваффақ шуданд, ки ин ҷанг қатъ гардад.

• Ҳокимияти нав барои тағйиротҳои демократӣ дар Яман ҷидду ҷаҳд мекард. 8 маи соли 1956 Конститутсияи Муваққатии Ҷумҳурии Араби Яман қабул карда шуд. Дар асоси ин конститутсия мақомоти ҳокимияти иҷроия ва қонунгузор таъсис дода шуданд.

• Сарфи назар аз ин, мушкилоти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар Яман ҳанӯз бисёр буданд. Ҳамаи арбобони сиёсию динии Яман роҳи пешгирифтаи ҳокимияти навро пуштибонӣ накарданд. Ин буд, ки мухолифатҳои дохилии Яман идома ёфтанд, ки ба онҳо хориҷиён даxолати ғаразнок мекарданд.

1. Соли 1961 дар Яман бар зидди шоҳ сӯиқасд ба амал омад. Ба ин табаддулот баҳо диҳед.
2. Оё табаддулотчиён дар Яман ихтилофҳоро бартараф карда тавонистанд?

## § 30. ИРОҚ ВА СУРИЯ: ТАЛОШ БАРОИ ОЗОДӢ ВА ПЕШРАФТ

### ИРОҚ

**ХАЛҚИ ИРОҚ - ЗИДДИ СОЗИШНОМАИ ПОРТСМУТ** Нисбат ба давлатҳои дигар Ироқ аз ҳолати ҳарбӣ дертар - моҳи феврали соли 1946 баромад. Дар шароити осоишта ба кабинети вазирон аввал Тавфиқ ас-Сувайдӣ роҳбарӣ кард. Ӯ сензураи ҳарбиро бекор кард. Дар натиҷаи ин тадбир аҳзоби сиёсӣ ба фаъолияти ошкоро баромаданд. Дар байни онҳо Ҳизби Миллӣ-Демократӣ, Ҳизби Истиқлолият ва Ҳизби Халқӣ-Демократӣ фаъолтар буданд. Ҳизби Коммунистӣ дар ҳолати пинҳонӣ фаъолият мекард, чунки барномаи он дар Ироқ ба амал баровардани инқилоби сотсиалистӣ ва муқаррар кардани диктатураи пролетариатро дар назар дошт.

Кабинети Нурӣ Саид то як дараҷа ба манфиатҳои миллии халқи Ироқ фаъолият мекард. Вале вақте ки ба ҳукумат Солеҳ Ҷабр роҳбар таъин шуд, ӯ бар хилофи ин сиёсат фаъолият намуд. Солеҳ Ҷабр 15 январи соли 1948 дар шаҳри англисии Портсмут бо Англия созишномаи навро ба имзо расонид. Мувофиқи он Англия ҳуқуқ гирифт, ки Ироқро натанҳо дар замони ҷанг, балки дар замони "таҳдиди ҷанг" низ ишғол намояд. Артиши Ироқ дар зери назорати Шӯрои муштараки ҳарбии Англияю Ироқ монд.

Хабар дар бораи ба имзо расидани созишномаи асоратовари Портсмут сабабгори намоишҳои оммавии халқ шуда, дере нагузашта ба бархӯрдҳо бо пулису артиш мубаддал гардид. Дар ин намоишҳо то 300 ҳазор нафар ироқиҳо

ширкат варзиданд. Аз ғазаби халқ тарсида, Солех Ҷабр ва роҳбарони дигари мамлакат, ки рӯй ба ҷониби Англия буданд, аз Ироқ фирор карданд.

29 январи соли 1948 бо сардории иштирокчии машҳури шӯриши соли 1920 Муҳаммад ас-Садр ҳукумати нави Ироқ ташкил карда шуд. Ӯ созишномаи Портсмутро беэътибор эълон намуд.

**1. Баъди бекор карда шудани ҳолати ҳарбӣ кадом аҳзоби сиёсӣ ба фаъолияти ошкоро баромаданд?**
**2. Чаро халқи Ироқ бар зидди созишномаи Портсмут баромад?**

**ВАЗЪИ ИРОҚ ДАР СОЛҲОИ 1949-1958.** Дар рафти ҷанги Фаластин, ки дар Ироқ вазъи фавқулодда эълон карда шуд, Нурӣ Саид дар мамлакат мавқеи худро аз нав барқарор намуда, 6 январи соли 1949 ба ҳукумат роҳбарӣ кард ва мурофиаи судро ба муқобила роҳбарони Ҳизби Коммунистӣ - Юсуф Салмон, Ҳасан Муҳаммад аш-Шабибӣ ва Закӣ Муҳаммад Басим ташкил намуд ва онҳоро ба дор кашид.

Соли 1950 дар мамлакат вазъи фавқулодда ва сензура бекор ва баъзе озодиҳои демократӣ эълон карда шуда, кумитаҳои ҳифзи сулҳ, Иттифоқи ҷавонони демократ ва Лигаи мубориза баҳри ҳифзи ҳуқуқҳои занон ташкил ёфтанд.

Доираҳои ҳукмрони давлатҳои империалистии Ғарб ният доштанд, ки Ироқро ба паймонҳои ҳарбии таҷовузкори дар Шарқи Миёна таъсисшуда ҷалб намоянд. Ширкатҳои нафти хориҷӣ боигарии миллии Ироқро бераҳмона ғорат мекарданд. Дар зери фишори оммаи халқ онҳо маҷбур шуданд, ки ба гузаштҳо розӣ шуда, бо Ироқ карордоди нави иҷора ба имзо расонанд. Мувофиқи карордоди нав онҳо ӯҳдадор шуданд, ки аз даромади фурӯши нафт 50% ба Ироқ ҷудо мекунанд. Аз рӯи ин карордод низ дар истеҳсол ва фурӯши нафти Ироқ мисли пештара ширкатҳои мамлакатҳои Ғарб имтиёзҳои зиёд доштанд.

Ин вақт дар Ироқ вазъи ҷамъиятию сиёсӣ онқадар ором набуд. Доираҳои ҳукмрони Ироқ вобаста ба ин ҳолат сиёсати дохилии мамлакатро танзим менамуданд. Чандин маротиба Конститутсияи Ироқро аз эътибор соқит ва дар мамлакат вазъияти фавқулодда эълон намуданд. Баромадҳои халқ дар шаҳру деҳоти Ироқ тавассути пулис пахш карда шуданд.

Солҳои 50-ум ҳукуматҳои Ироқ сиёсати ба мамлакатҳои империалистӣ тарафдоро буданро пеш гирифтанд. Онҳо бо маслиҳат ва дар зери фишори мамлакатҳои империалистӣ бо давлатҳои хориҷӣ чандин созишномаю карордодҳо ба имзо расонданд.

**1. Дар бораи ҳукумати нави Нурӣ Саид чиҳо гуфта метавонед?**
**2. Дар бораи сиёсати хориҷии Ироқ фикри худро баён кунед.**

**ТАБАДДУЛОТИ 14 ИЮЛИ СОЛИ 1958.** Ҳукумати мутлақаи шоҳии Ироқ рӯ ба таназзул оварда, минбаъд аз ӯҳдаи идоракунии мамлакат баромада наметавонист. Муқобилони режим сол то сол меафзуданд. Соли 1956 дар артиши Ироқ созмони пинҳонии "Афсарони ҷавон" таъсис меёбад.

Таҷовузи сегонаи зидди Мисри соли 1956 якдилии халқи Ироқро ба халқи Миср ба вуҷуд овард. Ин маърака ба дараҷаи шӯриш расид, вале онро ҳукумат пахш кард.

Мубориза бар зидди империализм аз нерӯҳои озодихоҳ тақозо мекард, ки дар ҷабҳаи умумимиллӣ муттаҳид шаванд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Моҳи феврали соли 1957 намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ - Миллӣ-Демократӣ, Истиқлолиятхоҳон, Эҳёи Сотсиалистии Араб (БААС) ва Коммунистӣ қарор доданд, ки Ҷабҳаи Ягонагии Миллӣ (ҶЯМ) таъсис бидиҳанд. Дар барномаи ин ҷабҳа гуфта мешуд, ки режими мутлақаи Ироқ аз ҳокимият дур карда шуда, Ироқ аз Муоҳидаи Бағдод баромада, мавқеи бетарафии фаъолонаро ишғол намояд, қонунҳои фавқулоддаро бекор, озодиҳои демократӣ эълон намуда ва маҳбусони сиёсӣ озод карда шаванд. Бо ҶЯМ Ҳизби Курдистон ва "Афсарони озод" робита доштанд.

14 июли соли 1958 ду ҷузъи артиши Ироқ бо сардории полковникҳо Абдулкарим Қосим ва Абдусалим Ориф ба шаҳри Бағдод зада даромаданд. Як қисми сокинони шаҳр ба ҳарбиён пайвастанд. Ин нерӯҳо қасри шоҳ ва муассисаҳои ҳукуматиро ишғол намуданд. Шоҳ Файсали II ва Абдул Иллоҳ, Нурӣ Саид ва баъзе арбобони дигари давлатӣ кушта шуданд.

Ба ҳукумати нав Абдулкарим Қосим роҳбарӣ кард. Ӯ 26 июли соли 1958 дар Ироқ Конститутсияи Муваққатиро ҷорӣ намуд. Созмонҳои оммавӣ - ҷонибдорони сулҳ, иттиҳоди кишоварзон, ҷавонон, донишҷӯён, занон ва аҳзоби сиёсӣ ба фаъолияти ошкоро оғоз намуданд. Ҳукумати нав дар бораи ислоҳоти замин қонун қабул намуда, заминдорони калонро маҳдуд сохт.

Дар сиёсати хориҷии Ироқ тағйиротҳои муҳим ба амал омаданд. Ироқ созишномаҳои қаблан бо Англия ва Амрико ба имзорасонидашудаашро бекор карда, расман аз Муоҳидаи Бағдод баромад. Ба давлатҳои сотсиалистӣ муносибатҳои дӯстона барқарор намуд ва бо ИҶШС дар бораи ҳамкории иқтисодию техникӣ созишнома ба имзо расонид.

Абдулкарим Қосим дар аввал ҷидду ҷаҳд ба харҷ дод, ки муносибатҳои ҳукумати худро ҳам бо нерӯҳои чапгаро ва ҳам бо нерӯҳои росттаро мӯътадил гардонад. Вале баъд баръакси ин андеша ӯ рӯ ба мустаҳкамкунии режими шахсии худ ниҳод. Сиёсати маҳдудкунии фаъолияти ширкатҳои инҳисории хориҷиро дар Ироқ идома дод, нақшаҳои рушди иқтисодии мамлакатро амалӣ кард. Вале муносибатҳои мухолифатомези байни миллатҳои сокини Ироқро бартараф карда натавонист. Гузашта аз ин, Абдулкарим Қосим соли 1961 ба ҷанги бародаркуши зидди курдҳо даст зад.

Дар сиёсати хориҷӣ Абдулкарим Қосим баъзан ба сиёсати иғвогарона ҳам роҳ медод. Даъвоҳои марзии зидди Кувейт дар соли 1961 дар ҳамин бора шаҳодат медиҳанд.

**?**

**1. Табаддулоти 14 июли соли 1958-и Ироқро шарҳ диҳед.**
**2. Сиёсати дохилию хориҷии ҳукумати Абдулкарим Қосимро бароя кадом ҷиҳатҳояш маломат кардан мумкин аст?**

**ИРОҚ ДАР СОЛҲОИ 60-УМ.** Чунин сиёсатро аксар нерӯҳои сиёсӣ ва оммаи халқ дастгирӣ накарданд. Аз ин рӯ, обрӯи ҳукумати Абдулкарим Қосим торафт паст мешуд. Муқобилони ӯ махсусан дар артиши хеле зиёд буданд.

8 феврали соли 1963 як қисми гарнизони Бағдод ба муқобили ҳукумати беобрӯйшудаи Қосим баромад. Абдулкарим Қосим ва ҳамсафони наздики ӯ дастгир ва қатл карда шуданд. Ба сари ҳокимият Ҳизби Таҷаддуди Сотсиалистии Араб (БААС) ва гурӯҳбанди ҳарбии Абдусалом Ориф омаданд. Ориф президенти Ҷумҳурии Ироқ интихоб шуд.

Сарфи назар аз ин, дар роҳбарияти мамлакат ягонагӣ вуҷуд надошт. Дар масъалаҳои муҳимтарини рушди сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии мамлакат фикрҳо гуногун буданд. Президенти Ироқ Абдусалом Ориф натавонист ҳолати инқилобии нерӯҳои сиёсӣ ва Гоҳи миллиро дар дасти худ нигоҳ дорад. Нерӯҳое, ки ба ғояҳои инқилобӣ содиқ буданд, оҳиста-оҳиста аз ӯ дур шуданд. Дар мамлакат куштори мардуми бегуноҳ ва аъзои аҳзоби тамоили демократидошта қатъ нагардид. Ба ин мушкилот то ҳол ҳал нашудани масъалаи курдҳо ва тезу тунд шудани муносибатҳо бо мамлакатҳои дигари араб зам шуданд. Аз ин вазъият истифода бурда 18 ноябри соли 1963 гурӯҳбанди ҳарбии Абдусалом Ориф табаддулоти нави давлатӣ ба амал бароварда, тамоми ҷонибдорони Ҳизби БААС-ро аз ҳукумат пеш кард.



*Расми 69. Лавҳаи (нақши муқарнаси) «Озодӣ» дар яке аз майдонҳои марказии ш. Бағдод.*

Чӣ тавре ки дидед, вазъи сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Ироқ ором ва осуда набуда, доимо дар дигаргунию таҳаввулот буд. Ин зуҳурот дар Ироқ тамоми солҳои 60-ум давом кард.

Моҳи ноябри соли 1971 президенти Ҷумҳурии Ироқ Аҳмад Ҳасан ал-Бакр лоиҳаи Эъломияи Миллиро пешниҳод кард, ки дар он андешаи ҳамкории самараноки ҳамаи нерӯҳои пешқадами миллии Ироқ дар заминаи мубориза бар зидди империализм, сионизм ва иртиҷоъ баҳри дигаргунсозиҳои иҷтимоии мамлакат баён ёфта буд. Татбиқи ин барнома натиҷаи мусбат дод.

**1. Воқеаҳои муҳимтарини солҳои 60-уми Ироқро номбар кунед. Кадоме аз онҳо диққати шуморо ба худ бештар ҷалб намуд?**
**2. Чаро дар солҳои 60-ум вазъи сиёсии Ироқ ноором ва дар он тез-тез табаддулотҳо ба амал меомаданд?**

## СУРИЯ

**СОҲИБИСТИҚЛОЛ ШУДАНИ СУРИЯ.** Дар ҷараёни Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Сурия истиқлолият ба даст даровард. Сарфи назар аз ин, дар қаламрави он баъд аз ҷанг нерӯҳои ҳарбии Англия ва Фаронса мустақар гардида, истиқлолияти

Сурияро халалдор мекарданд. Фаронса ҳукумати Сурияро маҷбур мекард, ки бо он аҳднома бандад, то ки дар қаламрави Сурия дорои нуфузи баланд бошад. Халқи араби Сурия аз кишвар баровардани артиши хориҷиёнро тақозо мекард.

Моҳи феврали соли 1946 Сурия маҷбур шуд, ки аз болои Англия ва Фаронса ба СММ бо шикоят муроҷиат кунад. Сурияро Иттиҳоди Шӯравӣ дастгирӣ кард. Онҳ ба аз Сурия баровардани артишҳои Англия ва Фаронса Шӯрои Амнияти СММ қарори махсус қабул кард. Фаронса ва Англия ба ҷуз аз Сурия баровардани артишҳои худ илоҷи дигаре надоштанд. Рӯзи аз Сурия баровардa шудани артишҳои ин давлатҳо - 17 апрели соли 1946 Иди миллии Сурия эълон карда шуд.

Баъд аз баровардани артиши хориҷиён аз Сурия муборизаи миллию озодихоҳонаи халқ ба муқобили ҳукмронии хориҷиён дар иқтисоди мамлакат равона карда шуд. Парлумони Сурия қонун дар бораи меҳнат ва қонуни нави интихоботиро қабул кард. Мувофиқи қонуни нави интихоботӣ интихобот ба мақомоти ҳокимияти намояндагии Сурия аз тариқи демократӣ сурат гирифт.

Ин вақт вазъи дохилии мамлакат онқадар хуб набуд. Аз ин ҳолат ширкатҳои амрикоию англисӣ истифода мебурданд. Англия лоиҳаи иттиҳоди нави давлатиро бо номи "Сурияи Бузург" дар ҳайати Сурия ва давлатҳои дигари дар зери назорати Англия бударо пешниҳод кард. Он аз тарафи халқи Сурия рад карда шуд. Ширкатҳои Амрико низ мехостанд, ки дар Сурия мавқеи мустаҳкам дошта бошанд. Соли 1947 ба онҳо муяссар шуд, ки бо ҳукумати Сурия дар бораи аз тариқи қаламрави Сурия сохтани лӯлаи интиқоли нафт қарордод ба имзо расонанд.

Моҳи маи соли 1948 Сурия ба ҷанги Фаластин дохил шуд. Зӯроварӣ бар зидди нерӯҳои оппозитсионӣ, вазъи вазнини иқтисодии мамлакат ва шикаст хӯрдан дар ҷанг вазъи ҷамъиятию сиёсии Сурияро тезу тунд карданд. Мардум аз сиёсати зиддихалқии ҳукумат норозигӣ баён карда, намоишҳои оммавии эътирозӣ доир мегардониданд. Моҳи ноябри соли 1948 ин норозигӣ ба корпартоии умумӣ табдил ёфт. Дар чунин шароит аз тарафи ҳукумат барои тасдиқ ба парлумон пешниҳод кардани қарордод дар бораи сохтмони лӯлаи интиқоли нафт ва ба он маблағгузорӣ намудани Фаронса моҷи нави намоишҳои эътирозӣ ва корпартоиҳоро ба вуҷуд овард.



*Расми 70. Суриягӣ.*

**1. Сурия кай истиқлолият ба даст даровард?**
**2. 17 апрели соли 1947 барои халқи Сурия чӣ хел рӯз аст?**
**3. Аз далелҳо истифода бурда, ба вазъи ҷамъиятию сиёсии солҳои 1946-1949 Сурия баҳо диҳед.**

**ВАЗЪИ СУРИЯ ДАР СОЛҲОИ 1949-1958.** Нобасомониҳое, ки дар бораашон ҳарф зада шуданд, вазъи сиёсии мамлакатро ноором карданд. Ҳукумати Сурия рӯ ба бӯҳрон овард. Аз ин ҳолат нерӯҳои иртиҷой барои гирифтани ҳокимият ва барпо намудани диктатураи ҳарбӣ истифода бурда, охирҳои моҳи марти соли 1949 гурӯҳи афсарон президент ва ҳукуматро сарнагун карданд. Роҳбари ин гурӯҳ - сардори Ситоди кулли артиши Сурия полковник Ҳуснӣ аз-Заъим худро сардори давлату ҳукумат эълон карда, ба таъқиби арбобони тараққихоҳи мамлакат даст зад. Ӯ тарафдори ширкатҳои амрикоию фаронсавӣ, вале бар зидди Англия буд.

Сиёсати зиддимиллии Ҳусни аз-Заъим сабабгори табаддулоти навбатии давлатӣ шуд. Он аз тарафи Шишакли ном полковник ба амал бароварда шуд. Шишакли баъди 2 сол диктатураи шахсии худро ҷорӣ намуд. Аҳзоби сиёсӣ ва ташкилотҳои ҳарбӣ пароканда карда шуданд. Ба хизматчиёни давлатӣ, аъзои иттифоқҳои касаба ва донишҷӯён машғулшавӣ ба фаъолияти сиёсӣ манъ карда шуд. Аз Шишакли қариб ҳама ва, пеш аз ҳама, артиш норозӣ буд. Шишакли барои пахши корпартоӣ бо сардории Ҷебал Друз артиш фиристонид, лекин он бар зидди халқ оташ накушод. Худи Ҷебал Друз бо артишаш бар зидди Шишакли баромад. Артише, ки бар зидди Ҷебал Друз равона карда шуда буд, ба тарафи ӯ гузашт. Қариб тамоми артиш ба Шишакли итоат намекардагӣ шуд. Халқ ҳам ба артиш мепайваст. Шишакли маҷбур шуд, ки аз мамлакат фирор кунад.

Моҳи октябри соли 1954 ҳукумати нави Сурия таъсис дода шуд. Он эълон кард, ки тамоми қарордодҳо ониҳо ва иттифоқу паймонҳои байналхалқиро, ки ба истиқлолияти Сурия иснод меоварад, бекор мекунад. Ин ҳукумат Муоҳидаи Бағдодро маҳкум кард.

**1. Ду табаддулоти иртиҷоиро дар Сурия шарх диҳед.**
**2. Сиёсати хориҷии Сурия дар солҳои 50-ум чӣ тавр сурат гирифт?**

**СУРИЯ ДАР ҲАЙАТИ ҶУМҲУРИИ МУТТАҲИДАИ АРАБ.** Моҳи феврали соли 1958 давлати нав - Ҷумҳурии Муттаҳидаи Араб таваллуд ёфт. Сурия бо Миср ҳамроҳ шуд. Ҷамол Абдулносир президенти ҶМА интихоб гардид. Дар Миср ва Сурия ҳизбҳои сиёсию созмонҳои ҷамъиятӣ пароканда карда шуданд. Мутобиқ гардонии қонунгузории давлати ҶМА оғоз ёфт. Дар ин роҳ мушкилот зиёд буд. Масалан, заминдорони Сурия намегузоштанд, ки ислоҳоти замин гузаронида ва заминдории калон маҳдуд гардонида шавад. Соҳибкорони Сурия ба барномаи Миср дар бораи миллӣ кунонидани як қатор корхонаҳои саноатӣ низ муқобилияти сахт нишон медоданд.

Аз муттаҳидшавии Миср ва Сурия бештар сармоядорони Сурия фоида диданд. Аз ин рӯ, дар Миср норозӣ ба амал омад. Дар низоми сиёсӣ байни ҳукуматҳои ҶМА ва Сурия мухолифат аз он сабаб ба амал омад, ки ноиби президенти Ҷумҳурии Мисри Араб, ки аз Сурия буд, ба истеъфо рафт ва инчунин Шӯрои Иҷроияи Сурия пароканда карда шуд. Аз ин рӯ, артиши миллии Сурия аз ҶМА баромадани Серияро тақозо намуд.

30 сентябри соли 1961 дар бораи аз ҶМА баромадани Сурия ва таъсис намудани Ҷумҳурии Араби Сурия эълон карда шуд.

Охири соли 1961 интихоботи Маҷлиси Муассисони Сурия баргузор гардид, ки дар он нерӯҳои чапгаро ғалаба карданд. Парлумони нав қонун дар бораи ба

соҳибонашон баргардонидани корхонаҳои милликунонидашударо қабул кард. Ислоҳоти замин катъ карда шуда, кишоварзон аз заминҳои ба онҳо дар натиҷаи ислоҳот додашуда пеш карда шуданд. Фаъолияти аҳзоби сиёсӣ маҳдуд карда шуд. Аз ҳамаи ин халқ ба хашму ғазаб омад. Артиш низ аз сиёсати дохилии ҳукумат норозӣ буд. Он ҳатто ба муқобили ҳукумат баромад кард. Ҳукумат маҷбур шуд, ки ислоҳоти аграрии қаблиро аз нав барқарор намояд.

Президенти Ҷумҳурии Сурия моҳи сентябри соли 1962 ҳайати нави ҳукуматро тасдиқ намуд. Ба он Холид Азим сарварӣ намуд.

**1. Сабабҳои муттаҳидшавии Сурия ва Миср дар чӣ ифода ёфта буданд?**
**2. Сурия аз Миср кай, чаро ва чӣ тавр ҷудо шуд?**

**СУРИЯ ДАР СОЛҲОИ 1963-1970.** 8 марти соли 1963 гурӯҳи афсарон ва аъзои Ҳизби Таҷаддуди Сотсиалистии Араб (БААС) табаддулоти нав ба амал баровард. Дар натиҷа ҳокимиятро Шӯрои миллии фармондеҳии инқилобӣ ба даст гирифт. Ҳукумати нав бо сардории яке аз аъзои ҳизби БААС ташкил карда шуд. Ин ҳокимият моҳи маи соли 1963 ба қонун дар бораи ислоҳоти замин тағйироти зарурӣ даровард. Ҳамаи бонкҳо ва низоми бонкӣ миллӣ кунонида шуданд. Оид ба муносибатҳои Сурия бо Миср ва Ироқ ва масъалаҳои дигари дохилию байналхалқӣ дар байни нерӯҳои сиёсӣ-мубодилаи афкор оғоз ёфт.

23 феврали соли 1966 бо сардории Ҳофиз Асад табаддулоти ҳарбӣ ба амал баровардa шуд. Ҳукумати инқилобии Сурия вазифаи асосии худро аз сохтмони "ҷамъияти сотсиалистӣ... бо назардошти шароити мушаххаси дар ҷаҳони араб мавҷудбуда" медид. Ҳукумати Ҳофиз Асад ният дошт, ки дар иқтисод сектори давлатиро ҳукмрон гардонад.

5 июни соли 1967 Исроил бе эълони ҷанг ба муқобили Сурия, Миср ва Урдун таҷовузи ҳарбӣ ташкил кард. Артиши Исроил як қатор ноҳияҳои мамлакатҳои араб, аз он ҷумла баландиҳои Ҷулони Сурияро низ забт кард.

Аз санаю воқеаҳо ва далелҳои дар ин ҷо овардашуда ба шумо маълум гардид, ки дар Сурия нерӯҳои чапгаро ба сари қудрат омада, ба сохтмони "сотсиализми арабӣ" шурӯъ намуданд. Дар ин кор сардори нави давлати Сурия Ҳофиз Асад ва нерӯҳои чапгарои Сурия ба ёрии ИҶШС умед мебастанд. Ва Иттиҳоди Шӯравӣ ба ёрии онҳо омад. Масалан, соли 1968 аз ҷониби ИҶШС дар дарёи Фурот комплекси гидротехникӣ оғоз ёфт. Соли 1973 сохтмони даргот анҷом ёфт. Дар натиҷаи ин ҳазорон гектар заминҳои лабташнаи Сурия шодоб шуданд.

**1. Ҳокимияти нав дар сиёсати дохилии худ кадом навгониҳоро ҷорӣ намуд?**
**2. Сохти сиёсии Ҷумҳурии Сурияро шарҳ диҳед.**
**3. Аз мавзӯъ хулоса бароред.**

# БОБИ V. ХАЛҚҲОИ АФРИҚО ДАР РОҲИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

## § 31. ЗИНДАГИИ АФРИҚОИҲО ДАР ЗЕРИ ЗУЛМИ МУСТАМЛИКАДОРОН

**ВАЗЪИ ИҶТИМОӢ ВА ИҚТИСОДӢ.** Дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ давлатҳои Ғарби иттиҳоди зиддигитлерӣ захираҳои бои ашёи хоми мамлакатҳои Африқоро ба таври васеъ барои зарурати ҳарбӣ истифода мебурданд. Дар баробари ин аз он ҷо ғалладона, гӯшт ва маҳсулоти дигари озуқаворӣ содир намуда, ба он аҳамият намедоданд, ки халқҳои Африқо чӣ тавр рӯз мегузаронанд. Италия ва Олмон ҳам дар аввали ҷанг ба мустамликаҳои Фаронса ҳамин хел муносибат мекарданд.

Баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҳам аксарияти мардуми Африқо дар зери юғи истисмори мустамликавии мамлакатҳои империалистӣ буданд. Табиист, ки аҳволи зиндагии онҳо дар шароити хеле вазнин қарор дошт. Мустамликадорон мардуми Африқоро сахт истисмор мекарданд. Истисмори халқҳои Африқо аз ҷониби сармояи хориҷӣ бо тезӣ афзуд. Хориҷиён маҳсулоти кишоварзиро аз деҳқонони африқоӣ бо нархи ниҳоят паст мехариданд. Масалан, ширкатҳои англисӣ 1 тонна қаҳваро ба 50 ф. ст. мехариданд, дар солҳои ҷанг бошад, ҳамагӣ бо маблағи 10 ф.ст. Вале молҳои англисӣ бошанд, нисбат ба давраи ҷанг аз 100 то 150% қимматтар фурӯхта мешуданд.


Расми 71. Хушксолию гуруснагӣ дар Ҳабашистон.

Даромади деҳқонон ва музди меҳнати воқеии коргарону хизматчиён ниҳоят паст фуромад. Истифода аз меҳнати маҷбурӣ афзуд. Аҳолии Африқо аз гуруснагӣ ва касалиҳои гуногун азоб мекашид.

Дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ аз рӯи ҳисоби тахминӣ наздики 1 миллион нафар африқоиҳо ба ҷанг сафарбар карда шуда ва боз 2 миллион нафари дигар ба артиш хизмат мерасониданд. Дар Ҳабашистон, Сомалӣ ва мамлакатҳои Африқои Шимолӣ ҳазорон нафар ҷанговарон бар зидди фашистон мубориза мебурданд. Аскарони африқоӣ дар сафҳои артиши иттифоқчиёни зиддигитлерӣ дар Африқо, Аврупои Ғарбӣ, Шарқи Наздик, Бирма ва Малайя ҷангидаанд.

Ҷанг дар шуури африқоиҳо таъсири чуқур гузошт, махсусан, дар шуури онҳое, ки бевосита дар амалиётҳои ҷангӣ ширкат варзидаанд, ё дар конҳо ва корхонаҳои саноатӣ меҳнат кардаанд. Бояд гуфт, ки африқоиҳо дар ғалабаи иттифоқчиён бар фашизм саҳми сазовор гузоштаанд. Ин омил бо африқоиҳо имконият дод бифаҳманд, ки онҳо дорои қудрати бузург мебошанд. Иштирок дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ мардуми Африқоро ба мубориза барои истиқлолият рӯҳбаланд кард.

Вале мамлакатҳои империалистӣ дар Аврупои Ғарбӣ ва қисми калони Осиё мавқеи худро аз даст дода, ҷидду ҷаҳд ба харҷ медоданд, ки дар Африқо мустаҳкамтар ҷой гиранд, зеро он минтақаи калонтарин ва охирини мустамликавӣ буд.

Дар солҳои баъдиҷангӣ сармоягузории хориҷӣ дар Африқо афзуд. Ин омил имконият дод, ки саноати кӯҳӣ ва баъзе соҳаҳои кишоварзӣ, энергетика ва нақлиёт то як дараҷа пеш раванд. Ин вақт Африқо дар иқтисоди мамлакатҳои мустамликадор мақоми калон дошт. Африқо 38% хром, 36% марганетс, 27% мис, 98% алмос, 80% кобалт ва 56 фоизи тиллоро медод. Мамлакатҳои империалистӣ то оғози Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ аз Африқо ба маблағи 1 милиард доллар ва соли 1955 бошад, ба маблағи 5,44 миллиард доллар маҳсулот баровардаанд.

Ҳар қадаре, ки дар Африқо маблағгузории давлатҳои империалистӣ зиёд мешуд, даромади онҳо ҳамон қадар меафзуд. Дар миёнаи солҳои 50-ум маблағгузории англисӣ дар Африқои Ҷанубӣ 680 милион ф.ст.-ро ташкил намуд. Он 15% даромади доимӣ медод, ки ин 130 милион ф.ст.-ро ташкил мекунад. Даромади баъзе ширкатҳо, аз он ҷумла "Рокана", ки ба истеҳсоли мис дар Родезия машғул буд, нисбати маблағгузорӣ 212 фоизро ташкил кардааст.

Дар соҳаҳои иқтисоди баъдиҷангӣ ширкатҳои инҳисории ИМА ба Африқо ба таври васеъ дохил шуда, дар он ҷо ба мамлакатҳоии мустамликадори дигар рақиби хавфноке шуданд. Аз рӯи суръати маблағгузорӣ дар Африқо ИМА кайҳо аз Англия, Фаронса ва Белгия пеш гузашта буд. Солҳои 1951-1955 маблағгузории бевоситаи Амрико дар Африқо аз 313 милион то ба 793 милион доллар расид. Маблағгузории ИМА махсусан дар Иттифоқи Африқои Ҷанубӣ, Родезияи Шимолию Ҷанубӣ ва Африқои Ғарбӣ бузург буд.

Вале аҳволи мардуми африқоӣ мисли пештара вазнин буд. Гуруснагӣ ва вабо мардуми ин қитъаро доимо азият медоданд. Барои халосшавӣ аз ин вартаи зиндагӣ роҳи ягона муборизаи миллию озодихоҳӣ бар зидди сохти мустамликадорӣ буд.

**1.Дар бораи халқҳои Африқоро истисмор кардани мамлакатҳои империалистии Ғарб далелҳо биёред.**
**2. Чаро халқҳои Африқо камбизоат будаанд?**
**3. Аз камбизоатӣ ва мустамлика будан мамлакатҳои халқҳои Африқо бо кадом роҳҳо халос шуда метавонистанд?**

**ҲАРАКАТИ МИЛЛИЮ ОЗОДИХОҲӢ.** Ҳанӯз дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ болоравии ҳаракати миллию озодихоҳии халқҳои Африқо ба назар мерасид. Баъд аз ҷанг бошад, Африқо ба майдони бузурги мубориза бар зидди мустамликадорон табдил ёфт. Шикасти нажодпарастони гитлерӣ барои муборизони роҳи озодии Африқо маънои онро дошт, ки нажодпарастӣ рӯй ба шикаст овардааст. Африқо дигар дар банди нажодпарастӣ истодан намехост. Озодиро танҳо тавассути муборизаи миллию озодихоҳӣ ба даст овардан мумкин буд.

Баъди ҷанг дар як қатор давлатҳои Африқо артиши Амрико ҷойгир буд. Илова бар пойгоҳҳои қаблии ҳарбӣ пойгоҳҳои нави ҳарбии дигари ҳавоию баҳрии сохташуда сиёсати ишғолгароёнаи империализми Амрико ва давлатҳои дигар муқовимати халқҳои Африқоро ба вуҷуд овард. Нерӯҳои миллии Африқо ба ҳаракати миллию озодихоҳӣ оғоз карданд.

Вазифаҳои наздиктарини ҳаракати миллию озодихоҳӣ дар ҳар як мамлакати Африқо ҳар хел буданд. Дар аввал маъмулан мубориза бар зидди ин ва ё он зуҳуроти зулми мустамликавӣ равона карда мешуд. Масалан, ба муқобили мусодиракунандагони замин, таҳқири нажодӣ ва қонунҳои нажодпарастӣ, бар зидди нақшаҳои империалистон баҳри дар федератсияҳои гуногун муттаҳид кардани мустамликаҳо, баҳри ислоҳоти конститутсионӣ, барои баровардани артишҳои давлатҳои империалистӣ аз мамлакатҳои Африқо. Ҳамаи ин вазифаҳо ба мақсади умумӣ - мубориза баҳри барҳам задани сохти мустамликадорӣ дар Африқо буд.

Шаклҳои мубориза низ вобаста ба таносуби нерӯҳои сиёсӣ ва шароити маҳаллӣ гуногун буданд. Дар як мамлакат мардум ба муборизаи мусаллаҳона бармехостанд, дар мамлакати дигар молҳои мустамликадоронро хунсо (бойкот) эълон мекарданд, дар мамлакати сеюм маъракаи ба маъмурияти мустамликавӣ итоат накарданро эълон мекарданд, дар мамлакати чорум корпартоиҳо доир мегардониданд ва ғайра.

1. Робитаи ғалабаи нерӯҳои зиддифашистиро дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бо ҳаракати миллию озодихоҳонаи халқҳои Африқо муайян кунед.
2. Вазифаҳо ва шаклҳои муборизаи миллию озодихоҳонаи халқҳои Африқо кадомҳоянд?

**ҲАРАКАТИ УМУМИАФРИҚОИИ ХАЛҚҲО.** Ба болоравии ҳаракати зиддиимпериалистӣ дар Африқо муваффақияти халқҳои Осиё мусоидат намуд. Онҳо мавқеи империализмро суст карданд. Даъвати Конфронси мамлакатҳои Осиё ва Африқо, ки моҳи апрели соли 1955 дар ш. Бандунги Индонезия баргузор гардид, африқоиҳоро рӯҳбаланд кард.

Дар охири солҳои 50-ум ва аввали солҳои 60-ум мақоми мамлакатҳои Африқо дар ҳаракати якдилии Осиё ва Африқо бо тезӣ афзуд. Баъди конфронси номбурда африқоиҳо ба доир гардониданн конфронсҳои оянлаи мамлакатҳои Осиё ва Африқо дар Африқо ба таври пинҳонӣ тайёрӣ диданд. Ин конфронсҳо моҳи декабри соли 1957 ва январи соли 1958 адр Қоҳира ва моҳи апрели соли 1960 дар Конакри баргузор гардиданд. Дар натиҷа Созмони Якдилии Мамлакатҳ[illegible] ва Африқо таъсис дода шуд.

Конфронси якуми давлатҳои соҳибистиқлоли Африқо 15-22 апрели со[illegible] бо ташаббуси Гана дар шаҳри Конакри баргузор гардидааст. Дар он намояндаҳо танҳо аз 8 давлати соҳибистиқлоли қитъа иштирок карданд. Дар ин конфронс Иттифоқи Африқои Ҷанубӣ, ки давлати нажодпараст буд, ширкат наварзид, гарчанде ки соҳибистиқлол ба ҳисоб мерафт. Мавзӯи асосии Конфронс мубориза бар зидди империализм ва колониализм дар қитъаи Африқо буд. Рӯзи кушодашавии Конфронс - 15 апрел рӯзи Африқо эълон карда шуд.

Дар кори Конфронси дуюми давлатҳои соҳибистиқлоли Африқо, ки 14-24 июни соли 1960 дар ш.Адис-Абеба баргузор гардид, вакилони Гана, Гвинея, Камерун, Либерия, Либия, Марокаш, ҶМА, Тунис, Ҳабашистон иштирок карданд. Дар кори ин конфронс намояндагон аз Конго, Нигерия ва Сомалӣ, ки дар арафаи истиқлолият қарор доштанд, низ иштирок намуданд. Конфронси мазкур дар вусъат додани ҳаракати миллию озодихоҳӣ дар қитъаи Африқо ва дар ин қитъа пурра барҳам задани мустамликадорӣ мақоми баландро соҳиб буд.

Дар баробари конфронсҳои мамлакатҳои Африко ҳар сари чанд вақт конфронсҳои халқҳои Африко ҳам даъват карда мешуданд. Конфронси якуми халқҳои Африко моҳи декабри соли 1958 дар Аккара, конфронси дуюм моҳи январи соли 1960 дар шаҳри Тунис баргузор гардид.

Ғояи ягонагӣ дар ҷараёни кори конфронсҳои номбурда торафт инкишоф меёфт. Доираи масъалаҳое, ки мавриди баррасии онҳо мегардиданд, мушаххас ва васеътар мешуданд.

Чӣ тавре ки пай бурдед, ғояи мубориза бар зидди империализм ва сохти мустамликадорӣ ба ягонагии муборизаи халқҳои Африко мубаддал гардид. Дар ҳолати ягонагии мақсадҳо аксарияти халқҳои Африко то соли 1968 бо дастгирии халқҳои Осиё ва нерӯҳои пешқадами ҷаҳон истиқлолият ба даст даровардаид, ғайр аз як қисми мустамликаҳое, ки аз они Британияи Кабир, Португалия ва баъзе давлатҳои дигар буданд.

1. Ҳаракати умумиафрикоӣ барои истиқлолият чӣ тавр таълид ёфт?
2. Ҳаракати умумиафрикоии давлату халқҳои Африко чӣ аҳамият дошт?

**ОЗОДШАВӢ АЗ ЗЕРИ ЗУЛМИ МУСТАМЛИКАВӢ.** Миёнаи солҳои 50-ум дар таърихи муосири Африко марҳалаи ҳалкунанда гардид, шикастани низоми мустамликадорӣ оғоз ёфта, давлатҳои мустамлика паси ҳам бо роҳи истиқлолияти миллӣ дохил шуда, мустақилияти худро густариш медоданд.

Аксар вақт ҳаракатҳои миллию озодихоҳии давлатҳои Африко ба инқилоб табдил меёфтанд. Инқилоби озодихоҳонаи халқи Миср соли 1952 ва соли 1956 ба задани зарба ба таҷовузи Англияю Фаронса ва Исроил ва ба миллӣ кунонидани канали Суэтс анҷом ёфт. Баъди ғалаба дар ин ҷанг дар мамлакатҳои дигари Африко низ ҳаракати аз тобеияти мустамликавӣ озодшавӣ вусъат ёфт. Ба замми ин соли 1960 дар Маҷлиси Кулли СММ дар бораи додани истиқлолият ба мамлакатҳои мустамлика ва тобеъ эъломия қабул карда шуд. Баъди ин ба таври оммавӣ истиқлолият ба даст овардани мустамликаҳои африкоии давлатҳои империалистӣ сар шуд.

### САНАҲО, ВОҚЕАҲО, ДАЛЕЛҲО

• Соли 1956 - истиқлолият эълон кардани Судон, Марокаш ва Тунис.

• Соли 1957 - эълон карда шудани истиқлолияти Гана дар қаламрави мустамликаи англисии Соҳили Тиллоӣ ва Того.

• Соли 1958 - дар Африкои Тропикӣ аз мустамликаҳои Фаронса аввалин шуда Гвинея истиқлолият ба даст овард.

• Соли 1960 - дар тӯли як сол 17 мустамликаи африкоӣ истиқлолият ба даст овард - ҳамаи мустамликаҳои Фаронсавии Африкои Ғарбӣ, Фаронсавии Экваториалӣ, Мадагаскар, Конгои Белгия, қаламрави фаронсавии Того ва Камерун, Нигерияи тобеи Британияи Кабир, Сомалии Британӣ ва Сомалии Италиягӣ, ки муттаҳид шуда, худро Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Сомалӣ эълон намуданд.

• Соли 1961 мустамликаҳои британии Сера Леоне ва Танганика истиқлолият ба даст оварданд.

• Соли 1962 Руанда ва Бурунди ном давлатҳои нав тавлид ёфтанд. Алҷазоир баъди ҷанги озодихоҳонаи 8-сола истиқлолият ба даст овард.

• Соли 1963 режими мустамликавӣ дар Кения ва Занзибар барҳам зада шуда, Федератсияи Родезия ва Нясаленди аз тарафи Британияи Кабир таъсисдода барҳам хӯрд.

• Соли 1964 Нясаленд худро давлати Малавӣ эълон кард. Родезияи Шимолӣ-давлати Замбия, Танганика бошад, ба Занзибар муттаҳид шуда, Ҷумҳурии Муттаҳидаи Танзанияро ташкил намуданд.

• Соли 1965 Гамбия худро соҳибистиқлол эълон кард.

• Соли 1966 Бечуаналенд ва Басутоленди тобеи Британияи Кабир мувофиқан худро бо номҳои Ботсвана ва Лесото соҳибистиқлол эълон намуданд.

• Соли 1968 ҷазираҳои Маврикий, Свазиленд ва Гвинеяи Экваториалӣ ба қатори давлатҳои ҷавони соҳибистиқлол дохил шуданд.

• Ҳанӯз соли 1955 дар Африқои нопайдоканор, ки қариб ҳамаи мамлакатҳои он мустамлика буданд, танҳо панҷ давлати нисбатан соҳибистиқлол мавҷуд буд: Миср, Либерия, Ҳабашистон, Либия ва Иттифоқи Африқои Ҷанубӣ. Аз он вақт шумораи давлатҳои соҳибистиқлол дар Африқо 8 баробар афзуда, дар соли 1968 42 давлатро ташкил намуд.

• Соли 1968 дар Африқо давраи якуми ҳаракати миллию озодихоҳӣ ба охир расид. Дар ҷануби китъа идораи мустамликавӣ ҳанӯз ҳам барҳам дода нашуд. Ангола, Мозамбик, Африқои Ҷанубу Ғарбӣ ва баъзе мулкҳои дигар дар ҳолати мутамликавӣ монданд.

?

1. Аз калом солҳо ба истиқлолият соҳиб шудани давлатҳои Африқо вусъат ёфт?
2. Худро бисанҷед: шумо калом давлатҳои истиқлолият ба дастовардаи африқоиро номбар карда, онҳоро аз харита нишон дода метавонед?
3. Созмони Милали Муттаҳид дар бораи додани истиқлолият ба давлатҳои мустамлика ва тобеъ кай эъломия қабул кардааст? Аз мавзӯи 4 "Барҳамхӯрии низоми мустамликадорӣ" ба хотир биёред.

## § 32. МИСР АЗ ВОБАСТАГӢ РӮЙ БА ПЕШРАФТ

**ҲАРАКАТИ МИЛЛИЮ ОЗОДИХОҲИИ ХАЛҚИ МИСР.** Баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ халқи Миср умед ба он дошт, ки истиқлолият ба даст медарорад, вале ин тавр нашуд. Миср мисли пештара дар асоси созишномаи соли 1936 ба Англия вобаста буд.

Корпартоиҳо яке аз воситаҳои самараноки ҳаракати миллию озодихоҳии ишдавраинаи Миср буданд. Ин корпартоиҳо аз охирҳои соли 1945 оғоз ёфтанд. Корпартоии нисбатан калон дар Шубра ал-Хаймаи наздикии Қоҳира аз ҷониби бофандагон ба амал омад. Ба он Конфедератсияи иттифоқҳои касабаи Миср сарварӣ кард. Корпартофтагон талаб карданд, ки артиши Англия аз мамлакат бароварда шавад.

Ҳукумат бар зидди корпартофтагон лашкар равон кард. Баъди ин дар сар то сари Миср намоишҳои эътирозӣ барпо гардида, иштирокчиёни он истеъфои ҳукуматро тақозо карданд. Дар ҷараёни ин ҳаракат Ҷабҳаи умумимиллии зиддиимпериалистӣ ташкил карда шуд, ки он Кумитаи миллии донишҷӯён ва коргарон ном дошт.



*Расми 72. Ҷамол Абдулносир (1918-1970).*

Ҳукумат нияти пахши ҳаракати миллию озодихоҳиро амалӣ карданӣ буд, вале аз ӯҳдаи ин кор баромада натавониста, ба истеъфо рафт. Ба ҳукумати нав шахси иртиҷоъпеша Исмоил Сидқипошо роҳбарӣ кард.

Кумитаи миллии коргарон ва донишҷӯён халқи Мисрро даъват кард, ки корпартой карда, аз Миср баровардани артиши Англияро талаб намоянд. Дар Қоҳира корпартоие ба амал омад, ки дар он то 150 ҳазор нафар одамон иштирок карданд. Ба муқобили корпартофтагон артиши Англия истифода бурда шуд. Англисҳо ба муқобили ватандӯстони Миср оташ кушоданд. Иштирокчиёни намоиш ҷасадҳои фавтидагонро дар парчами миллӣ печонида, дар кӯчаҳои шаҳр роҳпаймоӣ карданд. Намоишчиён ба ситод ва казармаҳои англисҳо ҳамла мекарданд. Ҳукумати Сидқипошо ба ёрии англисҳо аскар ва пулис фиристонид. Ҳукумат намоиш ва фаъолияти Кумитаи миллии коргарон ва донишҷӯёнро манъ кард.

Дар шаҳрҳо ба хотири шаҳидон роҳпаймоиҳои мотамии хомӯшона ба амал омаданд. 4 март намоишчиёни шаҳри Искандария низ тирборон карда шуданд. Баъди ин Сидқипошо мавқеи худро тағйир дода, барои баровардани артиши Англия аз Миср майл кард. Дар баробари ин аз мардум талаб кард, ки корпартой ва намоишҳоро қатъ кунанд, то ки музокирот бо англисҳо оромона ва самаранок сурат бигирад.

Ҳангоми музокирот, ки он дар Қоҳира оғоз ёфт, Англия барои баровардани артиши худ аз Миср шартҳои зерин пешниҳод кард: 1. Дар Миср нерӯҳои ҳарбӣ - баҳрӣ ва ҳарбӣ-ҳавоии англисӣ монанд. 2. Шӯрои муштараки мудофиаи Англия ва Миср ташкил карда шавад. 3. Англия ҳуқуқ пайдо кунад, ки дар мавриди "ҳолатҳои фавқулодда" артиши худро ба Миср дарорад. 4. Артиши Мисрро барои амалиётҳои ҳарбии худ берун аз қаламрави Миср истифода барад. 5. Артиши Англия аз Миср баъди 3 сол бароварда шавад.

Дар чунин вазъият моҳи маи соли 1948 дар байни Исроил ва мамлакатҳои араб ҷанг ба амал омад. СММ ба тарафҳои даргир пешниҳод намуд, ки силоҳҳои худро ба замин гузоранд. Давлатҳои империалистӣ қарори ин созмони байналхалқиро дар бораи дар Фаластин таъсис намудани ду давлат вайрон карданд. Қаламраве, ки бояд дар он давлати нави арабҳо - Фаластин таъсис меёфт, дар байни Урдун ва Исроил тақсим карданд. Ноҳияи Ғаза ба Миср дода шуд. Оғози соли 1949 амалиётҳои ҳарбӣ дар байни Исроил ва мамлакатҳои араб қатъ гардида, дар байни онҳо созишномаи оштӣ ба имзо расид. Мувофиқи ин созишнома дар байни Исроил ва давлатҳои араб хати муваққатии марзӣ кашида шуд. Вале Исроил ин "сарҳад"-ро тез-тез вайрон карда, бар зидди мамлакатҳои араб сиёсати таҷовузкоронаи худро давом медод ва, пеш аз ҳама, бар зидди Миср ва халқи араби Фаластин.

Дар шароити болоравии ҳаракати зиддиимпериалистӣ ва муваффақшавӣ ба истиқлолияти миллӣ ҳукумати Миср эълон кард, ки пешниҳоди Англия, Фаронса

ва Туркия дар бораи муттаҳидшавии Миср бахри "дифоъ"-и Шарқи Миёнаро рад мекунад. Парлумони Миср қарор қабул кард, ки созишномаи соли 1936 байни Англия ва Миср ва созишномаи байни ин давлатҳо аз соли 1899 дар бораи Судон бекор карда шавад. Ҷавобан Англия ба минтақаи канали Суэтс артиш фиристод. Дар баъзе маҳалҳои Миср бо ҷузъу томҳои артиши Англия аз нав задухӯрдҳо ба амал омаданд.

**1. Дар бораи болоравии ҳаракати миллию озодихоҳии халқи Миср бар зидди империализми англис далелҳо биёред.**
**2. Парлумони Миср кадом қарорҳоро қабул кард ва онҳо чи аҳамият доштанд?**

**ИНҚИЛОБИ 23 ИЮЛИ СОЛИ 1952.** Дар марҳалаи нави мубориза бар зидди мустамликадории Англия ҳарбиёни ватанпарвари Миср низ иштирок карданд. Созмони "Афсарони озод" фаъол шуд. 23 июли соли 1952 ин созмон ба артиш ва оммаи халқ такя карда, мутлақият ва ҳукумати иртиҷоии Мисрро сарнагун сохт. Баъди он, ки шоҳ аз тоҷу тахт даст кашид, ҳокимият ба дасти Шӯрои Фармондеҳии Инқилобӣ (ШФИ) даромад, ки он аз арбобони "Афсарони озод" иборат буд.

Моҳи июни соли 1953 Миср ҷумҳурӣ эълон карда шуд. Дар байни роҳбарони нави Миср оид ба масъалаи роҳи ояндаи мамлакат баҳсу мунозира оғоз ёфт. Як қисми аъзои ШФИ дар зери роҳбарии генерал Нахиб муқобили идомаи инқилоб баромада, изҳор дошт, ки бояд Миср рӯ ба тарафи Амрико гардонида, дар мамлакат дастовардҳои сармоядорӣ мустаҳкам карда шаванд. Вале ин қисми ШФИ камшумор буд. Аксарияти аъзои ШФИ талаб карданд, ки ба хотири истиқлолияти сиёсӣ ва мустақилияти иқтисодӣ инқилобро густариш додан лозим аст. Дар ин баҳс гурӯҳе, ки ҷонибдори идомаи инқилоб буд, ғалаба кард. Ба ин гурӯҳ Ҷамол Абдулносир роҳбарӣ мекард. Ӯ дар мансаби Раиси ШФИ Нахибро иваз намуд.

Соли 1953 ҳизбҳои сиёсӣ ва созмони динии "Бародарони мусулмон" манъ карда шуданд. Соли 1956 Конститутсияи нави Миср қабул карда шуд. Дар дебочаи он қайд гардида буд, ки халқи Миср бар зидди империализм ва феодализм мубориза мебарад. Дар қисматҳои алоҳидаи конститутсия гуфта мешуд, ки "Миср Ҷумҳурии Демократӣ ва халқи Миср як қисми халқи араб мебошад". Сарвари давлат президент буда, ба ин мансаб Ҷамол Абдулносир интихоб шуд. Ҳокимияти қонунгузор ба Маҷлиси Миллӣ тааллуқ дошт. Он аз тариқи интихоботи умумӣ ба мӯҳлати 5 сол интихоб карда мешуд. Маҷлиси Миллӣ ба фаъолияти ҳокимияти иҷроия назорат ва буҷаи давлатиро тасдиқ мекард.

**1. Сабабҳои инқилоби озодихоҳонаи соли 1952-и Мисрро баён созед.**
**2. Баъд аз инқилоб дар ҳаёти сиёсии Миср кадом тағйиротҳо ба амал омаданд?**
**3. Ҷамол Абдулносир кадом вазифаро иҷро мекард?**

**МИЛЛИКУНОНИИ КАНАЛИ СУЭТС.** Мавзӯи "48-50 Мамлакатҳои Араб"-ро аз китоби дарсии таърихи умумӣ барои синфи 8 ба хотир биёрем. Дар он мо дар бораи сохтмони канали Суэтс дар солҳои 1854-1869 маълумот дода будем. Он вақт ин канал пурра дар ихтиёри хориҷиён буд. Соли 1954 Ҳукумати Миср аввал ба он муваффақ шуд, ки бо Англия дар бораи баровардани артиши он аз Миср

созишнома ба имзо расонад. Моҳи июли соли 1956 бошад, баъди зиёда аз 80 сол парлумони Миср дар бораи миллӣ кунонидани ин канал конун қабул кард. Ин иқдом муваффақияти бузург буд дар ҳаракати миллию озодихоҳии халқи Миср. Дар баробари ин ҳукумати Миср иброз дошт, ки канали Суэтсро миллӣ кунонида, конвенсияи Константинополии соли 1888-ро дар хусуси озодии киштигардӣ риоя мекунад ва инчунин соҳибони саҳмияҳои ширкати канали Суэтс чубронпулӣ мегиранд. Сарфи назар аз ин, доираҳои таҷовузкори кишварҳои империалистӣ ба муқобили ҳукумати Миср баромаданд. Ҳатто кор то ба муҳосираи иқтисодӣ ва таҷовузи ҳарбии зидди Миср расид.

Моҳи августи соли 1956 бо ташаббуси ҳукумати Англия дар шаҳри Лондон маҷлиси машваратӣ оид ба канали Суэтс баргузор гардид, ки ба он танҳо нисфи он давлатҳое, ки аз канал истифода мебурданд, даъват шуданд. Ба ин маҷлис давлатҳои араб, аз он ҷумла, Миср даъват карда нашуданд. Аз ин рӯ, гуфтан лозим аст, ки гӯё "масъалаи канали Суэтс" танҳо кори масъалаи дохилии ташаббускорони ин маҷлис бошад. Дар маҷлис намояндагони ИМА лоиҳае пешниҳод карданд, ки мувофиқи он канали Суэтс бояд аз зери идораи Миср баровардa, ба идораи ширкати муштараки хориҷиён дода шуда, он абадӣ дар дасти ин ширкат монад. Баъди ду моҳ масъалаи канали Суэтс ба муҳокимаи Шӯрои Амнияти СММ гузошта шуд. Оид ба ин масъала лоиҳаи Англия, Фаронса ва Амрико мавриди баррасӣ қарор гирифт. Ин лоиҳа дар назар дошт, ки Миср аз ҳуқуқи қонунии худ ба канали Суэтс даст мекашад.

Дере нагузашта мамлакатҳои империалистӣ аз сухан ба амал гузашта, артиши Англия ва Фаронса бо ҳамроҳии артиши Исроил шаҳрҳои Мисрро гулӯлаборон намуданд. Дар натиҷаи ин ваҳшигарӣ шаҳрҳои Қоҳира, Искандария, Порт-Саид, Суэтс ва нуктаҳои дигари калони аҳолинишини Миср зарари калон диданд.

Созмони Милали Муттаҳид ба тарафҳои даргир пешниҳод кард, ки ҷангро бас кунанд. Вале Англия, Фаронса ва Исроил ба қарори СММ итоат накарданд. Баъди он ки Иттиҳоди Шӯравӣ ба таҷовузкорон таҳдиди ҳарбӣ кард, онҳо амалиётҳои ҳарбиро бар зидди Миср қатъ намуданд.

Ҳамин тариқ, Миср ба милликунонии канали Суэтс муваффақ шуд.

**1. Дар бораи таърихи сохта шудани канали Суэтс чиҳо медонед?**
**2. Нақшаҳои марбут ба канали Суэтсро, ки аз тарафи Англия, Фаронса ва Амрико пешниҳод шуда буданд, шарҳ диҳед.**
**3. Таҷовузи зидди Миср аз ҷониби Англия, Фаронса ва Исроил чӣ хел сурат гирифт ва он чӣ натиҷа дод?**

**ДАР ҲАЙАТИ ҶУМҲУРИИ МУТТАҲИДАИ АРАБ.** Сиёсати таҷовузкоронаи мамлакатҳои империалистӣ бар зидди Миср шуури худшиносии миллии халқи Мисрро бедор ва баланд кард. Ғояи ягонагии миллати араб қалби ин мардумро фаро гирифт. Мамлакатҳои араб ба муборизаи миллию озодихоҳии халқи Миср ва мамлакатҳои дигари араби мустамлика ва тобеъ якдилӣ баён менамуданд. Дар шароити мазкур фикре ба миён омад, ки давлатҳои араб бар зидди таҷовузи мам-лакатҳои империалистӣ ва Исроил муттаҳид шаванд. Натиҷаи ҳамин буд, ки моҳи феврали соли 1958 дар ҳайати Миср ва Сурия - Ҷумҳурии Муттаҳидаи Араб ташкил ёфт.

Баъди чанде Конститутсияи Муваққатии ҶМА қабул гардид. Мувофиқи он Миср ва Сурия ду қисми ҶМА эълон карда шуданд. Вале сохти сиёсии Сурия ба сохти сиёсии Миср монанд набуд. Бо розигии тарафи Сурия он ба низоми сиёсии Миср монанд карда шуд. Чӣ тавре ки дар мавзӯи гузашта ҳам гуфта шуд, ин давлат умри дуру дароз надид. Оид ба масъалаҳои гуногуни сиёсию иқтисодӣ дар байни Миср ва Сурия мухолифатҳо мавҷуд буданд. Ин низоъ дар Сурия ҳатто артишро низ фаро гирифт. Дар натиҷаи баромади рӯирости артиши Сурия моҳи сентябри соли 1961 Сурия аз ҶМА баромад.



*Расми 73.* ***Ҷамол Абдулносир*** *дар байни вакилони Конференсияи кишварҳои ҳамроҳнашуда. Белград, соли 1961.*

Баъди ин воқеаҳо ҶМА ном, парчам ва суруди миллии худро нигоҳ дошт. Он танҳо соли 1972 Ҷумҳурии Мисри Араб ном гирифт.

?
1. Ҷумҳурии Муттаҳидаи Араб бо кадом сабаб таъсис ёфт?
2. Дар бораи тақдири ҶМА фикри худро иброз доред.

**БОЛОРАВИИ ИҚТИСОДИЁТ.** Чӣ тавре ки медонед, дар мақоми мустамликавӣ вазъи иқтисодию иҷтимоии Миср дар ҳолати таназзул қарор дошт. Аз ин рӯ, дар назди Миср вазифа меистод, ки дар ин роҳ тағйиротҳои самаранок ба амал барорад. Баъди ба даст овардани истиқлолият барои дар Миср пеш рафтани иқтисодиёт шароит фароҳам омад.

Миср давлати аграрӣ буд. Қисмати асосии инфраструктураи иқтисодии онро ҳамин соҳа ташкил менамуд. Вале соҳаи аграрии Миср аз бисёр ҷиҳат нишонаҳои асримиёнагии худро нигоҳ дошта буд. Сиёсати мустамликадорӣ ва истисмори мамлакат аз тарафи сармояи хориҷӣ вазъи мушкили кишоварзии Мисрро боз ҳам вазнинтар намуд.

Дар Миср 12 ҳазор нафар заминдор буд, ки ҳар кадом зиёда аз 20 гектар замин дошт. Боз 2 ҳазор нафари дигар аз ин заминдорон ҳам зиёдтар - 84-гектарӣ замин доштанд. Ин заминдорон сармоядор ҳам буда, дар ҳукумат мақоми калон доштанд.

Шоҳи Миср Фарук ҳам заминдор буд. Ӯ дар ихтиёри худ 200 федан (1 федан баробар ба 0,42 га аст) замин дошт. 2,6 милион деҳқон, яъне 96 фоизи деҳқонон чоряккор ё панҷяккор буданд. Аз он ҷумла, қариб 2 милион нафар танҳо порчаҳои ниҳоят хурди замин - 0,15 ҳиссаи га. Як қисми кишоварзон аз ин ҳам камтар замин доштанд. Ин заминдорон оилаҳои худро хӯронда пӯшонда наметавонистанд.

Пешрафти иқтисодии Мисрро аз рӯи вазъи кишоварзӣ ва кишоварзон фаҳмида ва баҳо додан мумкин буд.

• Соли 1967 таҷовузкорони Исроил бар зидди мамлакатҳои араб бори сеюм таҷовузи ҳарбӣ ташкил карда, нимҷазираи Сино ва минтақаи Ғозаро ишғол намуд. Канали Суэтс аз кор бароварда шуд. Ҳокимони Исроил қарори Шӯрои Амнияти СММ аз 22 октябри соли 1967-ро эътироф накарда, артиши худро аз қаламрави ишғолшудаи арабҳо набаровардаанд.

Ҳокимони Исроил заминҳои ишғолкардаи худро қисми ҷудонопазири Исроил ҳисобида, ҳатто дар он ҷойҳо интихоботи муниципалӣ доир намуданд. Ҳамагуна пешниҳод оид ба ҳалли осоиштаи низоъро рад карданд.

**1. Навгониҳои иқтисодии Ҷамол Абдунносир Мисрро ба қадом сохти ҷамъиятӣ ворид месохтанд?**
**2. Дар бораи ҷараёни ҳаёти сиёсии Мисри солҳои 60-ум маълумот диҳед.**
**3. Дар бораи сиёсати таҷовузкоронаи Исроил бар зидди Мисри соҳибистиқлол фикри худро иброз доред.**

## § 33. МАМЛАКАТҲОИ МАҒРИБИ АРАБ ОЗОД МЕШАВАНД

**ШАРҲИ УМУМӢ.** Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба болоравии ҳисси ватандӯстӣ ва бедории миллии халқи араби Мағриб таъсири мусбат расонид. Ин буд, ки баъд аз ҷанг дар ин минтақаи Африқо ҳаракати миллию озодихоҳӣ вусъат ёфт.

Маълум аст, ки мустамликадори асосӣ дар Мағриб Фаронса буд. Вале он дар натиҷаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ то як дараҷа заиф шуда, дар як вақт барои дар тобеияти худ нигоҳ доштан, ҳам бар зидди халқи Алҷазоир, ҳам бар зидди халқи Марокаш ва ҳам бар зидди халқи Тунис мубориза бурда наметавонист. Барои Фаронса мустамликаи аз ҳама фоидабахштарини араби Мағриб Алҷазоир буд. Ба ҳамин хотир, ҳукумати Фаронса соли 1956 маҷбур шуд, ки ба Тунис ва Марокаш истиқлолият бидиҳад.

### АЛҶАЗОИР

Чӣ тавре ки ба шумо маълум аст, Алҷазоир ҳанӯз аз соли 1830 ба мустамликаи Фаронса табдил ёфта буд. Аз байн зиёда аз 100 сол гузашта бошад ҳам, дар ҳолати мустамликавӣ ва беҳуқуқии халқи ин мамлакат тағйироти мусбате ба амал наомадааст. Соҳиби мустамлика мисли қаблӣ халқи Алҷазоирро дар ҳолати беҳуқуқӣ нигоҳ медошт. Дар шароити нави таърихӣ алҷазоириҳо барои ба даст овардани истиқлолияти ватани хеш бархостанд.

**БОЛОРАВИИ ҲАРАКАТИ МИЛЛИЮ ОЗОДИХОҲӢ.** Ба Фаронсаи баъдиҷангӣ зарур буд, ки иқтисодиёташ аз нав барқарор карда шавад. Ин кор аз он ҷумла тавассути горaткунии боигарии миллии Алҷазоир ба амал бароварда мешуд. Ширкатҳои инҳисории Фаронса дар он ҷо корхонаҳои нави коркарди аввалияи ашёи хом месохтанд. Дар соҳаи кишоварзии Алҷазоир мисли замони пеш аз ҷанг хоҷагиҳои калони сармоядорӣ, ки аз они муҳоҷирони фаронсавӣ буданд, афзалият доштанд. Заминдорони калони араб бошанд, хоҷагиҳои худро мисли усули асримиёнагӣ пеш бурда, ба бозор робитаи кам доштанд.

Халқи Алҷазоирро ҳам сармоядорони дохилӣ ва ҳам хориҷӣ истисмор мекарданд. Дар шароити вазнини баъдиҷангӣ ин истисмор боз ҳам шадидтар шуд.

• Соли 1967 таҷовузкорони Исроил бар зидди мамлакатҳои араб бори сеюм таҷовузи ҳарбӣ ташкил карда, нимҷазираи Сино ва минтақаи Ғазаро ишғол намуд. Канали Суэтс аз кор бароварда шуд. Ҳокимони Исроил қарори Шӯрои Амнияти СММ аз 22 октябри соли 1967-ро эътироф накарда, артиши худро аз қаламрави ишғолшудаи арабҳо набаровардаанд.

Ҳокимони Исроил заминҳои ишғолкардаи худро қисми ҷудонопазири Исроил ҳисобида, ҳатто дар он ҷойҳо интихоботи мунисипалӣ доир намуданд. Ҳамагуна пешниҳод оид ба ҳалли осоиштаи низоъро рад карданд.

1. Навгониҳои иқтисодии Ҷамол Абдулносир Мисрро ба кадом сохти ҷамъияти ворид месохтанд?
2. Дар бораи ҷараёни ҳаёти сиёсии Миср солҳои 60-ум маълумот диҳед.
3. Дар бораи сиёсати таҷовузкоронаи Исроил бар зидди Миср соҳибистиқлол фикри худро иброз доред.

## § 33. МАМЛАКАТҲОИ МАҒРИБИ АРАБ ОЗОД МЕШАВАНД

**ШАРҲИ УМУМӢ.** Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба болоравии ҳисси ватандӯстӣ ва бедории миллии халқи араби Мағриб таъсири мусбат расонид. Ин буд, ки баъд аз ҷанг дар ин минтақаи Африқо ҳаракати миллию озодихоҳӣ вусъат ёфт.

Маълум аст, ки мустамликадори асосӣ дар Мағриб Фаронса буд. Вале он дар натиҷаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ то як дараҷа заиф шуда, дар як вақт барои дар тобеияти худ нигоҳ доштан, ҳам бар зидди халқи Алҷазоир, ҳам бар зидди халқи Марокаш ва ҳам бар зидди халқи Тунис мубориза бурда наметавонист. Барои Фаронса мустамликаи аз ҳама фоидабахштарини араби Мағриб Алҷазоир буд. Ба ҳамин хотир, ҳукумати Фаронса соли 1956 маҷбур шуд, ки ба Тунис ва Марокаш истиқлолият бидиҳад.

### АЛҶАЗОИР

Чӣ тавре ки ба шумо маълум аст, Алҷазоир ҳанӯз аз соли 1830 ба мустамликаи Фаронса табдил ёфта буд. Аз байн зиёда аз 100 сол гузашта бошад ҳам, дар ҳолати мустамликавӣ ва беҳуқуқии халқи ин мамлакат тағйироти мусбате ба амал наомадааст. Соҳиби мустамлика мисли қаблӣ халқи Алҷазоирро дар ҳолати беҳуқуқӣ нигоҳ медошт. Дар шароити нави таърихи алҷазоириҳо барои ба даст овардани истиқлолияти ватани хеш бархостанд.

**БОЛОРАВИИ ҲАРАКАТИ МИЛЛИЮ ОЗОДИХОҲӢ.** Ба Фаронсаи баъдиҷангӣ зарур буд, ки иқтисодиёташ аз нав барқарор карда шавад. Ин кор аз он ҷумла тавассути горати боигарии миллии Алҷазоир ба амал бароварда мешуд. Ширкатҳои инҳисории Фаронса дар он ҷо корхонаҳои нави коркарди аввалияи ашёи хом месохтанд. Дар соҳаи кишоварзии Алҷазоир мисли замони пеш аз ҷанг хоҷагиҳои калони сармоядорӣ, ки аз они муҳоҷирони фаронсавӣ буданд, афзалият доштанд. Заминдорони калони араб бошанд, хоҷагиҳои худро мисли усули асримиёнагӣ пеш бурда, ба бозор робитаи кам доштанд.

Халқи Алҷазоирро ҳам сармоядорони дохилӣ ва ҳам хориҷӣ истисмор мекарданд. Дар шароити вазнини баъдиҷангӣ ин истисмор боз ҳам шадидтар шуд.

## САНАҲО, ВОҚЕАҲО, ДАЛЕЛҲО

• То охирҳои соли 1955 тамоми каламрави Алчазоир ба майдони ҳарбу зарб табдил ёфт. Ҳизбҳои сиёсии Алчазоир ба "Ҷабҳаи Озодибахши Миллӣ" ҳамроҳ шуданд.

• Соли 1956 Артиши Озодибахши Миллӣ ба созмони ҳарбии "Мубориза баҳри озодӣ" мубаддал гардид.

• Моҳи августи соли 1956 Конгресси "Ҷабҳои Озодибахши Миллӣ" баргузор гардид, ки он барномаи худро кабул кард. Он мубориза баҳри истиклолияти Алҷазоир, ислоҳоти замин, бунёди ҷумҳурии демократӣ ва иҷтимоиро инъикос карда буд. Конгресс Шӯрои миллии инкилоби Алчазоирро интихоб кард.

• 19 сентябри соли 1958 Ҳукумати муваккатии Ҷумҳурии Алчазоир таъсис дода шуд.

• Солҳои 1958-1961 мустамликадорони Фаронса дар Алчазоир борҳо исёнҳои ҳарбию фашистӣ бардошта, имконият намедоданд, ки Алчазоир соҳибистиклол шавад.

• 18 марти соли 1962 дар шаҳри Эвиан карордоде ба имзо расид, ки он муносибатҳои байни Алчазоир ва Фаронсаро танзим намуд. 1 июли соли 1962 дар Алчазоир мувофики нишондоди ин карордод райъпурсӣ гузаронида шуд. Дар натиҷаи он зиёда аз 99 фоизи алчазоириҳои дар он иштироккарда ба ҷонибдории истиклолияти Алчазоир овоз доданд.

• 1 июли соли 1962 Рӯзи таъсис ёфтани Алчазоири соҳибистиклол эълон гардид.

1. Кадом далелҳо дар бораи муборизаи халки Алчазоир баҳри истиклолияти ватани худ шаҳодат медиҳанд?
2. Дар бораи рафти истиклолият ба даст овардани Алчазоир [illegible]
3. Раъйпурсии умумихалқии 1 июли соли 1962 чӣ натиҷа дод?
4. Алчазоир кай истиклолият ба даст овард?

## ЭЪЛОМИЯ ҶАБҲАИ ОЗОДИБАХШИ АЛҶАЗОИР

(31 октябри соли 1954)

*Иқтибосҳо*

**Мақсадҳои дохилӣ**

2)Сафарбаркунӣ ва ташкили ҳамаи нерӯҳои солимфикри халки Алчазоир барои нест кардани режими мустамликадорӣ

Максадҳои хориҷӣ

3)Идомаи мубориза бо тамоми воситаҳо то иҷроиши максадҳои мо мутобики принсипҳои инкилобӣ ва бо дар назардошти шароити дохилию хориҷӣ

Алчазоирӣ!

...Мо туро даъват мекунем, ки дар бораи максаду маром ва икдоми дар боло зикрёфтаи мо фикр кунӣ. Ту бояд дар татбики он ширкат варзӣ, то ки Ватанамонро наҷот дода, ба он озодӣ бахшем.

Ҷабҳаи озодибахш - ҷабҳаи туст ва ғалабаи он ғалабаи туст.

...Мо бошем, тасмим гирифтаем, ки то охир мубориза барем... Мо барои Ватан чизи аз ҳама азизтаринро, ки дорем, мебахшем!»

Саид Заглул Фуад. Алжир в битве за освобождение. Тунис, 1957

Халқи Алҷазоир бар зидди мустамликадорони Фаронса мубориза бурда, ниҳоят соли 1962 истиқлолият ба даст овард. Аксарияти халқу давлатҳои дигар низ аз асорати мустамликавӣ бо ҳамин роҳ - аз тариқи муборизаи миллию озодихоҳӣ халос шуданд.

**1. Шиносоӣ ба мазмуни манбаъ шуморо ба кадом хулоса водор намуд?**
**2. Оё истиқлолият ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин мавзӯъ ягон робита дорад?**

**ҶУМҲУРИИ ХАЛҚӢ-ДЕМОКРАТИИ АЛҶАЗОИР.** Моҳи августи соли 1962 ваколатҳои Ҳукумати Муваккатии Алҷазоирро Бюрои Сиёсии "Ҷабҳаи Озодибахши Миллӣ" (ҶОМ) гирифт. Бо ҳамин сабаб низоъ ба амал омад. Бюрои Сиёсии ҶОМ мухолифони худро тавассути артиш торумор кард. Баъди ин мӯҳлати интихобот ба Маҷлиси Муассисон муқаррар карда шуд. Дар ин интихобот мардум танҳо ба номзадҳо аз нерӯҳои ҶОМ овоз доданд, чунки аз тарафи нерӯҳои дигар пешниҳод кардани номзадҳо имконнопазир буд.



*Расми 75. Дар кони нафти Хосси Массвуд (Алҷазоир).*

Барномаи пешазинтихоботии ҶОМ аз ҷузъҳои зерин иборат буд. 1. Бахри давлати демократӣ, ки ба адолат, амният ва озодӣ кафолат медиҳад. 2. Бахри озодии иқтисодӣ ва адолати иҷтимоӣ. 3. Бахри футӯҳоти мақсаду мароми халқи мо, ки он ислоҳоти замин, саноатигардонии ҳақиқии мамлакат, нон ва эҳтироми қадру қимати шаҳрвандонро дар назар дорад. 4. Бахри ҳифзи истиқлолияти миллӣ. 5. Бахри Алҷазоири озод ва гул-гулшукуфон.

### САНАҲО, ВОҚЕАҲО, ДАЛЕЛҲО

• 29 сентябри соли 1962 ҳайати ҳукумати нав тасдиқ карда шуд. Раиси ҳукумат Аҳмад бен Белла таъйин гардид.

• Моҳи сентябри соли 1963 аз тариқи райъпурсии умумихалқӣ Конститутсияи ҶХДА қабул карда шуд. Мувофиқи он давлат "Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Алҷазоир" ном гирифт.

• Моҳи июни соли 1965 дар Алҷазоир ба сари ҳокимият Хуари Бумеден омад. Алҷазоир ба тамоюли сотсиалистӣ рӯй ниҳод.

• Ҳамин тариқ, Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Алҷазоир истиқлолият ба даст дароварда, бо роҳи мустақилияти сиёсию иқтисодӣ пеш рафт.

1. "Ҷабҳаи Озодибахши Миллӣ" дар Алҷазоир кай ва чӣ тавр ба ҳокимияти мутлақ соҳиб шуд?
2. Аз далелҳои овардашуда хулоса бароред, ки Алҷазоир бо кадом роҳи рушди миллӣ дохил шуд.

## МАРОКАШ.

**МУБОРИЗА БАРОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ**. Баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар Марокаш низ ширкатҳои инҳисории хориҷӣ асосан аз Фаронса ва Амрико хӯҷаинӣ карда, боигарии миллии мамлакатро бераҳмона горат менамуданд. Ин давлатҳо дар Марокаш пойгоҳҳои ҳарбӣ низ месохтанд. Дар чунин ҳолати сиёсӣ истисмори халқи Марокаш аз тарафи ширкатҳои хориҷӣ боз ҳам шадидтар шуд. Ба замми ин Марокаш ба "Нақшаи Маршалл" ва паймони ҳарбии НАТО кашида мешуд.

Марокаш дар зери сарпарастӣ (протекторат)-и Фаронса буд. Соли 1944 халқи Марокаш баҳри истиқлолияти миллӣ ба мубориза бархост, вале он аз тарафи мустамликадорон гарқи хун карда шуд. Маълум буд, ки бо роҳи осоишта ба Марокаш додани истиқлолият имконнопазир аст. Инро фаҳмида, нерӯҳои сиёсӣ ва халқи Марокаш ҳаракати миллию озодихоҳиро ҷоннок намуданд. Соли 1946 Иттифоқи касабаи муттаҳидаи Марокаш таъсис ёфт. Дар натиҷаи фаъолияти самаранок ва мақсадноки он теъдоди корпартоиҳо афзуд. Корпартофтагон дар баробари талабҳои иқтисодӣ талабҳои сиёсӣ - ба Марокаш додани истиқлолият, бас кардани сохтмони пойгоҳҳои ҳарбии Амрико, иштирок накардани марокашиҳо дар ҷанги Ветнамро низ пешниҳод намуданд. Дар ҷавоб маъмурияти фаронсавӣ ба таъқиботи оммавии халқи Марокаш даст зад.

### САНАҲО, ВОҚЕАҲО, ДАЛЕЛҲО

- Султони Марокаш Муҳаммад бен Юсуф соли 1950 ду маротиба ба президенти Фаронса нома фиристонида, аз ӯ истиқлолияти Марокашро тақозо кард. Вале ҳукумати Фаронса муҳокимаи ин масъаларо рад кард.
- Соли 1951 Ҷабҳаи Миллии Марокаш ташкил карда шуд, ки барномаи он муваффақшавӣ ба истиқлолияти Марокашро дар назар дошт.
- Моҳи августи соли 1953 ҷосусони фаронсавӣ султони Марокаш Муҳаммад бен Юсуфро аз тахту тоҷ сарнагун сохтанд. Дар Марокаш аз тарафи ҳукумати Фаронса террори шадиди халқ оғоз ёфт.
- Моҳи августи соли 1955 дар Экс-ле-Бене музокироти байни Фаронса ва Марокаш оид ба ояндаи Марокаш оғоз ёфт, баъдтар дар он султон ҳам ширкат варзид.
- 2 марти соли 1956 "Эъломия дар бораи истиқлолияти давлатии Марокаш" ба имзо расид. 5 апрел истиқлолияти Марокашро Испания ҳам эътироф намуд.
- 29 октябри соли 1956 Эъломия дар бораи бекор карда шудани режими байналхалқӣ дар минтақаи Танҷер ба имзо расид.
- Муборизаи дуру дарози миллию озодихоҳӣ дар ниҳояти кор ба истиқлолият ба даст овардани Марокаш анҷом пазируфт.

1. Мубориза барои истиқлолияти Марокаш чӣ тавр сурат гирифт?
2. Фаронса ба Марокаш кай истиқлолият дод? Чӣ онро маҷбур кард, ки ба истиқлолияти ин мустамликаи худ розӣ шавад?
3. Дар муқоиса муайян намоед, ки муборизаи истиқлолиятхоҳӣ дар Алҷазоир ва Марокаш оё як хел ҷараён дошт.

**МАРОКАШИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ.** Тобеияти дуру дарози мустамликавӣ барои Марокаш оқибатҳои вазнин дошт. Маблағгузории хориҷӣ ба нафъи ширкатҳои хориҷиён имконият надод, ки саноати миллии Марокаш тараққӣ кунад. Аз содироти мол аз Марокаш ва ба Марокаш ворид сохтани мол, инчунин аз каллобӣ сармоядорони Фаронса, Олмон ва Амрико даромади ниҳоят калон ба даст медаровარданд. Дар Марокаш шумораи бекорон афзуд. Кишоварзон аз безаминию камзаминӣ азоб мекашиданд. Дар сар то сари мамлакат пойгоҳҳои ҳарбии фаронсавию амрикоӣ пур буданд. Бе барҳам задани онҳо ва бе баровардани лашкари давлатҳои хориҷӣ истиқлолияти комили Марокаш як чизи бемаънӣ мебуд. Аз ин рӯ, халқи Марокаш муборизаи худро бар зидди зӯроварии хориҷиён то баровардани қӯшунҳои онҳо ва барҳам задани пойгоҳҳои ҳарбӣ давом дод.

**САНАҲО, ВОҚЕАҲО, ДАЛЕЛҲО**

- Соли 1961 артиш Фаронса аз Марокаш бароварда шуд. Ҳукумати Амрико маҷбур шуд, ки ба барҳам додани пойгоҳҳои ҳарбии худ дар Марокаш шурӯъ кунад.
- Баъди соли 1957 вафот кардани Мухаммади V ба тахти подшоҳии Марокаш Ҳасани II нишаста, охирҳои соли 1961 "Қонуни асосии Марокаш"-ро интишор намуд. Сохти сиёсии Марокаш мутлақияти конститутсионӣ шуд. 7 июни соли 1965 баъди дар мамлакат ҷорӣ карда шудани вазъи фавқулодда амали конститутсия манъ карда шуд. Вазъи фавқулодда 5 сол давом карда, танҳо соли 1970 бекор карда шуд.
- Соли 1970 Конститутсияи нави Марокаш аз тариқи райъпурсии умумихалқӣ қабул гардид.
- Моҳи июли соли 1971 ба муқобили Ҳасани II сӯиқасд ташкил карда шуд.
- Аввал ба конститутсияи амалкунанда тағйирот дароварда ва баъд соли 1972 Конститутсияи нави Марокаш ба эътибор дароварда шуд.

1. Дар бораи мақоми давлатҳои хориҷӣ дар Марокаш чиҳо гуфта метавонед?
2. Вазъи иқтисодию сиёсии Марокаш дар аввали истиқлолият ба даст овардани он чӣ тавр буд?
3. Дар бораи Конститутсияҳои Марокаш маълумот диҳед.

## ТУНИС

**МУБОРИЗАИ МИЛЛИЮ ОЗОДИХОҲӢ.** Дар Тунис ҳам ширкатҳои инҳисории хориҷӣ ва, пеш аз ҳама, ширкатҳои Фаронса хӯҷаинӣ мекарданд. Баъд аз ҷанг аз заифшавии Фаронса истифода бурда, ИМА мехост, ки мавқеи худро дар Тунис таҳким бахшад. Аксарияти корхонаҳои саноатии дар Тунис сохташуда ба Фаронса ва Амрико тааллуқ доштанд.

Идомаи ҳукмронии Фаронса дар Тунис қаҳру ғазаби мардуми ин кишварро ба вуҷуд овард. Дар зери фишори оммаи халқ ва мавҷи умумиҷаҳонии ҳаракати

озодихоҳӣ ва демократӣ Фаронса маҷбур шуд, ки нисбат ба вазъи сиёсии Тунис баъзе гузаштҳо кунад. Соли 1946 Тунис - "давлати ҳамроҳшуда" эълон карда шуд.

Дар Тунис якчанд вазоратҳо ва Шӯрои Вазирон таъсис дода шуд, ки он аз 6 нафар тунисӣ ва 7 нафар фаронсавӣ иборат буд. Ба Шӯрои Вазирон намояндаи Фаронса роҳбарӣ мекард. Бе имзои Котиби Кулли Ҳукумати Тунис, ки фаронсавӣ буд, ягон қарори ҳукумат эътибор надошт. Ин истиқлолияти Тунис аз масхарабозӣ бештар набуд.

Охирҳои моҳи августи соли 1946 ҳизбҳои сиёсии ростгаро бо ташаббуси "Дастури Нав" Конгресси Миллиро даъват карданд. Он дар бораи истиқлолияти Тунис эъломия қабул кард. Вале баъдтар "Дастури Нав" роҳи пешгирифтаи худро тағйир дода, қарор кард, ки ба даст даровардани истиқлолият давра ба давра сурат бигирад. Барои ҳамин талаби фавран додани истиқлолият ба Тунисро бо додани "мухторияти дохилӣ" иваз намуд. Вале ҳукумати Фаронса гузашт кардан намехост. Мавқеи Фаронса қаҳру ғазаби халқи Тунисро ба вуҷуд овард. Охири соли 1951 корпартоии умумӣ эълон карда шуд. Ҳукуматдорон ба таъқиботи сиёсӣ гузаштанд. Моҳи январи соли 1952 роҳбарони аҳзоби сиёсӣ ва иттифоқҳои касабаи Тунис ҳам ба ҳабс партофта шуданд. "Дастури Нав" ғайриқонунӣ эълон карда шуд. Фаронса дар Тунис сензура ҷорӣ карда, ҳукумати нави гапдарои худро таъсис намуд.

Сарфи назар аз таъқибот дар Тунис дастаҳои мусаллаҳ таъсис ёфта, баъд ба артиши Тунис мубаддал гардиданд. Он барои истиқлолияти Тунис ва аз он ҷо пеш кардани фаронсавиҳо ва артиши онҳо муборизаи мусаллаҳонаро вусъат доданд. Фаронсавиҳо аз ӯҳдаи шикаст додани артиши Тунис баромада натавонистанд.

### САНАҲО, ВОҚЕАҲО, ДАЛЕЛҲО

• **Масъалаи истиқлолияти Тунис солҳои 1952 ва 1953 дар Иҷлосияи Кулли СММ мавриди баррасӣ қарор гирифт, вале ягон қароре қабул карда нашуд.**

• **Ҳукуматдорони Фаронса хостанд, ки халқи Тунисро ором гардонанд ва баҳори соли 1953 интихоботи маҳаллӣ гузарониданӣ шуданд, вале аҳолӣ инро напазируфта, эълон намуд, ки муборизаро барои истиқлолияти ватан то охир давом медиҳад.**

• **Маъмурияти Фаронса маҷбур шуд, ки гузашт кунад. Моҳи июли соли 1954 ҳукумати Фаронса эълон дошт, ки тайёр аст мухторияти дохилии Тунисро эътироф намуда, оид ба ин масъала созишнома ба имзо расонад. Созишномаи мазкур моҳи августи соли 1955 ба эътибор даромад.**

• **Баъди ба даст овардани "мухторияти дохилӣ" халқи Тунис рӯҳбаланд шуда, баҳри истиқлолияти давлатии кишвари худ муборизаро давом дод. Ин мубориза самарабахш буд. Байни Тунис ва Фаронса дар шаҳри Париж музокирот оғоз ёфт ва 20 марти соли 1956 Фаронса истиқлолияти Тунисро эътироф кард.**

?

1. Дар бораи вазъи иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии Тунис баъдиҷангӣ чиҳо гуфта метавонед?
2. Кадом чораҳои неруҳои миллӣ истиқлолияти давлатии Тунисро таъмин намуданд?

тамоми мамлакатро фаро гирифт, гарчанде ки он моҳияти осоишта дошт. Вале ҳангоме ки пулиси мустамликавӣ намоиши осоиштаи аскарони аз хизмат ҷавобшударо тирборон кард, мардуми сокини пойтахт - Аккра ба муборизаи мусаллаҳона даст зад. Соли 1947 Конвенти Муттаҳидаи Соҳили Тиллоӣ таъсис ёфт, ки талаби аввалини он ба ин мустамлика додани истиқлолият буд. Котиби кулли он Квама Нкруме ва роҳбарони дигари Конвенти Муттаҳида, ки ба мустамликадорон садоқат нишон надоданд, аз тарафи маъмурияти мустамликадорӣ ҳабс ва баъд бадарға карда шуданд. Ошӯбҳои дар Аккра баамаломадаро англисҳо ба артиши дар Нигерия будаи худ пахш карданд.

Баъди чанде Квама Нкруме аз бадарғагӣ баргашта, бо ҳамроҳии ҳамфикрони худ аз Конвенти Муттаҳидаи Соҳили Тиллоӣ баромада, Ҳизби Халкии Конвентро таъсис намуд. Ҳизби Квама Нкруме талаб кард, ки англисҳо ба Соҳили Тиллоӣ истиқлолият бидиҳанд. Вале маъмурияти мустамликавӣ бар зидди нерӯҳои миллӣ ва Ҳизби Халкии Конвент аз нав муборизаро сар кард. Роҳбарони онҳо ба ҳабс гирифта шуданд.

Соли 1951 дар Соҳили Тиллоӣ интихобот ба Маҷлиси қонунгузор доир гардид. Дар он ба намояндагони Ҳизби Халкии Конвент аксарияти интихобкунандагон овоз доданд. Квама Нкруме, ки дар ҳабс буд, низ ба маҷлиси қонунгузор вакил интихоб карда шуд.

Соли 1956 Конститутсияи Гана қабул гардид, ки он ба Соҳили Тиллоӣ ҳуқуқи доминионро дод. Бо ин иқдом ҷараёни истиқлолият ба даст овардани Гана ба охир нарасид. 6 марти соли 1957 мурофиаи расман эълон карда шудани истиқлолияти Гана баргузор гардид. Баъди 3 сол Гана ҷумҳурӣ эълон карда шуд ва губернатори охирини Англия мамлакатро тарк намуд.

**ГАНА БАЪД АЗ ЭЪЛОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ.** Ҳукумати Гана иқтисоди нақшавиро интихоб намуд. Нақшаҳои иқтисодии Гана аз тариқи манбаҳои дохилӣ ва қарзи хориҷӣ маблағгузорӣ карда мешуданд. Ҳукумати Гана ба рушди саноати миллӣ диққати махсус медод.

Ҳукумати Гана якчанд ширкати давлатӣ таъсис дод. Соли 1960 ҳукумат 5 ширкати хориҷиро миллӣ кунонид, ки ба истехсоли тилло машғул буданд. Ҳукумати Квама Нкруме ба пешрафти соҳаҳои нигаҳдории тандурустӣ, илм ва маориф диққати калон медод.

Гана дар арсаи байналхалқӣ дорои обрӯи калон, муборизи фаъоли кори сулҳ, яроқпартоӣ ва принсипҳои ҳамзистии осоишта буд. Соли 1958 дар Гана Конференсияи якуми олимони африқошинос баргузор гардид.

Квама Нкруме ғояи ягонагии халқҳои Африқоро дар сиёсати хориҷии Гана ба ҷои аввал гузошт. Ӯ кӯшиш ба харҷ медод, ки давлатҳои Африқо мустақил шаванд. Дар асоси ҳамин ғоя Гана ва Ҷумҳурии Гвинея иттифоқи давлатӣ ташкил намуданд. Ба ин иттифоқ Ҷумҳурии Малӣ ҳам ҳамроҳ шуд.

Гана ташаббускори фаъоли таъсиси Созмони Ягонагии Африқо буд.

Соли 1966 дар Гана табаддулоти давлатӣ ба амал омад. Ҳарбиён Шӯрои Миллии Озодкунӣ таъсис доданд. Он Квама Нкрумеро аз ҳокимият дур кард. Фаъолияти Ҳизби Халкии Конвентро манъ намуда, ҷонибдорони режими қаблиро ба ҳабс гирифт. Соли 1969 дар натиҷаи интихоботи парлумонӣ дар Гана Ҳизби Прогрессивӣ бо сардории К.А. Бусней ба сари ҳокимият омад. Баъди ин сиёсати дохилӣ ва хориҷии Гана тағйир касб кард. Соли 1972 дар Гана табаддулоти нави давлатӣ ба амал омад. Ин дафъа ба ҳокимият ҳарбиён соҳиб шуданд.

? ... [illegible]?
... [illegible]?
... [illegible] дар Ҷумҳурии Чин ҳокимияти давлати [illegible]

## НИГЕРИЯ

**ҲАРАКАТИ МИЛЛИЮ ОЗОДИХОҲӢ.** Нигерия мустамликаи серахолитарини Африкаи Тропикӣ буда, иқтисоди бисёрсоҳа дошт. Дар замони мустамликавӣ дар Нигерия барои содирот равғани зайтун, қаҳва ва чормағзи заминӣ истеҳсол карда мешуд. Аммо ҳам асоси содирот ба ҳисоб мерафт. Дар мамлакат саноати коркарди аввалияи ашё хом пеш рафта буд. Корхонаҳои калон ҳам мавҷуд буданд. Онҳо асосан барои содирот маҳсулот истеҳсол мекарданд. Сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии тамоми Нигерия якхела набуд. Дар шимол асосан сохти феодалӣ, дар ҷануб бошад, омезиши сохти қавмӣ ва сармоядорӣ ҳукмрон буд. Дар Нигерия табақаҳои буржуазия, зиёиён ва коргарон дар оғози асри XX пайдо шуда, ташаккул ёфтанд. Дар даврони баъдичангӣ дар Нигерия ширкатҳои африкоиасли ҳам таъсис ёфтанд. Африкоиҳо ба ширкатҳои англисӣ роҳ дода мешуданд. Вале аз ин аҳволи ширкатҳои африкоиасли беҳтар намешуд. Солҳои 50-ум нархҳои хариди маҳсулоти содиротии Нигерия рӯ ба поён рафта, зиндагии мардумро мушкил гардониданд.

Аҳволи вазнини мустамликавӣ дар Нигерия ҳаракати миллию озодихоҳиро ба вуҷуд овард. Ҳизбе, ки расман талаби ба Нигерия додани худидоракуниро дар доираи Иттиҳоди Миллатҳои Британия гузошт, Шӯрои Миллии Нигерия буд. Ин ҳизби зиддимустамликавӣ соли 1944 таъсис ёфтааст. Ба он Г. Маколай ва Н.А. Азикиве роҳбарӣ мекарданд.

Дар Нигерия баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ конститутсияи нави мустамликавӣ ба эътибор дароварда шуд. Мувофиқи он мамлакат ба се ноҳияи маъмурӣ - Шимолӣ, Шарқӣ ва Ғарбӣ тақсим карда шуд. Шӯрои Миллии Нигерия ба муқобили ин конститутсия баромад кард. Азикиве ба ҳайати вакилони халқи Нигерия роҳбарӣ кард, ки он ба шаҳри Лондон рафт, то ки андешаи нигериҳоро дар бораи истиқлолият ба таваҷҷуҳи Ҳукумати Британияи Кабир расонад. Вале Ҳукумати Англия вакилони Нигерияро қабул накард. Баъди ин мубориҳаи зиддимустамликавии халқи Нигерия пурзӯр шудан гирифт.



*Расми 76. Қурбониёни ҷанги шаҳрвандӣ дар Нигерия*

Ҳукуматдорони Британияи Кабир маҷбур шуданд, ки Конститутсияи Нигерияро аз нав дида бароянд. Барои ҳамин онҳо соли ба ин конститутсия конфронс доир намуданд. Дар таҳрири нави Конститутсияи Нигерия ғояи минтақавӣ афзалият пайдо намуд, ғояи ташкили

давлати ягонаи Нигерия шикаст хўрд. Нерўхои ҷонибдори ба минтақаҳо тақсим будани Нигерия, ки дар конститутсия ифода ёфта буд, ғалаба ба даст оварданд.

Соли 1954 Нигерия расман федератсия эълон карда шуд. Худи ҳамон сол дар мамлакат интихоботи парлумонӣ баргузор гардид. Конгресси Халқии Шимол дар Шимол, Шўрои Миллии Нигерия ва Камерун дар Ғарб ва Шарқ ғолибият ба даст оварданд. Намояндагони ин ду ҳизб ҳукумати Нигерияро ташкил намуданд.

Дар охирҳои солҳои 50-ум ба роҳбарони ин ду ҳизб муяссар шуд, ки ғояи ягонагии Нигерияро ба парчами муборизаи миллию озодихоҳии худ табдил дода, дар ин роҳ ҷидду ҷаҳд намоянд.

**НИГЕРИЯИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ.** Дар интихоботи охирини пеш аз эълони истиқлолият Конгресси Халқии Шимол ва Шўрои Миллии Нигерия ба аксарияти ҷойҳоро ба даст оварда, ҳукумати эътилофии Нигерияро ташкил намуданд, ки сардори он А.Т. Балева таъйин карда шуд. Яке аз роҳбарони Конгресси Халқии Шимол - Н. Азикиве президенти Нигерия интихоб гардид.

1 октябри соли 1960 истиқлолияти Нигерия эълон карда шуд.

Ҳукумати Нигерия дар мамлакат дигаргуниҳои демократиро амалӣ намуд. Сарфи назар аз ин, дар мамлакат вазъи сиёсӣ хуб набуд. Нерўхои сиёсии дар оппозитсиябуда ва махсусан Гурўҳи Амал бо сардории О. Аволово ба муқобили ҳукумати қонунӣ ба мубориза оғоз кард. Он сотсиализмро роҳи ягонаи пешрафти Нигерия меҳисобид.

Бахисобгирии аҳолӣ, ки дар он бо мақсадҳои сиёсӣ ва изофанависӣ роҳ дода шуд, торумори роҳбарони Гурўҳи Амал, соли 1963 ва ба суд кашидани онҳо вазъи ҷамъиятию сиёсии Нигерияро дар ҳолати тезу тунд нигоҳ медоштанд. Дар натиҷаи ин дар ҳизбҳои сиёсӣ ҷудоӣ ва дар байни баъзеи онҳо иттифоқ ҳам ба амал омад. Шўрои Миллии Нигерия, Камерун ва Гурўҳи Амал иттиҳоди худ, Иттиҳоди Конгресси Халқии Муштараки Бузурги Пешқадамро ташкил намуданд ва ҳизбҳое, ки Конгресси Халқии Шимолро дастгирӣ мекарданд, дар Иттиҳоди Миллии Нигерия муттаҳид шуданд. Яъне дар мамлакат се нерўи пурзўри сиёсӣ таъсис ёфт. Онҳо барои дар Нигерия ба даст овардани ҳокимият бо ҳамдигар рақобат мекарданд.



*Расми 77. Тоҷгузории «аба»-и ҷавонтарин дар Нигерия.*

Оғози соли 1966 якбора дар якчанд шаҳри калони Нигерия табаддулотҳои ҳарбӣ ба амал омаданд. Нахуствазири федералӣ А.Т. Балева, нахуствазири вилоятҳои Ғарб ва баъзе роҳбарони дигари сиёсӣ кушта шуданд. Ҳукумати ҳарбӣ бо сардории генерал-майор А. Иронси таъйин шуд. Вале ба ў низ муяссар нагардид, ки пеши роҳи минтақагароиро бигирад. А.Иронси ба сафари мамлакат баромад, то ки

барномаи ҳукумати худро ба аҳолӣ фаҳмонда диҳад, вале дар вилояти Ғарбӣ аз ҷониби аскарони шуришбардошта ба қатл расонида шуд.

Баъд аз қатли И. Иронси дар Нигерия табаддулоти нави ҳарбӣ ба амал омад. Ин дафъя Якуб Говон ба сари ҳокимият омад. Ҳукумати ӯ баҳри дар муттаҳидӣ нигоҳ доштани мамлакат ба амалӣ намудани чораҳои мушаххас гузашт. Тамоюли ҷудоихоҳии вилоятҳои алоҳидаи Нигерия то чанде нурзӯр мешуд. Я. Говон қарор дод, ки Нигерияро дар ягонагӣ тавассути артиши федералӣ нигоҳ доштан мумкин аст.

Артиши федералӣ музофотҳои ҷудоихоҳ, пеш аз ҳама, Нигерияи Шарқиро ба нерӯи силоҳ ишғол намуд. Роҳбарони он бо сарварии Оҷукву рӯй ба фирор ниҳоданд, қӯшунашон таслим шуд.

Ҳукумати Я. Говон барномаи гузариши мамлакатро ба ҳаёти осоишта пешниҳод намуд. Оид ба беҳдошти зиндагии заҳматкашон, бас кардани хусумати байниҳамдигарии миллию қавмӣ ва аз нав барқароркунии хоҷагии халқи мамлакат тадбирҳои самаранок андешид.

**?**

**1. Ҳаракати миллию озодихоҳӣ дар Нигерия чӣ тавр сурат гирифт?**
**2. Муайян кунед, ки чаро ҷараёни истиқлолият ба даст овардани Нигерия ва баъди он вазъи ҷамъиятию сиёсии мамлакат ин қадар мураккаб сурат мегирифт. Ин супоришро ба гурӯҳҳои хурд тақсим шуда, таҳлили назар намоед.**

**МУСТАМЛИКАҲОИ ФАРОНСАВИИ АФРИҚОИ ТРОПИКӢ.** Дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ маълум гардид, ки Фаронса наметавонад мисли пештара империяи мустамликавӣ монда гирад. Рафти таърих аз Фаронса тақозо мекард, ки мавқеи худро нисбати мустамликаҳо, махсусан дар қитъаи Африқо тағйир диҳад. Халқҳои Африқои Тропикӣ абадӣ дар ҳайати империяи мустамликавии Фаронса буда наметавонистанд.

Соли 1944 конфронс бо иштироки намояндагони олимақоми маъмурияти мустамликавии дар Браззавил даъваткардашуда масъалаи сохти оянди мустамликаҳо мавриди муҳокима қарор гирифт. Дар ин конфронс маълум гардид, ки гӯё сиёсати мустамликадории Фаронса мақсади мутамаддин доштааст.

Ба ҳар ҳол ҳукумат ба Конститутсияи Ҷумҳурии Чоруми Фаронса ва қонунҳои оид ба мустамликаҳо нишондодҳои барои Фаронса муҳим дохил карда шуданд. Аз рӯи конститутсияи нав мустамликаҳо мақоми қаламрави "он тарафи баҳр"-ро гирифтанд. Давлати нави Фаронса бо ҳамроҳии мустамликаҳо "Иттиҳоди Фаронса" ном гирифт. Ҳамаи шаҳрвандони ин иттифоқ, сарфи назар аз пайдоишашон, зоҳиран ҳуқуқи баробар гирифтанд. Дар қаламрави "он тарафи баҳр" мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ таъсис дода мешуданд - "шӯроҳои кулл", ки онҳо баъдтар "ассамблеяҳои маҳаллӣ" номгузорӣ шуданд.

Ин бо ном ислоҳот нишон дод, ки сухан дар бораи тағйири номи сиёсати мустамликадории Фаронса меравад, дар маҷмӯъ худи он сиёсат боқӣ мемонад.

Аз ин рӯ, дар солҳои минбаъда дар мустамликаҳои Фаронса, ки дар Африқои Тропикӣ ниҳоят бисёр буданд, ҳаракати миллию озодихоҳӣ вусъат ёфт. Ниҳоят, охирҳои солҳои 50-ум ва солҳои 60-ум онҳо ба гирифтани истиқлолияти давлатӣ ноил шуданд. Дар байни мустамликаҳои собиқи Фаронса Сенегал, Волтаи Боло, Дагомея, Камерун, Мавритания, Габон, Соҳили Устухони Оҷ ва мустамликаҳои дигари Африқои Тропикии Фаронса буданд.

1. Оё шумо мақсади ҳукумати Фаронса оид ба тақдири ояндаи мустамликаҳои дар Африқо будаашро фаҳмидед?
2. Моҳияти сохти сиёсати мустамликадории Фаронсаро дар Африқо баён намоед?
3. Давлатҳои дар мавзӯъ номбурдашудаи Африқоро аз харита нишон диҳед.

# § 35. МАМЛАКАТҲОИ АФРИҚОИ МАРКАЗӢ ВА ШАРҚӢ

## ҲАБАШИСТОН

**ВАЗЪИ ҲАБАШИСТОН БАЪД АЗ ҶАНГ.** Аз соли 1945 сар карда сармояи Амрико ҳам ба Ҳабашистон ворид шудан гирифт. Ширкати амрикоии "Синклер ойл корпорейшн" соли 1945 барои ҷустуҷӯӣ ва истеҳсоли нафт аз Ҳабашистон ба муддати 50 сол иҷозатномаи иҷора гирифт. ИМА бо Ҳабашистон дар бораи дӯстӣ ва ҳамкории иқтисодӣ ва дар бораи дифои муштарак созишнома ба имзо расонид. Дар бораи истифода аз иншоотҳои мудофиавии Ҳабашистон аз тарафи нерӯҳои мусаллаҳи ИМА карордоди дигар ҳам ба имзо расонида шуд. Ҳамин тариқ, дар маркази маъмурии Эритрея - Асмара пойгоҳи бузурги ҳарбии амрикоии алоқаи радио сохта шуд, ки дар он ҳайати 1500-нафараи ҳарбиёни амрикоӣ кор мекарданд.

Санадҳои ба имзорасида ва сохтмони пойгоҳи ҳарбӣ ба он оварда расониданд, ки Ҳабашистон ба ширкатҳои ИМА тобеъ шуд.

Дар баробари ба Ҳабашистон сар даровардани сармояи Амрико ба ин ҷо сармояи мамлакатҳои Аврупо низ ворид шудан мегирад. Масалан, ширкати фаронсавие соли 1964 дар бораи сохтмони нерӯгоҳи барқи дар дарёи Аваш бо ҳукумати Ҳабашистон карордод имзо кард. Ширкатҳои голландию белгиягӣ бошанд, дар саноати хӯрокворию бофандагии Ҳабашистон нуфуз пайдо намуданд.

Моҳи декабри соли 1952 роҳбарони Ҳабашистон ва Эритрея ба он муваффақ шуданд, ки дар асоси федералӣ қаламрави худро муттаҳид кунанд. Баъди ин Ҳабашистон ба баҳр роҳ пайдо намуд. Баъди 10 сол Эритрея ба яке аз музофотҳои Эфиопия табдил ёфт.

Чӣ тавре ки ба шумо маълум аст, оғози солҳои 60-ум аксарияти давлатҳои мустамликаи Африқо истиқлолият ба даст оварданд. Ҳабашистон дар Африқо мақоми муҳим пайдо кард. Вақте ки Созмони Ягонагии Африқо таъсис дода шуд, қароргоҳи он шаҳри Аддис-Абеба гардид. Шӯрои Иқтисодии СММ оид ба Африқо низ дар ҳамон ҷо қароргоҳ дошт. Дар Аддис-Абеба баъзе созмонҳои дигари байниафрикоӣ низ қароргоҳи худро доштанд, аз он ҷумла, Шӯъбаи Африқоии Созмони Байналхалқии Меҳнат.

Баъди озодшавии худ Ҳабашистон мамлакати аз ҷиҳати иқтисодӣ заиф буда, дар он муносибатҳои феодалӣ афзалият доштанд. Бо кӯмаки сармояи хориҷӣ дар Ҳабашистон як қатор объектҳои саноатӣ ҳам сохта шуданд. Соли 1964 қонуне қабул гардид, ки он ҳуқуқи сармояи хориҷиро дар Ҳабашистон бо ҳуқуқи сармояи маҳаллӣ баробар эълон кард. Мувофиқи ин қонун ҳамаи он корхонаҳои хориҷие, ки сармояшон аз 200 ҳазор доллар зиёд буд, аз андози даромад озод карда шуданд.

Ҳукумати Ҳабашистон тасмим гирифт, ки рушди иқтисодии мамлакатро аз рӯи нақша ба роҳ мемонад. Аз ин рӯ, соли 1967 нақшаи 5-солаи аввали тараққиёти хоҷагии халқи мамлакатро қабул кард. Вале он иҷро нашуд. Барои ҳамин ҳукумати

Ҳабашистон аз ИМА, ҶФО ва Англия ёрии молиявӣ пурсид.

Соли 1970 Ҳабашистон дар чорсӯи сиёсию иктисодӣ карор дошт, яъне аҳволи роҳи пешрафти худро дакик муайян накарда буд. Чӣ тавре ки мушоҳида кардед, ҳукумат аввал роҳи сармоядориро интихоб кард. Вале дар нимаи дуюми солҳои 60-ум муваффақиятро дар рушди иктисодӣ ва хоҷагии накшавӣ мекофт. Сарфи назар аз ин, Ҳабашистон дар рушди иктисодӣ ва иҷтимоӣ дастовардҳои кам дошт.



*Расми 78. Дар яке аз кӯчаҳои Ҳарар (Ҳабашистон)*

1. Вазъи сиёсию иктисодии баъдичангии Ҳабашистонро чӣ хел дарёфтед?
2. Мақоми сармояи хориҷиро дар Эфиопия муайян намоед.
3. Соли 1960 дар Аддис-Абеба чи вокеа ба амал омад?

## КЕНИЯ

**МУБОРИЗАИ ЗИДДИМУСТАМЛИКАВӢ.** Баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар Кения ҳаракати миллию озодихоҳӣ вусъат ёфт. Ба он Ҳизби Иттифоки Африкоии Кения роҳбарӣ мекард. Соли 1947 раиси ИАК Ҷомо Кениата интихоб гардид. Максади асосии ин ҳизб бекор карда шудани конунҳои нажодпарастӣ ва пасбаргардонидани заминҳое буд, ки муҳоҷирони хориҷӣ каш̣ида гирифта буданд.

Охири солҳои 40-ум ва аввали 50-ум дар Кенияи Марказӣ ҳаракати чирикӣ вусъат меёбад. Размандагон ба муҳоҷирони сафедпӯст ва тарафдорони онҳо ҳуҷум мекарданд. Ин ҳаракат "Мау-Мау" ном гирифт. Вазъият чунон тезу тунд шуд, ки губернатори Кения маҷбур шуд дар ин мустамлика вазъи фавкулодда эълон намояд. Роҳбарони Иттифок бо ҳамроҳии Кениата ҳабс карда шуданд. Баъди чанде фаъолияти Иттифоки Африкоии Кения манъ ва Кениата ба мӯҳлати 7 сол ба бадарга маҳкум карда шуд. Зиёда аз 80 ҳазор нафар оламон ҳамчун аъзои "Мау-Мау" ба урдугоҳҳои консентратсионӣ партофта шуданд. Ба мукобили исёнгарон артиши мунтазами мустамликадорон равон карда шуд. Муборизаи мустамликадорон бар зидди "Мау-Мау" то охири соли 1956 идома ёфт.

Сарфи назар аз таъкиботи маъмурияти англисӣ мустамликадорон наметавонистанд ҳукмронии худро дар Кения мисли пештара идома бидиҳанд. Барои ҳамин дар Кения ба гузаштҳои сиёсӣ роҳ дода, намояндагони африкоиаслро ба Шӯрои Қонунгузор интихоб намуданд. Интихобкунандагон ҳамагӣ 120 ҳазор нафар африкоиаслҳо буданд. Ба рӯйхати интихобкунандагон африкоиаслҳое дохил карда мешуданд, ки ба маъмурияти мустамликавӣ зиддият надоштанд. Сарфи назар аз ин, вакилони интихобшуда мавқеи зиддимустамликавиро ишғол намуданд. Ба хотири нажодӣ будани интихобот онҳо Шӯрои Қонунгузорро хунсо эълон карданд. Вале баъзе вакилони сиёҳпӯст

бо ҳамроҳии сафедпӯстон ба аҳзоби бисёрнажодӣ дохил шуданд. Бо ҳамин мустамликадорон тавонистанд, ки ягонагии африкоиасліхоро вайрон кунанд. Қисмати тундгарои ҳаракати миллию озодихоҳиро Том Мбойя ва Огинга Одинга сарварӣ мекарданд. Онҳо таъҷилан озод кардани Ҷомо Кениатаро тақозо карданд.

**САНАҲО, ВОҚЕАҲО, ДАЛЕЛҲО**

• Соли 1960 ҳайати вакилони африқоиҳои Кения ба Конфронси конститутсионӣ ба шаҳри Лондон ҳозир шуд. Мустамликадорон дар зери фишори сафедпӯстон аз "бисёрнажодӣ" даст накашиданд.

• Соли 1960 Иттиҳоди Миллии Африкоиҳои Кения аз ҷиҳати ташкилӣ таъсис ёфт. Ба он Т. Мбойи ва О. Одинга роҳбарӣ карданд. Баъд Иттифоқи Демократии Африқоиҳои Кения таъсис ёфт. Роҳбари он Р. Нгала буд.

• Соли 1961 Ҷомо Кениата баъд аз озодшавӣ ба Ҳизби Иттифоқи Миллӣ роҳбарӣ кард.

• Иттиҳоди Демократии Африқоии Кения дар интихоботи парлумонӣ пурра шикаст хӯрд. Кениата ба ҳукумати аввалини африкоии Кения сарварӣ кард.

• 12 декабри соли 1963 Кения давлати соҳибистиқлол эълон карда шуд.

?

1. Дар бораи ҳаракати миллию озодихоҳии халқи Кения далелҳо биёред.
2. Ҳукумати Англия бар зидди ҳаракати миллию озодихоҳии халқи Кения чӣ тавр мубориза мебурд?
3. Ҷараёни истиқлолият ба даст овардани Кения чӣ тавр сурат гирифт?

**КЕНИЯИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ.** Баъди истиқлолият ба даст овардан дар назди Ҳукумати Кения масъалаҳои хеле мушкили иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ истода буданд. Масъалаи таъхирнопазири ҳукумати Кения ба амал баровардани ислоҳоти замин буд. Ҳукумат заминҳои сафедпӯстонеро, ки ба ватанашон бармегаштанд, харида мегирифт. Ин заминҳо ба деҳқонон фурӯхта мешуданд.

Дар шаҳрҳо ба вазифаҳои давлатӣ ба ҷои сафедпӯстон сиёҳпӯстон таъйин карда мешуданд. Чунин тағйирот дар роҳбарӣ ба идораю ширкатҳо низ ба амал омад. Сармояи хусусӣ аз давлат ёрии зарурӣ гирифт.

Дар Кения бисёр вазифаҳои баландро ашхоси баромадашон аз Ҳиндустон ва Покистон ишғол карда буданд. Ин мансабҳоро африқоиаслҳо ишғол намуданд.

**САНАҲО, ВОҚЕАҲО, ДАЛЕЛҲО**

• Соли 1964 Сомалӣ ба Кения ҳуҷум кард. Ин давлат даъвогари як қисми қаламрави Кения буд. Соли 1967 низоъи мазкур тавассути миёнаравии Созмони Ягонагии Африқо бартараф карда шуд.

• Соли 1966 дар зери роҳбарии О. Одинга Иттиҳоди Халқи Кения таъсис дода шуд.

?

1. Дар Кения чи тағйиротҳои вобаста ба идораи муассисаҳои давлатӣ ва ширкатҳо ба амал омаданд?
2. Моҳияти қонуни соли 1967-и Кенияро муайян намоед.



*Расми 79. Бозори назди роҳ дар Танзания.*

**ҲАРАКАТИ МИЛЛИЮ ОЗОДИХОҲӢ ДАР ТАНГАНИКА.** Баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар Танганика мавҷи ҳаракати миллию озодихоҳӣ ва корпартоиҳо вусъат ёфтан гирифтанд. Коркунони бандарҳо ва мардуми дигари Доруссалом корпартой карданд. Дар шароити нав Иттифоқи Африқоиаслҳои Танганика ба муборизаи миллию озодихоҳӣ роҳбарӣ карда наметавонист. Аз ин рӯ, соли 1954 дар асоси он Иттифоқи Миллии Африқоии Танганика (ИМАТ) таъсис дода шуд. ИМАТ бо тезӣ ба ҳизби калони сиёсӣ табдил ёфт. Дар сафҳои он садҳо ҳазор африқоиаслҳо муттаҳид шуда буданд. Маъмурияти мустамликавӣ маҷбур шуд, ки ин нерӯи сиёсиро эътироф намояд.

Дар фаъолияти худ ИМАТ дар зери сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид будани Танганикаро ба ҳисоб мегирифт. Намояндагони СММ, ки ба Танганика ташриф оварда буданд, бо чашмони худ диданд, ки дар он ҷо ҳаракат барои истиқлолият ва нерӯи ба он роҳбарӣ мекардагӣ низ мавҷуд аст. Аз ин рӯ, Англияро даъват намуданд, ки ба Танганика истиқлолият бидиҳад.

Маъмурияти мустамликавии англисӣ Танганика маҷбур шуд, ки дар ин мустамлика баъзе гузаштҳо карда, мавкеи худро боз ҳам мустаҳкамтар намояд. Бо ҳамин мақсад соли 1954 дар Танганика конститутсияро ҷорӣ намуд. Мувофиқи ин конститутсия ба Шӯрои Қонунгузори Танганика, сарфи назар аз шумораи аҳолӣ, намояндагони баробари африқоиаслҳо ва сафедпӯстон муайян карда шуд. Тасаввур кунед, ки сафедпӯстон дар Танганика ҳамагӣ 20 ҳазор нафар буданд, лекин африқоиаслҳо 10 милион нафарро ташкил мекарданд. Ваќе бо сабаби зарурати доройи калони молумулкӣ танҳо 60 ҳазор нафар африқоиаслҳо метавонистанд дар интихобот иштирок намоянд. Солҳои 1958-1959 бори аввал дар Танганика интихобот доир гардид. Сарфи назар аз моҳияти нажодпарастонаи Конститутсия ИМАТ дар ин интихобот ғалаба кард.

Муборизаи миллию озодихоҳии мардуми Танганика натиҷаи мусбат дод. Соли 1960 ҳайъати интихобкунандагон васеъ ва аксарияти парлумонӣ барои африқоиаслҳо ҷорӣ карда шуд. Ньерере нахуствазир таъйин гардид.

9 декабри соли 1961 Танганика соҳибистиқлол эълон карда шуд.

1. Дар бораи Иттифоқи Миллии Африқои Танганика маълумот диҳед.
2. Кадом воқеаҳо ва далелҳо дар бораи муборизаи миллию озодихоҳии халқи Танганика шаҳодат медиҳанд?
3. Танганика кай ва чӣ тавр истиқлолият ба даст овард?

**ИСТИҚЛОЛИЯТ БА ДАСТ ОВАРДАНИ ЗАНЗИБАР.** Дар Занзибар 250 ҳазор нафар аҳолӣ зиндагӣ мекард, ки 17 фоизи онро арабҳо ташкил менамуданд. Ҳаракати зиддимустамликавӣ маҳз дар байни арабҳои Занбибар тавлид ёфт. Ин арабҳо Ҳизби Миллатгаро ташкил намуда, дар атрофи он муттаҳид шуданд.

Манфиатҳои африкоиаслҳоро Ҳизби Афро-Ширазӣ бо сардории Абейд Каруме ифода менамуд. Он ҳам дар Занзибар бар зидди сохти мустамликадорӣ мубориза мебурд. Дар интихоботи соли 1957 аксарияти интихобкунандагон ба номзадҳои ин ҳизб овоз доданд. Мустамликадорон низ барои дастгирии худ ҳизбҳои иртиҷоӣ ташкил менамуданд, вале онҳо дар Занзибар онқадар мавқеи калон надоштанд.

Истиқлолияти Занзибар ва Пемба 10 декабри соли 1963 эълон карда шуд. Баъди ин воқеа дар мамлакат инқилоб ба амал омад. Султон ва наҳуствазири мамлакат фирор карданд. Занзибар ҷумҳурӣ эълон гардид. Президенти он Абейд Каруме интихоб шуд.

**ТАНЗАНИЯИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ.** Дере нагузашта Танганика ва Занзибар бо ҳам муттаҳид шуда, Ҷумҳурии Муттаҳидаи Танзания ном гирифтанд. Муттаҳидшавии онҳо сабаб дошт. Аввалан, онҳо дар ҳамсоягии якдигар ҷойгир буданд. Дуюм, ҳам дар Танганика ва ҳам дар Занзибар гояи аҳзоби ҳукмрон якхела буд. Ҳардуи онҳо ният доштанд, ки дар кишвар "сотсиализми африкоӣ" созанд. Вале ин корро Иттиҳоди Миллии Африкоии Танганика пештар огоз карда буд.

Ба ҳар ҳол он вақт Танзанияи соҳибистиқлол бо кадом роҳи тараққиёт меравад, маълум набуд. Маълум набуд, ки сотсиализми Танзания демократии Ғарб аст ва ё демократияи сотсиалистии давлатҳои блоки коммунистӣ. Ҳар хеле ки набошад, баъди эълони истиқлолият ва муттаҳидшавӣ дар Танзания дигаргунсозиҳои сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ огоз ёфтанд.

1. Кадом давлатҳо муттаҳид шуда, Танзания ном гирифтанд?
2. Маънии "сотсиализми африкоӣ"-ро баён кунед.

## УГАНДА

**ИСТИҚЛОЛИЯТ БА ДАСТ ОВАРДАНИ УГАНДА.** Дар Уганда соли 1946 Ҳизби "Батака" таъсис ёфт. Роҳбарони он изҳор доштанд, ки намояндагони ҳақиқии халқ ҳастанд. Ин вақт кабак (шоҳ)-и Уганда Мутеси II дар Англия таҳсил мекард. Гуфтаи роҳбарони "Батака" ба ӯ дахл надошт. "Батака" намояндагони худро ба Лондон равон кард, то ки ба парлумон ва ҳукумати Англия талабҳои халқи Угандаро дар бораи истиқлолияти миллии Уганда расонанд.

Баъди аз Англия ба Уганда баргаштани Мутеси II "Батака" намоиши оммавиро ташкил намуд. Инро истифода бурда, маъмурияти мустамликавӣ ба торумори "Батака" шурӯъ кард. "Батака" манъ ва қариб 1,5 ҳазор нафар аъзои он аз ҷониби суд ба бадарга ҳукм карда шуд.

Созмони сиёсие, ки умумимиллӣ шуда, дар назди худ вазифаи ба даст овардани истиқлолияти Угандаро гузошт, Конгресси Миллии Уганда буд, ки онро заминдорони Уганда дастгирӣ менамуданд.

Мустамликадорон барои паст задани ҳаракати миллию озодихоҳии халқи Уганда чандин тадбирҳо андешиданд. Дар як гӯшаи Уганда федератсия ташкил

намуда, дар чои дигар вазъи фавкулодда эълон карданд. Бо ин рафтори худ онхо майлу иродаи халки Уганда ва арбобони сиёсии онро барои мубориза бахри озодии Уганда боз хам мустахкамтар карданд. Мустамликадорони англис дигар пеши рохи чараёни муборизаи сиёсиро дар Уганда гирифта натавонистанд.

Соли 1961 дар Уганда интихоботи умумимиллӣ доир гардид. Дар он Ҳизби Демократӣ, "Кабака еки" ("Ҳизби Мустакилиятхох") ва Конгресси Халкии Уганда иштирок карданд. Дар интихобот блоки Ҳизбҳои Конгресси Халкӣ ва "Кабака якка" ("Танхо Кабака") пурра галаба кард. Оботе нахуствазири хукумати нав таъйин шуд.

9 сентябри соли 1962 истиклолияти давлатии Уганда эълон карда шуд.

**САНАХО, ВОКЕАХО, ДАЛЕЛХО**

• Соли 1963 ба Конститутсияи Уганда тағйирот ворарда шуд. Мувофики он сардори давлат президент хисоб карда мешуд. Ӯро Мачлиси Миллӣ интихоб мекард. Ба ин вазифа Мутеса интихоб гардид.

• Соли 1966 нерӯхои иртичоии Уганда кӯшиш ба харч доданд, ки табаддулоти давлатӣ ба амал бароранд. Мутеса бо ёрии хоричӣ исёнчиёнро торумор кард. Кабака (шох) ба Лондон фирор кард. Ҳизби "Кабака ека" мавчудияти худро катъ кард. Уганда ба давлати унитарӣ табдил ёфт. Оботе президенти он интихоб гардид.

• Соли 1969 "Хартияи шахси оддӣ" - барномаи дар Уганда сохтани "чомеаи сотсиалистӣ" кабул карда шуд.

• Огози соли 1971 дар Уганда табаддулоти харбӣ ба амал омад, ки он генерал Иди Аминро ба сари кудрат овард. Оботе дар Танзания гурезгох ёфт. И. Амин фаъолияти хамаи созмонхои чамъиятиро манъ намуда, мамлакатро аз рохи сиёсии каблан интихобкарда баровард.

?

1. Дар бораи фаъолияти "Батака" ва "Кабака ека" маълумот дихед.
2. Кадом далелхо дар бораи муборизаи халки Уганда барои истиклолияти давлатӣ шаходат медиханд?
3. Уганда кай истиклолият ба даст даровард?
4. Баъд аз истиклолият ба даст даровардани Уганда дар он чо кадом вокеахо ба амал омаданд? Иди Амин кӣ буд?

## ЗАИР

**ҲАРАКАТИ МИЛЛӢ ДАР КОНГО.** То соли 1956 дар Конгӧ имконият набуд, ки ягон хел харакати миллӣ тавлид ёбад. Маъмурияти мустамликавӣ ба афкори чамъиятии Конго назорати сахт чорӣ кард. Вале баъдтар гурӯхи пешкадами конгоихо Эъломия интишор намуд. Ин ашхос дар атрофи мачаллаи "Консянс африкэн" муттахид шуданд. Дар эъломия гуфта мешуд, ки истиклолияти Конго эълон карда шавад. Он вакт ханӯз дар Конго хизбхои сиёсӣ набуданд. Онхо дар охирхои солхои 50-ум аслан дар асоси динию этникӣ ташкил карда мешуданд. Ба таври хакикӣ харакати миллӣ соли 1958 бо сардории Патрис Лумумба тавлид ёфт. Баъди ин чараёни таъсиси хизбхои сиёсӣ вусъат касб кард.

4 январи соли 1959 пулиси Белгия ба сӯи намоиши осоишта оташ кушод. Баъди ин воқеа дар мамлакат корпартоӣ ва бархӯрдҳо бо пулис ва артиш афзуданд.

Ҳукумати Белгия маҷбур шуд, ки бо намояндагони аҳзоби сиёсии Конго ба сари мизи музокирот биншинад. Мустамликадорони Белгия дар Конго Конфронси "Мизи мудаввар" доир намуданд. Дар айни замон ҳукумати Белгия ва ширкати "Юнион минер д. О. Катанга" аҳзоби мустамликапарасти пӯхтакмонанд таъсис намуда, тавассути онҳо кӯшиш ба харҷ медод, ки дар сафи ҳаракати миллию озодихоҳии Конго ҷудоӣ андозад. Сарфи назар аз ин, тарафдорони истиқлолияти Конго дар Конфронси "Мизи мудаввар" ғалаба карданд. Ин буд, ки санаи эълони истиқлолияти Конго муқаррар карда шуд.

Дар арафаи эълони истиқлолияти Конго - моҳи май соли 1960 ба мақомоти ҳокимияти марказӣ ва музофотҳо интихобот гузаронида шуд. Дар он Ҳаракати Миллии Конго ғалаба кард. Президенти мамлакат аз ҷониби парлумон Жозеф Касавубу, ки роҳбари ҳизби "Абако" буда ва дар қисмати Конгои Ғарбӣ нуфуз дошт, интихоб гардид.

**БӮҲРОНИ КОНГО.** Ба ҳукумати Конго Патрис Лумумба роҳбарӣ кард. Ҳукумат ба таҳияи барномаи навсозиҳои иқтисодию иҷтимоии мамлакат шурӯъ намуд. Вале ҳукумати Белгия бо баҳонаи ба амал омадани ошӯбҳо дар артиши Конго ба таҷовузи ҳарбӣ даст зада, ба Конго дастаҳои парашютчиёнро фиристонид. Дар Конго ҷудоӣ ба амал омад. Ҳукумати музофотҳои аз ҳама бойтарини Конго - Катанга ва Касаи бар зидди ҳукумати марказӣ бархоста, худро соҳибистиқлол эълон намуданд. Дар мамлакат ҷанги шаҳрвандӣ сар зад. Ба ин ҷанг аҳолии маҳаллиро ширкатҳои хориҷӣ, ки барои музофотҳои аз маъдан бои Конго мубориза мебурданд, игво меандохтанд. Дар байни музофотҳо алоқа канда ва таъмини аҳолӣ аз озуқа мушкил шуд. Иттиҳоди Шӯравӣ даъвати ҳукумати П. Лумумбаро барои ёрӣ қабул карда, бо тезӣ ба Конго ёрӣ расонид. Дар айни замон ҳукумати Конго ба Шӯрои Амнияти СММ ҳам муроҷиат кард. Шӯрои Амният ба Конго барои дастгирии ҳукумати қонунӣ артиши "кулоҳҳои сабз"-ро фиристод.



*Расми 80.* ***Патрис Лумумба.***

Тирамоҳи соли 1960 президенти Конго Касавубу эълон кард, ки Патрис Лумумба аз ҳокимият маҳрум карда шудааст. Вале парлумон ва ҳукумат ин иқдоми президентро дастгирӣ накарданд. Баъди ин гурӯҳи ҳарбиён исён бардоштанд. П. Лумумба ва ҳамсафони наздики ӯ моҳи январи соли 1961 аз ҷониби М. Чомбе ваҳшиёна кушта шуданд.

Баъди ин ҳукумати қонунии Конго бо сардории Антуан Гизенга, ки ҳамсафи П. Лумумба ва ҷонишини ӯ буд, ба шимолу шарқии мамлакат рафт. Парлумон бошад, дар зери фишори табаддулотчиён ҳукумати навро тасдиқ намуд.

Соли 1963 дар баъзе минтақаҳои Конго ҳаракати фидоиҳо оғоз ёфт. Ҷавобан ба ин бо сардории М. Чомбе ҳукумат ташкил карда шуд. Ба ӯ муяссар шуд, ки ба иштирокчиёни ҳаракати

фидоён зарбаи сахт заданд. Ин вақт дар байни М. Чомбе ва президент Ж. Касавубу ихтилоф сар зад. Дар моҳи октябри соли 1965 ҳукумати М. Чомбе барҳам хӯрд. Вале бо сабаби моҳи ноябри ҳамон сол ба амал омадани табаддулоти ҳарбӣ президент Касавубу низ аз вазифааш дур карда шуд.

Табаддулот дар Конго сарфармондеҳи артиш генерал Мобутуро ба сари қудрат овард. Ӯ эълон дошт, ки мақсади сиёсати ӯ барқарор кардани тартибот ва ваҳдат мебошад. Дере нагузашта Мобуту президент ва сардори ҳукумати Конго шуд.

Мобуту ғояи "заирикунонӣ"-и Конгоро оғоз намуд. Ӯ номҳои музофотҳоро тағйир дод. Мобуту ҳатто номи дарёи Конгоро ҳам дигар кард, он номи Заирро гирифт. Соли 1971 Мобуту номи Конгоро аз байн бардошта, онро ба "Заир" иваз намуд. Мобуту фармон баровард, ки мардуми Заир ному насаби аврупоии насронии худро бо номҳои заирӣ иваз намоянд. Худи ӯ ному насабашро бо "Сесе Секо Куку-Нгбенду" иваз намуд. Ғояи "заирикунонӣ" дар иқтисод ҳам паҳн карда шуд.

1. Ҳаракати миллӣ дар Конго кай, чӣ хел ва бо кадом мақсадҳо ба вуҷуд омадааст?
2. Ҷараёни истиқлолият ба даст овардани Конгоро баён сохта, дар ин бора далелҳо биёред.
3. Дар бораи бӯҳрони сиёсии Конго дар солҳои 1960-1965 маълумот диҳед.
4. Ғояи "заирикунонӣ"-ро бо мисолу далелҳо исбот намоед. Мақсади дар Конго татбиқкунии ин ғояро муайян созед.

## § 36. ҶАНУБИ АФРИҚО, АНГОЛА ВА МОЗАМБИК

**ШАРҲИ УМУМӢ.** Ҷараёни эълони истиқлолияти давлатҳои мустамликавии Африкои Ҷанубӣ нисбат ба минтақаҳои дигари Африқо дертар сурат гирифт. Режимҳои нажодпарасти мустамликавӣ ва пушту паноҳи онҳо - ширкатҳои инҳисории ҷаҳонӣ дар пеши ин роҳ монеаи асосӣ буданд. Махсусан тиллои ин минтақаи Африқо таваҷҷӯҳи давлатҳои бузурги сармоядори Ғарбро ҷалб мекард, чунки дар ду-се даҳсолаи баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ аз чор се ҳиссаи истеҳсоли тиллои ҷаҳонӣ ба Ҷумҳурии Африкои Ҷанубӣ рост меомад.

Сарфи назар аз ин, ҳудудҳои озодгардидаи Африқо ба сарҳадҳои Африкои Ҷанубӣ то ҷанде наздиктар шуданд мегирад. Режимҳои Африкои Ҷанубӣ тамоми чораҳоро меандешиданд, то ки дар ин ҷо ҳокимият ба дасти сиёҳпустон нагузарад. Барои ҳамин ҳукумати Иттифоқи Африкои Ҷанубӣ бо Португалия ва Федератсияи Родезияю Нясаленд иттифоқ мебанданд. Вале соли 1963 Федератсияи Родезия ва Нясаленд пароканда шуда, ба ҷои он дар ҳайати Иттифоқи Африкои Ҷанубӣ ва Родезияи Ҷанубӣ федератсияи нав ташкил меёбад.

Баъд аз инқилоби апрелии соли 1974 дар Португалия ин иттифоқ барҳам мехӯрад. Сарфи назар аз ин, ду режими бо ҳам монанд - Ҷумҳурии Африкои Ҷанубӣ ва Родезияи Ҷанубӣ бо ҳамдигар ҳамкорӣ мекарданд.

Дар Африкои Ҷанубӣ истиқлолият ба даст овардани мустамликаҳо оғоз гардид. Вале ин давлатҳо, ки аз чор тараф дар иҳотаи ҶАҶ, Родезия, Намибия ва Мозамбик буданд, пурра мустақил буда наметавонистанд. Онҳо ба Ҷумҳурии Африкои Ҷанубӣ тобеъ буданд.

Баъди барҳам хӯрдани Федератсияи Родезия ва Нясаленд ва ба вуҷуд омадани ҷумҳуриҳои Замбия ва Малавӣ (соли 1964) режими нажодпарасти Родезияи

Ҷанубӣ ин мамлакатро соҳибистиқлол эълон кард. Вале Британияи Кабир эълон дошт, ки барои тартибот дар Родезияи Ҷанубӣ масъул аст ва нагузошт, ки истиқлолияти Родезияи Ҷанубӣ амри воқеӣ гардад.

Соли 1967 дар Родезияи Ҷанубӣ ҳаракати чирикӣ баҳри ба африкоиҳо супоридани ҳокимият сар шуд. Дар ин мамлакат аксарияти аҳолӣ африкоиаслҳо буданд. Мақсади дигари муборизон Зимбабве ном гузоштани Родезияи Ҷанубӣ буд. Ба ҳар ҳол масъалаи озодшавии Родезия ба солҳои 70-ум мавқуф монд. Намибия - боз ҳам дертар.

Давлати дигари ин минтақа - Намибияро, ки дар гузашта зерваколати ҶАҶ буд, Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ ишғол кард. Созмони Милали Муттаҳид ҳуқуқи Намибияро барои истиқлолият эътироф кард ва розӣ шуд, ки он Намибия номида шавад. Ин ном аз номи биёбони Намиб гирифта шудааст. ҶАҶ худро дар ин ҷо соҳиби мулк тарошида, сари ҳар чанд вақт иброз медошт, ки мақоми Намибияро тағйир медиҳад, ё ба вилоятҳои алоҳидаи он ким-кадом мақомеро хоҳад дод. Ба ҳар ҳол ҳукуматдорони ҶАҶ ҳокимияташонро дар Намибия нигоҳ дошта, онро мувофиқи табъи худ Африқои Ҷанубу Ғарбӣ номиданд.

Дар Намибия ба ҳаракати миллию озодихоҳӣ созмони африкоиаслҳо СВАПО роҳбарӣ мекард. Раисии онро Сэм Нуйома ба ӯҳда дошт.

1. Ҷараёни истиқлолияти давлатӣ ба даст овардани халқҳои Африқои Ҷанубӣ чӣ тавр сурат гирифт?
2. Дар бораи истиқлолият ба даст овардани якчанд мамлакати Африқои Ҷанубӣ маълумот диҳед.

**ҶУМҲУРИИ АФРИҚОИ ҶАНУБӢ.** Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ талаботи давлатҳои иштирокчии онро бо ашёи хоми Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ зиёд кард. Аз ин рӯ, саноати ҶАҶ рӯ ба тараққӣ ниҳод. Шумораи коргарони дар саноат, нақлиёт ва тиҷорат шуғлмеварзидагӣ афзуд.

Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ мавқеи Британияи Кабирро дар мустамликаҳо заиф гардонид. Ин буд, ки ба ҶАҶ сармояи ИМА ворид шудан мегирад. Ширкатҳои амрикоӣ дар ин ҷо бо ширкатҳои англисӣ рақобат мекарданд.

Баъд аз ҷанг даромади ширкатҳои хориҷӣ ва маҳаллӣ то як дараҷа кам шуд. Ин ҳолат ба аҳволи заҳматкашон таъсири манфӣ расонид. Ба ин зуҳурот моҳи августи соли 1946 коргарон ва хизматчиёни конҳои Трансваал бо корпартоӣ ҷавоб гардониданд. Кӯҳканон талаб карданд, ки ҳадди ақали музди меҳнат дар як рӯз барои инсон сазовор муқаррар карда шавад.

Ҳукумати Смэтс гузашт накарда, бар зидди корпартофтагон, ки аксарияташон сиёҳпӯстон буданд, нерӯи ҳарбӣ истифода бурд. Созмони махфии иртиҷоии сармоядорони африкоиҳои сафедпӯст "Брудербонд" барои ба сари ҳокимият омадани Ҳизби Миллатгароӣ Малан (ҲММ) (Д.Малан сарвари ин ҳизб буд) ба ҳамаи корхонаю муассисаҳо сар даровардa, замина тайёр мекард.

**АПАРТХЕЙТ Ё ХУД "АПАРТЕИД".** Соли 1948 ҲММ дар интихоботи парлумонӣ ғалаба карда, ҳукумати якҳизбии худро таъсис намуда, эълон дошт, ки он сиёсати "апартеид"-ро пеш мебарад. Маънии "апартхейд" он аст, ки халқҳои ҶАҶ мувофиқи фарқияти ранги пӯсташон бояд алоҳида зиндагӣ кунанд. Гӯё ки африканерҳо (сафедпӯстони африкоӣ) нисбат ба сиёҳпӯстону рангинпӯстон дар

алоҳидагӣ беҳтар зиндагӣ мекарданд. Ин идеология имконият намедод, ки халқи ғайри африканерҳо дар идораи мамлакат иштирок намояд.

Талаботи аввалиндарачаи "апартеид" он буд, ки набояд африканерҳою сиёҳпӯстон (яъне нажодҳои гуногун) бо ҳамдигар омехта шаванд. Нажодпарастон ин ақидаи худро ба он асоснок менамуданд, ки африканерҳо мансуби калисои калвинистӣ ва Инчил мебошанд. Дар Инчил ғояи тақдири ҳар касро Қаламкаш пешакӣ муайян кардааст. Ҳеҷ мумкин нест, ки он вайрон карда шавад. Мувофиқи ғояи "апартеид" гӯё ки сафедпӯстон нажоди олӣ ва одамони мансуби нажодҳои дигар дуюмдарача мебошанд. Аз ин рӯ, ҳеҷ мумкин нест, ки сафедпӯстон бо сиёҳпӯстон омехта (ассимилятсия) шаванд.



*Расми 81. Ҷонибдорони истиқлолияти Намибия дар ҶАҶ гирдиҳамоӣ ташкил намуданд.*

Ҷонибдорони ғояи "апартеид" даъво доштанд, ки бо сабаби он, ки ҳар як нажод хусусиятҳои зиндагӣ ва ақидаю мафкураи худро дорад, бояд аз музаффариятҳои тамаддуни аврупоиҳо танҳо аврупоиҳо баҳравар шаванд.

Нажодпарастон асоснокии ғояи "апартеид"-ро боз дар он медиданд, ки гӯё агар намояндагони нажодҳои гуногун дар ҳамсоягии якдигар зиндагӣ кунанд, хоҳ нохоҳ дар байни онҳо бархӯрдҳо ба амал меоянд.

Соли 1951 дар ҶАҶ барӯйхатгирии аҳолӣ гузаронида шуд. Маълум гардид, ки дар мамлакат аз 3.8 миллион одами коркун сафедпӯстон танҳо 754 ҳазор нафарро ташкил мекунанд. Аз ин бармеояд, ки нерӯи асосии корӣ дар иқтисоди ҶАҶ-ро сиёҳпӯстон ва рангинпӯстон ташкил менамоянд. Инро нажодпарастон ба ҳисоб намегирифтанд. Фаҳмидан намехостанд ки иқтисоди ҶАҶ қариб пурра ба меҳнати сиёҳпӯстон ва рангинпӯстон асос ёфтааст.

Роҳбари Ҳизби Миллатгаро Д.Малан апартеидро сиёсати расмии ҳукумати ҶАҶ қарор дод. Ӯ ин назарияро бо ғояҳои авомфиребона "асоснок" менамуд. Масалан, идеологҳои "Брудербонд" чунин ғояро талқин мекарданд, ки гӯё африканерҳо "халқи хоҷа" буда, онҳоро худо интихоб кардааст. Мувофиқи ақидаи "Брудербонд" ва Ҳизби Миллатгарои Малана тамоми аҳолии мамлакатро чун аҳроме тасаввур кардан мумкин аст, ки дар қуллаи он африканерҳо, дар поёни онҳо -- сафедпӯстон, яъне англисҳо, немисҳо, аз онҳо поёнтар - яҳудиҳо, баъди онҳо дурагаҳо ва ҳиндуҳо истодаанд. Дар поёни онҳо бошад, миллионҳо африкоиаслҳо ҷой гирифтаанд. Брудербонд дар ҳамин асос ҶАҶ-ро аз тобеияти Британияи Кабир баровардa, соҳибистиқлол карданро ба ғоя ва талаби асосии худ табдил дод. Он вақт тамоми қонунгузории Ҷумҳурии Африкаи Ҷанубӣ дар асоси апартеид ба роҳ монда шуд.

### САНАҲО, ВОҚЕАҲО, ДАЛЕЛҲО

• Дар асоси апартеид соли 1950 қонуни "Дар бораи ҷобаҷокунии аҳолӣ ба гурӯҳҳо" қабул карда шуд. Мувофиқи ин қонун ҳар як гурӯҳи этникӣ дар минтақаҳои муайян сокин кунонида шуд.

• Мувофиқи "Қонун дар бораи арбитраж"-и соли 1956 африкоиасльҳо аз ҳама корҳои тахассусталаб пеш карда шуда, ба корҳои тахассуси баланд талаб намекардагӣ гузаронида шуданд.

• Соли 1956 "Қонун дар бораи маориф барои банту" қабул карда шуд, ки он барои гирифтани маълумот ба африкоиаслҳо ва фарзандони онҳо монеа гузошт.

• Аз соли 1927 боз дар мамлакат "Қонун дар бораи ахлоқ" вуҷуд дошт, ки он никоҳи сафедпӯстонро бо африкоиаслҳо манъ мекард.

• Мувофиқи "Қонун дар бораи бақайдгирӣ", ки соли 1950 қабул карда шудааст, ба дурагаҳо иҷозат дода намешуд, ки худро сафедпӯст ва африкоиаслҳо худро дурага номанд.

**БАНТУСТАНҲО.** Солҳои 60-ум дар ҶАҶ барои пурзӯр кардани сиёсати апартеид як қатор чораҳо андешида шуданд. Яке аз муҳимтарини онҳо қонун барои нажодпарастон "Дар бораи рушди худидоракунии банту" буд, ки он соли 1959 қабул карда шуда аст. Мувофиқи ин қонун бояд 364 резерватсия (як намуди мамнӯъгоҳҳо барои аҳолии африкоиаслҳо ва аҳолии дигари ғайрисафедпӯст) дар якчанд минтақаи мамлакат таъсис дода мешуданд, то ки онҳо дорои "ватанҳои миллӣ" гарданд. Ин истилоҳро метавон "бантустан"-ҳо ном бурд. Калонтарини ин бантустанҳои ташкилкардашуда Зулу, Коса, Батсванҳо, Басутои Шимолӣ ва Ҷанубӣ буданд. Қонун дар назар дошт, ки ба ҳар яки ин халқҳо дар минтақаи "ватани миллӣ"-и барои онҳо муайянкардашуда худидоракунӣ дода шавад.

Ҳукуматдорони сафедпӯсти ҶАҶ бо ин чораи худ ба аҳли ҷаҳон фаҳмониданӣ мешуданд, ки дар ин мамлакат ҳуқуқҳои африкоиаслҳо ва миллату халқиятҳои дигари ғайрисафедпӯст васеъ карда шуда истодаанд. Дар амал бошад, ин чораи нажодпарастон аҳволи зиндагии сокинони бантустанҳоро бадтар кард.

Соли 1963 парлумони сафедпӯстони ҶАҶ дар бораи таъсиси бантустани аввалин қонун қабул кард, ки номи он "Транскей" номида шуд. Ин бантустан дар мамлакат калонтарин буда, дар он халқи Коса сукунат дошт. Вале ҳамаи масъалаҳои марбут ба сиёсати хориҷӣ, мудофиа, амнияти дохилӣ, воситаҳои алоқа ва ғайра танҳо дар ихтиёри ҳукумат ва парлумони ҶАҶ буд. Аз ин рӯ, бантустанҳо мустақилияти пуч доштанд. Баъди Транскей бантустанҳои дигар ҳам ташкил карда шуданд.

Халқҳои мазлуми гирифтори апартеид бар зидди нажодпарастон мубориза мебурданд.

### САНАҲО, ВОҚЕАҲО, ДАЛЕЛҲО

• Конгресси Миллии Африқо ва Конгресси Ҳиндии Африқои Ҷанубӣ аз ҷумлаи созмонҳое буданд, ки барои ҳуқуқҳои халқҳои ғайрисафедпӯст мубориза мебурданд.

• Соли 1952 ҳарду конгресс маъракаи оммавии муқовимат бар зидди қонунгузории поймолкунандаи ҳуқуқи ғайрисафедпӯстонро доир

гардониданд. Дар сар то сари мамлакат шикастани қонунҳои нажодпарастон сурат гирифт. Ҳамаи онҳое, ки дар натиҷаи ин иқдом ба дасти мақомоти ҳокимияти сафедпӯстон меафтиданд, дар интихоби ҷазо аз тариқи ҷарима ва ё маҳбас, намоишкорона маҳбасро интихоб менамуданд. Дар натиҷа 8,5 ҳазор нафар африқоиасліҳо "ихтиёрӣ" ҳабс карда шуданд. Ин воқеа ҳазорон африқоиасліҳо ва халқҳои дигари ғайрисафедпӯстро ба сафҳои мубориза зидди апартеид овvarданд.

• 25-26 июни соли 1955 созмонҳои зидди нажодпарастӣ дар Йоҳаннесбург Конгресси халқҳоро доир гардониданд, ки дар он 3 ҳазор нафар вакилон аз тамоми гӯшаю канорҳои ҶАҶ ҷамъ омаданд. Конгресс Хартияи Озодиро қабул кард.

• Ҳукуматҳои нажодпараст бо сардории Мала Йоханнес, Стрейдом Фервурд ва Балтазар Форстер, ки дар ҶАҶ аз соли 1948 то солҳои 70-ум ҳукмронӣ кардаанд, бар зидди муборизони зидди нажодпарастӣ чораҳои сахти террористӣ ба кор мебурданд.

?

1. "Апартеид"-ро шарҳ диҳед.
2. Нажодпарастон барои дароз кардани умри ҳокимияти худ чӣ чораҳо меандешиданд?
3. "Бантустан"-ҳо чӣ хел ҷой мебошанд?
4. Африқоиасліҳо барои ҳуқуқҳои инсонии худ чӣ тавр мубориза мебурданд?

## АНГОЛА ВА МОЗАМБИК

**ШАРҲИ УМУМӢ.** Ин ду давлат яке дар тарафи шарқӣ (Мозамбик) ва дигаре дар тарафи ғарбии Африқои Ҷанубӣ (Ангола) воқеъ гардидааст. Дар байни Ангола ва Мозамбик Замбия, Родезияи Ҷанубӣ, дар ҷануб Намибия ва Ботсвана, дар Шимол бошад, Конго, Заир ва Танзания ҷойгиранд. Ангола ва Мозамбик то соли 1974 мулкҳои мустамликавии Португалия буданд.

Бо сабаби он, ки Португалия империяи мустамликавии хеле заиф буд, мустамликаҳояш ҳам ақибмонда буданд, аз он ҷумла Ангола ва Мозамбик ҳам.

Ширкатҳои португалӣ асосан ба истеҳсоли ашёи хом, коркарди аввалияи он ва тиҷорат машғул буданд. Португалиҳо майдонҳои киштизиёдро аз худ карда бошанд ҳам, аз ӯҳдаи рушди иқтисоди Ангола ва Мозамбик баромада натавонистанд. Аз ин рӯ, ҳанӯз дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX дар иқтисоди ин мустамликаҳо ширкатҳои калони англисӣ мақоми асосиро иҷро мекардагӣ шуданд. Ин вақт худи Португалия, ки империяи бузурги мустамликавиро ташкил медод, вобастаи Англия буд.

Португалия иштирокчии бевоситаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ набуд. Аз ин рӯ, он вақт ба ҳарду иттиҳоди давлатҳои бо ҳамдигар ҷангкунанда молҳои худро мефурӯхт. Ба ҳамин восита вазъи молиявию иқтисодии худро то як дараҷа беҳтар кард. Бо шарофати ҳамин маблағи ҷамъкардааш дар мустамликаҳо, аз он ҷумла, дар Ангола ва Мозамбик сектори давлатии сармоядориро мустаҳкам намуд. Дар баробари сармоягузории Португалия дар ин мустамликаҳо Амрико, Фаронса, Олмон, Белгия, Иттифоқи Африқои Ҷанубӣ ва Ҷопон низ сармоягузорӣ мекарданд. Дар шароити нав ширкатҳои англисӣ дар Ангола ва Мозамбик мавқеи инҳисории худро аз даст доданд.

Сармоядорони хориҷиро дар Ангола захираҳои бои нафт, алмос, оҳан, мис, уран, маҳсулоти кишоварзӣ – қаҳва, маис, пахта ва тамоку хавасманд мекарданд. Мозамбик мисли Ангола боигариҳои табиии бисёр надоштанд. Дар ин мустамликаҳо нерӯи кории изофа ниҳоят бисёр буд. Сармоядорон аз содироти он даромади калон ба даст медаровардаид. Дар конҳои Трансваали ҶАҶ аз Ангола ва Мозамбик соле аз 100 то 150 ҳазор нафар одамони касбу кори гуногун кор мекарданд.

Мустамликадорони Португалия баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ мустамликаҳои худро мисли пештара идора карда наметавонистанд. Барои ҳамин роҳҳои нави дар тобеияти худ нигоҳ доштани онҳоро ҷустуҷӯ мекарданд. Ҳукумати Салазар эълон дошт, ки мустамликаҳо минбаъд "музофотҳои он тарафи баҳр"-и Португалия мешаванд. Гӯё ки баъди ин Португалия мамлакати мустамликадор намешудааст.

Дар солҳои 50-ум ҳаракати миллию озодихоҳӣ дар мустамликаҳои африкоии Португалия пурзӯр шуд. Барои мавкеи худро дар он ҷо мустаҳкам кардан бо тезӣ наздикшавии Португалия бо Иттифоқи Африкои Ҷанубӣ ва Федератсияи Родезия ва Нясаленд ба амал омад. Соли 1963 Федератсияи Родезия ва Нясаленд барҳам хӯрд. Ҷои ин федератсияро Родезияи Ҷанубӣ ишғол кард. Португалия барои ҳамгиро сохтани давлатҳои Африкои Ҷанубӣ чораҳои мушаххас андешид. Он низоми ягонаи таъмин аз нерӯи баркро ташкил намуд. Барои татбиқи ин нақша дар дарёи Замбезии Мозамбик яке аз комплексҳои гидроэнергетикии калонтарин дар ҷаҳон - Кабора Басса сохта шуд. Дар ҷанубии Ангола - дар дарёи Кунен низ гидроэлектростансия сохта шуд. Ин нерӯгоҳҳои баркӣ бо ҳамроҳии нерӯгоҳҳои Кариб дар Родезия ва нерӯгоҳҳои ҶАҶ бояд асосҳои иктисодии Африкои Ҷанубии мустамликавию нажодпарастиро катъиян пурзӯр мекарданд. Баъди сохта шудани Кабора Басса ва ба замон мувофиқ намудани майдонҳои кишт дар назар дошта шуда буд, ки аз Португалия аҳолии зиёд ба ин ҷо кӯчонида оварда шавад. Муҳоҷирони нави португалӣ бояд на камтар аз 1 милион нафарро ташкил медоданд. Нақшаҳои мустамликадорон нисбати Ангола низ ҳамин тавр буд. Вале ин нақшаҳо амалӣ нашуданд. Аз аввали солҳои 60-уми дар Ангола ва Мозамбик ҳаракати озодихоҳии мусаллаҳона оғоз ёфт.

1. Исбот кунед, ки Португалия империяи мустамликавии заиф буд.
2. Ҳукумати Португалия сиёсати мустамликавии худро дар Африко дар шароити нав чӣ тавр ба роҳ монданӣ буд?
3. Нақши Иттифоқи Африкои Ҷанубӣ (Ҷумҳурии Африкои Ҷанубӣ)-ро дар мустамликадории минтақа муайян созед.

**МУБОРИЗАИ ОЗОДИХОҲОНАИ ХАЛҚҲОИ АНГОЛА ВА МОЗАМБИК.** Дар Ангола ва Мозамбик муборизаи миллию озодихоҳӣ шакли мусаллаҳонаро гирифт. Ба ин мубориза дар Ангола Ҳаракати халқӣ барои озодкунии Ангола (МПЛА) роҳбарӣ мекард. Дар Мозамбик бошад ба ҳаракати миллию озодихоҳӣ Ҷабҳаи Озодибахши Мозамбик (ФРЕЛИМО) сарвар буд.

Фаъолияти МПЛА ҳанӯз дар охирҳои соли 1956 оғоз ёфтааст. Он вақт якчанд гурӯҳ ва маҳфилҳои сиёсӣ, ки пинҳонӣ амал мекарданд, муттаҳид шуда, талаб карданд, ки дар Ангола сохти мустамликавӣ барҳам зада, дар он ҷо режими демократӣ таъсис намуда, маҳбусони сиёсӣ озод карда шаванд.

Роҳбари эътирофшудаи МПЛА Агостино Нетто буд. Ӯ баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ барои фаъолияти инқилобӣ 3 маротиба ҳабс шудааст. Агостино Нетто соли 1962 раиси МПЛА интихоб гардидааст.

Мубориза мусаллаҳонаи МПЛА 4 феврали соли 1961 аз ҳамлаи ватандӯстони Ангола ба маҳбаси шаҳри Луанда оғоз ёфт. Дере нагузашта иштирокчиёни муборизаи мусаллаҳонаро бар зидди мустамликадорони Португалия қисмати зиёди аҳолӣ, аз он ҷумла дурагаҳо низ дастгирӣ намуданд. Фидоиён аз усулҳои ҷанги чирикӣ истифода мебурданд. Дар ҷараёни мубориза бар зидди мустамликадорони португалӣ Артиши Халқии Озодибахши Ангола ташкил карда шуд.

Мустамликадорони португалӣ нисбат ба Артиши миллии анголагиҳо хубтар мусаллаҳ буданд, чунки аслиҳаро аз НАТО мегирифтанд. Португалия узви ҳамин паймони ҳарбӣ буд.

**САНАҲО, ВОҚЕАҲО, ДАЛЕЛҲО**

• Дар муқобили МПЛА дар миёнаҳои солҳои 50-ум Ҷабҳаи Миллии Озодибахши Ангола (ФНЛА) таъсис ёфт. Он аввал Иттифоқи Халқҳои Шимол ном дошт. Роҳбари ин созмон Холден Роберто буд.

• Соли 1958 МПЛА Иттифоқи Халқҳои Ангола ном гирифт. Баъдтар он Ҷабҳаи Миллии Озодибахши Ангола номгузорӣ шуд.

• Соли 1962 Иттифоқи миллӣ баҳри истиқлолияти пурраи Ангола (УНИТА) таълид ёфт.

• Соли 1966 дар баробари Ҷабҳаи Шимолӣ Ҷабҳаи Шарқӣ низ таъсис ёфт. Ин ҷабҳа дар наздикии сарҳади Замбия амал мекард.

• Соли 1972 МПЛА амалиётҳои густурдаи ҳарбиро ҳам дар самти ҷанубу ғарбӣ ва ҳам дар наздикии сарҳади Намибия вусъат дод.

• Соли 1974 дар натиҷаи ғалабаи инқилоб империяи мустамликавии Португалия барҳам хӯрд ва намояндагони ҳукумати нави Португалия ба ҳарсе созмони Ангола - МПЛА, ФНЛА ва УНИТА дар бораи низоми гузариши Ангола ба истиқлолият ба имзо расонид. 11 ноябри соли 1975 истиқлолияти Ангола эълон карда шуд. Баъди ин неруҳои ҳарбию сиёсӣ ба ҳайти осоишта шурӯъ накарда, бар зидди ҳамдигар ҷанг оғоз карданд. Ба ҷанги шаҳрвандӣ давлатҳои хориҷӣ дахолат карда, яке ба МПЛА, дигаре ба ФНЛА ва сеюмин ба УНИТА ёрии ҳарбӣ мерасониданд. Ҳамин тариқ, ҷанг дар ин мустамликаи собиқи Португалия муддати дуру дароз давом кард.

Дар Мозамбик бошад, шӯриши мусаллаҳонаи халқ бар зидди ҳукмронии Португалия соли 1964 оғоз ёфт. Ба ин мубориза Ҷабҳаи Озодибахши Мозамбик бо номи ФРЕЛИМО роҳбарӣ мекард, ки аслан ҳизби сиёсӣ буд. Ин ҳизб аз ҷониби намояндагони якчанд созмони сиёсии дар Танганика, Кения, Родезияи Ҷанубӣ ва Нясаленд дар муҳоҷиратбуда ҳанӯз соли 1962 таъсис дода шуда буд. Раисии ФРЕЛИМО-ро Эдуардо Мондлане ба ӯҳда дошт. Ӯ дар яке аз деҳаҳои Мозамбик таваллуд шуда, дар Ҷумҳурии Африкои Ҷанубӣ ва баъд дар Донишгоҳи Лиссабон маълумот гирифтааст. Сари чанд вақт ӯ дар СММ кор мекард ва дар Донишгоҳи Сиракуза дарс медод.

ФРЕЛИМО муборизаи мусаллаҳонаро бо усули чирикӣ асосан дар шимолии Мозамбик оғоз карда, баъд онро дар музофоти Тетеи воқеъ дар ғарби Мозамбик ва навоҳии дигари он паҳн кардааст.

Ҳукуматдорони Португалия ба муборизаи мусаллаҳонаи халқи Мозамбик бо террор ҷавоб гардониданд. Дастаҳои ҷазодиҳандаи португалӣ деҳаҳоро оташ зада, сокинони онҳоро қатл мекарданд, захираҳои ғалладонаро нест карда, бо ҳамин аҳолиро ба доми марг мепартофтанд. Террор бар зидди арбобони ҳаракати миллию озодихоҳонаи Мозамбик ҳам нигаронида шуда буд. Мустамликадорон Эдуардо Мондланеро соли 1969 дар Доруссалом қатл карданд.

Мустамликадорони португалӣ барои дароз кардани умри мустамликадории худ дар Мозамбик аз воситаҳои гуногун истифода мебурданд. Яке аз чунин воситаҳо деҳаҳои "алдеаменто" буданд. Португалиҳо дар гирдогирди масоҳатҳои муайян аз аскарон постгоҳҳо ташкил намуда, мардуми чандин деҳаро ба он ҷо ҷой карда меоварданд, то ки бо чирикҳо алоқа карда натавонанд. Португалиҳо садҳо чунин "алдеаменто"-ҳоро ташкил намуданд. Бо вуҷуди ин, пеши роҳи ҳаракати миллию озодихоҳии халқи Мозамбикро гирифта натавонистанд.

Дар ин мустамлика баъд аз ғалабаи инқилоб дар Португалия нерӯҳои озодибахш ба мақсад расиданд. 25 июни соли 1975 Мозамбик истиқлолият ба даст овард. Ҳокимият ба дасти ФРЕЛИМО гузашт. Ба ҳукумати Мозамбик Самора Машел роҳбарӣ кард.

?

1. Дар бораи ҷараёни муборизаи миллию озодихоҳии халқи Ангола нақл кунед.
2. Кадом воқеа барои ба истиқлолият ноил шудани Ангола сабаб шуд?
3. "Алдеаменто"-ҳо чӣ хел деҳаҳо буданд?
4. Мозамбик кай истиқлолият ба даст овард?

## ХУЛОСА МЕБАРОРЕМ

Инак, Шумо, хонандагони гиромӣ, омӯхтани ин китоби дарсиро ба анҷом расонида, оид ба таърихи мамлакатҳои ҷаҳон дар солҳои 1945-1970 то як дараҷа тасаввурот ҳосил намудед. Маълум гардид, ки ин даврак таърихи башар аз рӯйдоду воқеаҳо, равандаҳои гуногуни ҷамъиятию сиёсӣ ва иқтисодӣ бой буда, вале на ҳамаашон мусбатанд. Оид ба ин давраи таърихи ҷаҳон мухтасар хулоса мебарорем.

**Хулосаи 1.** Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба аҳли башар ва сарварони давлатҳои бузург хушдор дод, ки инсон дар назди қудрати ҳарбии ҷангҷӯён оҷиз аст. Ӯ худро аз ин қудрати бераҳму шафқат ҳифз карда наметавонад. Дар натиҷаи ҷанг миллионҳо одамони бегуноҳ, аз он ҷумла, модарону кӯдакон ҷонҳои худро аз даст доданд. Аз ин рӯ, сарварони Иттиҳоди давлатҳои зиддифашистӣ бар он ақида шуданд, ки минбаъд ҳамаи масъалаҳои баҳсталаби байналхалқӣ бояд на аз тариқи силоҳу зӯроварӣ, балки дар музокирот ва ба тариқи осоишта, яъне бо роҳҳои сиёсӣ ҳаллу фасл карда шаванд. Барои гирифтани пеши роҳи ин даҳшат ба механизми байналхалқӣ зарурат ба миён омад. Ин буд, ки Иттиҳоди Шӯравӣ, Иёлоти Муттаҳидаи Америко, Британияи Кабир, Фаронса ва Чин ҳамчун ғолибони асосии Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, ки дар ин лаҳзаи хассосу тақдирсоз масъули тақдири аҳли башар буданд, тасмим гирифтанд, ки созмони бонуфузи байналхалқӣ таъсис бидиҳанд. Ҳамин тариқ, соли 1945 Созмони Милали Муттаҳид таъсис дода шуд, ки он дар тӯли шаст соли мавҷудияташ омили асосии ҳифзи ҳуқуқи инсон, пешгирии ҷанги нави ҷаҳонӣ ва бархам задани низоъҳои глобалӣ (умумиҷаҳонӣ), минтақавӣ ва миллӣ эътироф шудааст.

**Хулосаи 2.** Манфиатҷӯӣ ва нобоварӣ аз якдигар давлатҳои бузурги Иттиҳоди зиддифашистии дирӯзаро дар муқобили ҳамдигар гузоштанд, ки натиҷаи он "ҷанги сард" ва мусаллаҳшавии бошитоби ду низоми сиёсии ҷаҳонӣ гардид.

**Хулосаи 3.** Ҷамъбасти Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ харитаи сиёсии ҷаҳонро бар зарари давлатҳои дар ин ҷанг шикастхӯрда ва империяҳои мустамликавӣ тағйир дод.

**Хулосаи 4.** Қисми давлатҳои аз истилои фашистӣ ва ҳолати ишғолӣ озодгардида бо ёрии Иттиҳоди Шӯравӣ роҳи сотсиалистии рушдро интихоб намуданд. Ҳамин тариқ, низоми ҷаҳонии сотсиализм таваллуд ёфт, ки он тӯли қариб 50 сол арзи вуҷуд кард. Давлатҳои ин низом сохти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, идеологияи ҳукмрони давлатӣ ва меъёрҳои ҳуқуқию ахлоқии якхелаи худро доштанд.

**Хулосаи 5.** Баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҳаракати миллию озодихоҳӣ дар мамлакатҳои мустамлика ва тобеъ аз нав авҷ гирифт. Дар ин ҷанг иштирок карда, мардуми ин давлатҳо боварӣ ҳосил карданд, ки онҳо ҳам дорои қудрати бузург буда, баҳри истиқлолияти ватани худ мубориза бурда, ба мақсад ноил шуда метавонанд. Як қисми давлатҳои мустамлика дар баробари анҷомёбии ҷанг истиқлолият эълон карданд, ки дар байни онҳо Ҳиндустон, Покистон ва Индонезия барин давлатҳои сераҳолӣ буданд. Аз мардуми аз зери зулми мустамликавӣ озодшуда ибрат ва илҳоми тоза гирифта, халқҳои мустамликаҳои Британияи Кабир, Олмон, Иёлоти Муттаҳидаи Америко, Голландия, Фаронса, Италия, Белгия, Португалия, Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ ва Ҷопон барои аз зери зулми мустамликавӣ озод шудан ба муборизаи қатъӣ бархостанд. Натиҷаи ин мубориза он шуд, ки занҷири мустамликавӣ шикаст ва мустамликаҳо дар

Африко, Осиё ва Америкаи Лотинӣ пасиҳам истиқлолият эълон карданд. Нуқтаи охиринро дар ин раванд СММ гузошт. Ичлосияи Кулли XV он соли 1960 дар бораи барҳам задани низоми мустамликадорӣ карори таърихӣ кабул кард. Чараёни аз ҳолати мустамликавӣ озодшавии мамлакатҳои мустамлика ва тобеъ то соли 1974, яъне то ғалабаи инқилоб дар Португалия давом кард. Охирин мустамликае, ки соли 1989 истиклолият ба даст овард, Намибия буд.

**Хулосаи 6.** Мамлакатҳои аз зулми мустамликавӣ озодшуда бо қувваи худ истиклолияти воқеии иқтисодии худро таъмин карда наметавонистанд. Аз ҳамин сабаб, маҷбур шуданд, ки аз сармоягузорони хориҷӣ ёрӣ талабанд. Ин кор мамлакатҳои ҷавонро аз нав ба давлатҳои абарқудрат ва ширкатҳои инҳисории хориҷӣ тобеъ кард.

**Хулосаи 7.** Дар як қисми мамлакатҳои аз зулми мустамликавӣ озодшуда бо сабаби набудани низоми устувори сиёсӣ ва мавҷудияти нерӯҳои гуногуни миллии бо ҳам оштинопазир ҷангҳои шаҳрвандӣ ба амал омаданд. Бо дахолати СММ, созмонҳои минтақавӣ ва давлатҳои миёнарави бонуфузи ҷаҳон дар аксарияти он давлатҳо сулҳу субот ва оштии миллӣ баркарор гардида, низоми сиёсию иқтисодии онҳо ташаккул ёфт. Лекин дар якчанд давлат низоъҳои миллӣ солҳои тӯлонӣ идома ёфтанд.

**Хулосаи 8.** Баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар давлатҳои Ғарб низоми демократӣ аз нав баркарор карда шуд ва он муттасил густариш ёфт. Ҷараёни демократикунонии ҳаёти ҷомеа дар ин давра давлатҳои бештари ҷаҳонро фаро гирифт ва ин раванд мароми асосӣ ва арзиши ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеаи ҷаҳониро ташкил намуд.

***Шумо, хонандагони арҷманд,*** дар синфи 11-ум марҳалаи охирини таърихи ҷаҳонро хоҳед омӯхт, ки он солҳои 1971-2005-ро дар бар мегирад. Дар ин марҳала дар ҷаҳон вокеаю равандҳои ҷолиб сурат гирифтанд, ки як қисми онҳо баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва аз он ҳам пештар оғоз ёфта буданд. Барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва тамоми мардуми Тоҷикистон яке аз воқеаҳои хурсандибахши ин давра он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистони азизи мо истиклолияти давлатӣ ба даст овард. Ба арзи Шумо мерасонам, ки 9 сентябри соли 2006 15 - солагии истиклолияти давлатии Тоҷикистон бо тантана ва шодию сурур ҷашн гирифта мешавад.

# МУНДАРИҶА

Мукаддима....................................................................................................3

**БОБИ I. ТАҒЙИРОТ ДАР ҶАҲОН**

§1.Таълиди низоми нави ҷаҳонӣ....................................................................4
§2. Ҷанги сард....................................................................................................9
§3. Мубориза бахри сулҳ дар ҷаҳон...............................................................14
§4.Барҳамхӯрии низоми мустамликадорӣ....................................................17

**БОБИ II. МАМЛАКАТҲОИ ҒАРБ**

§5.Тамоюлоти нав дар рушди мамлакатҳои Ғарб......................................20
§6.Иёлоти Муттаҳидаи Америко дар солҳои авали баъди ҷанг..................26
§7.Иёлоти Муттаҳидаи Америко дар роҳи рушду нумӯъ............................31
§8.Британияи Кабир баъд аз ҷанг ва ҳукмронии ду ҳизби сиёсӣ................37
§9.Фаронса аз Маҷлиси Муассисон то истеъфои Шарл де Голл..................42
§10.Олмон ва Италия: эҳёи нав.....................................................................48
§11.Мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ.............................................................53

**БОБИ III. НИЗОМИ ҶАҲОНИИ СОТСИАЛИЗМ**

§12.Таълиди низоми ҷаҳонии сотсиализм....................................................60
§13.Иттиҳоди Шӯравӣ дар солҳои охирини аҳли Сталин..............................64
§14.Иттиҳоди Шӯравӣ дар марҳалаи нав......................................................71
§15. Чин бо роҳи нав меравад.......................................................................77
§16.Корея дар марҳалаи нави таърихӣ.........................................................82
§17.Ветнам: мубориза бахри ягонагӣ ва истиклолият....................................87

**БОБИ IV. МАМЛАКАТҲОИ ОСИЁ**

§18.Осиё ва осиёиён......................................................................................91
§19.Эҳё ва гул-гулшукуфии Ҷопон.................................................................96
§20 Индонезия: рӯй ба сӯи истиклолият........................................................101
§21.Занҷири мустамликадориро шикастани Ҳиндустон.................................106
§22.Ҷумҳурии Ҳиндустон дар роҳи тараккиёт...............................................112
§23.Покистон аз таъсисёбӣ то таксимшавӣ ба ду давлат...............................118
§24.Афғонистон ба оянда и хеш умед мебандад............................................125
§25.Эрон аз соли 1945 то "Инкилоби Сафед"................................................130
§26.Мушкилоти пешрафти миллии Туркия.....................................................137
§27.Мамлакатҳои араб: шарҳи умумӣ............................................................143
§28.Низоъи Арабу Исроил...............................................................................147
§29.Арабистони Саудӣ ва Яман дар марҳалаи нави рушд..............................153
§30.Ирок ва Сурия: талоши барои озодӣ ва пешрафт......................................160

**БОБИ V. ХАЛКҲОИ АФРИКО ДАР РОҲИ ИСТИКЛОЛИЯТ**

§31.Зиндагии африкоиҳо дар зери зулми мустамликадорон.........................167
§32.Миср аз вобастагӣ рӯй ба пешрафт............................................................171
§33.Мамалкатҳои Магриби Араб озод мешаванд.............................................177
§34.Мамлакатҳои Африкои Тропикӣ.................................................................185
§35.Мамлакатҳои Африкои Марказӣ ва Шаркӣ................................................190
§36. Ҷануби Африко, Ангола ва Мозамбик........................................................197
Хулоса мебарорем ...........................................................................................205